Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад. Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам.

**Эмомалӣ РАҲМОН**


# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Абдулло РАҲМОНЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Бахром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО



**Маорифи Тоҷикистон**

**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 6560 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№12**

**№12 (248), 2025**

# М У Н Д А Р И Ҷ А


РОҲНАМО

**Ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафта вобаста аст** (*Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ)*........................3

БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ

Н. НУРАЛИЗОДА. Нақши Паёмҳои Пешвои миллат дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм (2000-2025) ........................16

СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲИФЗИ ПИРЯХҲО

Ш. САФАРОВ, А. ОРИФОВ, Б. ЗУЛФОНОВ. Пиряхҳо – манбаи сарчашмаи обии дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ........................24

МУСОҲИБА

Н. НУРАЛИЗОДА. Натиҷаҳои қабули донишҷӯён тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2025-2026 ........................27

НАЗОРАТИ ДОХИЛИМАКТАБӢ

И. ХОЛНАЗАРОВ. Роҳбари муассисаи таълимӣ ва муҳайё намудани муҳити мусоиди корӣ..31

ИСЛОҲОТ

С. НАБИЗОДА. Шаклҳо ва арзёбии корҳои хаттӣ дар низоми 10-хола ........................33

ЗАБОНДОНӢ – ҶАҲОНДОНӢ

Ф. ХИДИРОВА, С. АРБОБОВА. Зарурати омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар замони муосир......40

БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ

С. АБДУҚАҲҲОР. Истифодаи озмоишгоҳҳои маҷозӣ дар раванди таълими физика................42

ГЕОГРАФИЯ

Ш. СОДИҚОВ. Талаботи методӣ ба дарси муосир........................46

ТЕХНОЛОГИЯ ВА ЗАМОН

Н. АКБАРОВ. Истифодаи усули кластер дар компютерҳои хурд ва калон ........................51

САНАД

Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042........................55

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

Н. СУЛАЙМОНШОЕВ. Муаммои «Маориф» ........................64

# ОЯНДАИ БОСАОДАТИ ДАВЛАТУ МИЛЛАТ АЗ ИЛМУ МАОРИФИ ПЕШРАФТА ВОБАСТА АСТ

*Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ*

*16.12.2025, шаҳри Душанбе*



**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Соли 2025 барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва давлати соҳибистиқлоли тоҷикон бо дастовардҳои назаррас ва рӯйдодҳои муҳим боз як соли таърихӣ гардид. Моҳи марти соли 2025 интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне, чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ дар фазои озод, шаффоф ва дар сатҳи баланд баргузор гардиданд. Дигар рӯйдоди таърихӣ – ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии тайи беш аз сад соли охир ҳалношудаи байни ду давлат – Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо имзои шартнома дар бораи муайян кардани хатти сарҳади давлатӣ мебошад. Ҳамчунин, шартнома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расид, ки барои рушди минтақа ва идомаи ҳамкориҳои судманд заминаи мустаҳками ҳуқуқиро фароҳам месозанд.

Соли 2025 Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии худ ҷиҳати амалисозии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххоро мизбонӣ намуд. Қобили зикр аст, ки рӯзи 12-уми декабри соли ҷорӣ бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҷаласаи 7-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист қатънома доир ба «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» қабул карда шуд. Бо ташаббуси дигари кишвари мо қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қабул гардид. Илова бар ин, ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали қадим зимни иҷлосияи 47-уми Кумитаи мероси ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж баёнгари эътирофи ташаббусҳои Тоҷикистон мебошад. Он ҳам боиси ифтихор аст, ки 12-уми декабри соли ҷорӣ бо иқдоми Тоҷикистон қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» қабул гардид. Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҳамватанони азиз!**

Тайи даҳ соли охир, яъне, дар давраи татбиқи ду барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар, ки марҳалаҳои фосилавии иҷрои Стратегияи миллии рушд то соли 2030-ро дар бар мегиранд, ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бисёр иқдомоти муҳимму самарабахш амалӣ карда шуданд. Дар натиҷа ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар зиёд гардида, иқтисоди миллии мо ҳар сол ба ҳисоби миёна 7,6 фоиз афзоиш ёфт. Барои таъмин намудани рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат дар ин муддат аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ беш аз 670 миллиард сомонӣ, аз ҷумла, 159 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ равона гардид. Дар ин давра маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзоиш ёфта, аз 6 ҳазор сомонии соли 2015 ба 16,4 ҳазор сомонӣ дар соли 2025 расонида шуд. Аҳолии кишвар аз 8,5 миллион нафари соли 2015 ба 10,7 миллион нафар дар соли 2025 расид, яъне, 26 фоиз зиёд гардид ва нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ аз 70 ба 77 сол расид. Дар ин муддат сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфт. Даромади пулии аҳолӣ аз 26 миллиард сомонии соли 2015 то 165 миллиард сомонӣ дар соли 2025, яъне, беш аз шаш баробар афзоиш ёфт.

Соли 2025 Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар барои солҳои 2026 – 2030 ҳамчун марҳалаи ниҳоии Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид. Амалисозии саривақтӣ ва сифатноки он имкон медиҳад, ки дар панҷ соли оянда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз зиёд гардад. Дар ин давра рушди иқтисодӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 8,7 фоиз, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноат 20 фоиз, кишоварзӣ 8,4 ва ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ 11,7 фоиз афзоиш меёбад. Вобаста ба ин, ба Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки барои ноил гардидан ба афзалиятҳои рушд амалисозии саривақтӣ ва пурраи Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026 – 2030-ро таъмин намоянд.

Ҳоло дар кишвар дар самти ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ, сохтмону азнавсозии иншооти энергетикиву нақлиётӣ, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, тавсеаи хизматрасониҳо, густариши ҳамкориҳои минтақавию байналмилалӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муҳим тадбирҳои мушаххас амалӣ шуда истодаанд. Соли 2025 маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба 173 миллиард сомонӣ расида, суръати рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил дод. Дар баробари ин, моро зарур аст, ки суръати рушди иқтисоди миллиро дар соли 2026 на кам аз 8 фоиз ва солҳои минбаъда низ устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро таъмин намоем.

Ҳукумати мамлакат бояд самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, саноатикунонии босуръат бо технологияҳои муосир, истифодаи имкониятҳои транзитӣ ва сайёҳӣ, идомаи ислоҳоти идоракунии давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар гардонидани

фазои сармоягузориро тақвият бахшад. Дар ин раванд, ба идоракунии самараноки корхонаҳои давлатӣ, рушди иқтисоди «сабз» ва «даврагӣ», гузариш ба модели иқтисодии ба донишу навоварӣ асосёфта, рушди сармояи инсонӣ ва пешгирӣ кардани таъсири тағйирёбии иқлим бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

**Вакилони муҳтарам!**

Пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хизматрасонӣ табдил дода шаванд. Парламенти кишварро зарур аст, ки барои таъмин намудани заминаи ҳуқуқии гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ чораҷӯӣ намояд. Дар ин раванд, Хадамоти алоқа вазифадор карда мешавад, ки ҷиҳати амалисозии иқдомоти созанда дар доираи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия», инчунин, дар асоси ҳадафу вазифаҳои стратегии кишвар лоиҳаи «Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Зарур аст, ки ҷиҳати бо интернети баландсуръат таъмин намудани аҳолӣ ва рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла таҷдиди хатҳои нахиву нурии байнишаҳрӣ ва зиёд намудани хатҳои байналмилалӣ чораҳои фаврӣ андешида шаванд. Вазорати рушди иқтисод ва савдо ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ вазифадоранд, ки якҷо бо вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва молия талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд. Ҳамчунин, ба Вазорати молия, Бонки миллӣ, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода мешавад, ки корро ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи инфрасохтори пардохт тақвият бахшанд. Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ҷиҳати пурра ҷорӣ намудан ва оммавӣ гардонидани сомонаи ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешад.

Имрӯз моро зарур аст, ки раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсониро дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш диҳем. Як мисоли одӣ: Дар солҳои гузашта, яъне, то ҷорӣ намудани технологияҳои муосири ҳисоб ва пардохти неруи барқ – низоми рақамии биллингӣ дар ҳисоботи шабакаҳои барқ 30 – 40 фоизи аҳолӣ ҳаққи истифодаи неруи барқро пардохт намекард. Баъд аз ҷорӣ шудани низоми нави биллингӣ 100 фоизи аҳолӣ ҳамчун пурра пардохткунандаи ҳаққи истифодаи неруи барқ ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки қаблан таҳти таъсири омилҳои инсонӣ ё сӯиистифода аз мансаб аз тарафи баъзе кормандони соҳа пардохтҳо пурра ба ҳисоб гирифта намешуданд ва талафоти беасоси неруи барқ ба таври сунъӣ ба зиммаи аҳолӣ ва дигар гурӯҳҳои истифодабарандагони неруи барқ гузаронида мешуд. Танҳо дар шаҳри Душанбе дар натиҷаи ҷорӣ намудани низоми рақамии биллингӣ дар 11 моҳи соли равон талафот 13 фоизро ташкил кард, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 7 банди фоизӣ кам мебошад.

Дар моҳи октябри соли ҷорӣ сатҳи талафот дар шаҳри Душанбе то 5,1 фоиз аз 15,1 фоизи октябри соли 2024, яъне 10 банди фоизӣ кам карда шуд.

Талафоти неруи барқ дар кишвар дар 11 моҳи соли ҷорӣ 3 миллиард киловатт – соатро ташкил карда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 500 миллион киловатт – соат кам шудааст. Дар ин муддат беш аз 100 ҳазор муштариёни нав ба қайд гирифта шуда, ба низоми энергетикӣ якуним миллиард сомонӣ маблағ ворид гардидааст. Талафот дар шаҳри Душанбе дар 11 моҳи соли ҷорӣ аз 20 ба 13 фоиз ва дар моҳи октябр то 5 фоиз кам шудааст.

Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ ва Кумитаи андоз вазифадор карда мешаванд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, корбарӣ намоянд. Инчунин, таъкид месозам, ки пурра ҷорӣ намудани низоми

пардохтҳои ғайринақдӣ дар нуқтаҳои савдову хизматрасонӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳоло дар мамлакат ҳиссаи бахши хусусӣ дар истеҳсоли молҳо 80 фоиз ва шуғли аҳолӣ 70 фоизро ташкил медиҳад ва он ҳамчун қувваи пешбарандаи рушди кишвар эътироф гардидааст. Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки ҷиҳати осон намудани дастрасии бахши хусусӣ ба захираҳо, хизматрасониҳои давлатӣ, иттилоот, воситаҳои арзони молиявӣ, технологияҳо ва донишҳо барои баланд бардоштани рақобатнокӣ, таҳияву татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва таҳкими мавқеъ дар бозорҳои ватаниву хориҷӣ тадбирҳои муассир андешад.

Ҳамчунин, бо дарназардошти амалисозии ҳадафҳои стратегии давлат корҳо дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, хусусан, сармояи мустақим бояд вусъат дода шаванд.

То имрӯз барои такмили маъмурикунонии андоз, тавсеаи ҳамкориҳои фосилавӣ бо шаҳрвандону андозсупорандагон ва густариши иқтисоди рақамӣ дар доираи «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025» як қатор тадбирҳои муҳим амалӣ карда шуданд. Тадбирҳои амалигардида ба рақамикунонии соҳа, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои электронии давлатӣ, соддагардонии иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, инчунин, ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва болоравии фарҳанги андозсупории соҳибкорон мусоидат намуданд.

Бо дарназардошти идомаи ислоҳот ва зарурати тақвияти дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки Барномаи нави рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2026 – 2030-ро дар муҳлати кӯтоҳ қабул ва татбиқ намояд. Ҳамзамон бо ин, вазорату идораҳо доир ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявӣ ва фарҳанги андозсупории шаҳрвандону андозсупорандагон чораҳои иловагӣ андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зарурӣ дар самти таъмин намудани рушди босуботи мамлакат ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои даромад сол ба сол афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 50 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2021-ум 65 фоиз ё 20 миллиард сомонӣ зиёд мебошад. Бо вуҷуди ин, вазъи мураккабу пешгӯйинашавандаи сиёсиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки низоми молиявии кишварро ба меъёрҳои муосир мутобиқ намуда, самаранокии идоракунии молияи давлатиро боз ҳам баланд бардорем. Махсус таъкид менамоям, ки самаранокии хароҷоти давлатӣ бояд ба натиҷаҳои аз ҳар вақти дигар бештар нигаронида шавад.

Вазорати молия бояд якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин ҷода тадбирҳои иловагӣ андешад. Вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Бонки миллӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдор вазифадоранд, ки барои тавсеаи бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва корпоративӣ чораҳои заруриро амалӣ намоянд. Хотирнишон менамоям, ки ба муомилот баровардани коғазҳои қиматноки «сабз» ва ташкили бозори такрории фаъолу шаффофи онҳо яке аз вазифаҳои муҳим дар ин самт мебошад. Ҳамзамон бо ин, бояд Стратегияи рушди бозори сармоя таҳия ва қабул карда шавад.

Дар даҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 143 миллиард сомониро ташкил додааст. Вале ҳамагӣ 38 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест. Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

Барои беҳтар намудани дастрасии соҳибкорони истеҳсолӣ ба маблағҳои арзони дарозмуддат ва афзоиш додани ҳаҷми қарз пешниҳод менамоям, ки Фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад. Инчунин, барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии мардум ва тавсеаи имкониятҳои дастрасии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ зарур аст, ки механизмҳои рушди бозори қарзҳои ипотекиро такмил дода, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми чунин қарзҳо ба аҳолӣ тадбирҳои дахлдор андешида шаванд.

**Вакилони мухтарам!**

Ба мақсади ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар дар давраи татбиқи он (солҳои 2019 – 2025), яъне, дар 7 соли охир беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бо ташкили зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шудааст. Аз ҷумла, дар соли 2025-ум 400 корхонаи истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз намудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи маъдан аз 7,7 миллиард сомонии соли 2020 ба 26 миллиард сомонӣ дар соли 2025 расонида, афзоиши ин нишондиҳанда 3,4 баробар таъмин карда шуд. Агар дар соли 1991 дар соҳаи маъдан танҳо 3 номгӯйи маҳсулот (тилло, нуқра ва хокаи сурб) истеҳсол гардида бошад, пас дар соли 2025 ба 17 номгӯй расонида шудааст. Бояд гуфт, ки ҳоло истеҳсоли тилло назар ба соли 1991-ум 7 баробар, нуқра 6 баробар ва хокаи сурб 9 баробар зиёд гардидааст.

Тадбирҳои дар самти саноатикунонии босуръати кишвар андешидашуда имкон доданд, ки дар ҳафт соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа дуюним баробар афзоиш ёфта, дар соли 2025 ба 66 миллиард сомонӣ расонида шавад. Суръати рушди соҳаи саноат дар соли 2025-ум 22 фоизро ташкил дод. Ба идомаи ин раванд, Вазорати саноат ва технологияҳои нав бо истифода аз тамоми иқтидору имкониятҳо рушди воқеии солонаи соҳаро дар давоми панҷ соли минбаъда бояд дар сатҳи на кам аз 25 фоиз таъмин намояд. Дар ин росто, бо ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои нав барои коркарди пурраи ашёи хоми ватанӣ, хусусан маъдан, металлҳои ранга ва нодиру қиматбаҳо, маҳсулоти кишоварзӣ ва растаниҳои шифобахш тадбирҳои иловагӣ андешида, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва ивазкунандаи воридот зиёд карда шавад.

Ҳукумати мамлакат Барномаи нави саноатикунонии босуръати кишварро барои солҳои 2026 – 2030 ва Барномаи рушди истеҳсолу ғанигардонии металлҳои ранга, нодиру қиматбаҳо ва дигар ашёи хоми муҳимро қабул ва амалӣ гардонад. Дар баробари ин, ҷиҳати таъмин намудани истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои зеризаминӣ, тақвияти назорати давлатӣ, мусоидат ба рушди устувори соҳаи истихроҷ ва геологияи кишвар чораҳои иловагиро татбиқ намояд.

Вазоратҳои молия, саноат ва технологияҳои нав, Саридораи геология ва Кумитаи андоз якҷо бо дигар вазорату идораҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолият дар соҳаҳои зикршударо таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созанд. Дар санадҳои таҳияшаванда масъалаҳои вобаста ба фарогирии пурраи оморӣ, соддагардонии расмиёти давлатӣ, аз ҷумла иҷозатномадиҳӣ, такмили тартиби андозбандии захираҳои табиӣ ва ҳалли мушкилоти дигар бояд равшан инъикос карда шаванд. Хотирнишон менамоям, ки дар раванди амалисозии ин вазифаҳо диққати махсус ба рушди саноати сабук, коркарди амиқи маҳсулот ва истеҳсоли металлҳои нодир ва муҳим равона карда шавад.

Дар 10 соли гузашта соҳаи энергетикаи кишвар ба маблағи беш аз 60 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ шудааст, ки дар натиҷа иқтидорҳои истеҳсолии неруи барқ дар ҳаҷми 1017 мегаватт афзоиш ёфтанд. Танҳо аз ҳисоби таҷдиду навсозии неругоҳҳои амалкунанда иқтидорҳои истеҳсолӣ 200 мегаватт зиёд гардиданд. Аз ҷумла, соли 2025 корҳои таҷдиду навсозии неругоҳи барқи обии «Қайроққум» ба маблағи 1,8 миллиард сомонӣ пурра анҷом дода шуда, иқтидори истеҳсолии он аз 114 мегаватт ба 174 мегаватт, яъне 60 мегаватт зиёд карда шуд. Дар баробари афзоиши иқтидорҳои истеҳсолӣ як қатор лоиҳаҳои муҳимми дигар, аз ҷумла, бунёди зеристгоҳҳои нави барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ амалӣ карда шуданд.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар кишвар 7 миллиард киловатт – соат ё 40 фоиз зиёд гардида, аз 17,2 миллиард киловатт – соати соли 2015 ба 24,2 миллиард киловатт – соат дар соли 2025 расонида шуд. Мо мушкилоти мардуми шарифи Тоҷикистонро дар шароити маҳдудияти муваққатии интиқоли неруи барқ ба хубӣ медонем. Ин ҳолат аз як тараф, натиҷаи афзоиши аҳолӣ ва тавре ки болотар гуфта шуд, зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмуъ, афзудани истеъмоли неруи барқ ва аз тарафи дигар, таъсири камбориш омадани тирамоҳи имсола ва кам гардидани воридшавии об ба обанбори неругоҳҳои барқи обии мамлакат мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 1 миллиону 300 ҳазор хонаи истиқоматии нав сохта шуда, беш аз 8 миллиону 400 ҳазор нафар сокинон шароити зисти худро беҳтар кардаанд. Танҳо дар 7 соли охир дар мамлакат 2600 корхонаи нави истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз кардааст, ки ин ҳама боиси афзоиши истеъмоли неруи барқ гардидааст. Илова бар ин, тавре, ки дар боло

гуфта шуд, талафои неруи барқ ҳоло ҳам зиёд буда, беш аз 3 миллиардро ташкил медиҳад. Ҳукумати мамлакат барои бартарафсозии ин мушкилот тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда истодааст. Ҳоло корҳои лоиҳавии сохтмони ду неругоҳи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт – 250 мегаватт дар вилояти Суғд ва 250 мегаватт дар вилояти Хатлон – оғоз гардида, то моҳи августи соли 2026 ба истифода супорида мешаванд. Инчунин, моҳи сентябри соли 2027 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун» ба кор дароварда мешавад ва истиқлоли энергетикии кишвар таъмин мегардад.

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи захираву имкониятҳо раванди сохтмони неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро пайваста идома медиҳад.

Ҳоло дар иншооти мазкур 18 ҳазору 600 нафар коргарон, яъне, сохтмончиён ва кормандони муҳандисиву техникӣ фаъолият доранд ва шумораи техника, яъне, мошину механизмҳо зиёда аз 3900 ададро ташкил медиҳад. Барои идомаи босуръати корҳои сохтмон дар неругоҳ соли равон аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 9 миллиард сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд ва то имрӯз қариб 60 фоизи корҳои сохтмони неругоҳ ба анҷом расонида шудаанд. Ҳукумати мамлакат, тамоми роҳбарону масъулин ва сохтмончиёни ин иншооти бузург вазифадоранд, ки сохтмони неругоҳро бо масъулияти баланд ва босифат вусъат бахшида, иҷрои супориши додашударо ҷиҳати дар моҳи сентябри соли 2027 ба кор даровардани агрегати сеюми неругоҳ, яъне расидан ба истиқлоли энергетикиро таъмин намоянд.

Тибқи таҳлилҳо талабот ба неруи барқ дар дохили мамлакат сол ба сол афзоиш ёфта, соли 2030 нисбат ба соли 2025-ум 31 фоиз зиёд мегардад. Дар ин раванд, барои таъмин намудани талаботи афзояндаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар бо неруи барқи доимӣ ва устувор, дар баробари бунёди иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, инчунин, истифодаи сарфакоронаи неруи барқ нақши калидӣ дорад. Бисёр муҳим аст, ки дар ин ҷода ҳамаи гурӯҳҳои истеъмолкунандагон сарфаю сариштакор бошанд.

Мо тасмим гирифтаем, ки дар давоми ду соли оянда бо ҷалби сармояи мустақим дар кишвар якчанд неругоҳи барқи офтобиро бо иқтидори умумии 1500 мегаватт мавриди истифода қарор диҳем. Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла, роҳбарияти Вазорати энергетика ва захираҳои об вазифадор карда мешаванд, ки ҳамкориро бо сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ ҷиҳати бунёди неругоҳҳои барқи офтобӣ тақвият бахшида, барои татбиқи саривақтии лоиҳаҳо тадбирҳои фаврӣ андешанд. Инчунин, корҳоро оид ба пурра ҷорӣ намудани низоми муосири биллингӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ дар шабакаҳои барқии кишвар ҳарчи зудтар ба анҷом расонанд.

Тоҷикистон дорои захираҳои зиёди гидроэнергетикӣ буда, имкон дорад эҳтиёҷоти марказҳои бузурги ҳисоббарории зеҳни сунъиро бо неруи барқи «сабз» ва оби хунук таъмин созад. Аз ин рӯ, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ба мақсади истифодаи имкониятҳои зеҳни сунъӣ дар раванди рушд доир ба таъсиси Корпоратсияи миллии зеҳни сунъӣ, Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ ва маҷмааи марказҳои коркарди «маълумоти сабз» (дата – сентрҳо) чораҷӯйӣ намояд.

**Дӯстони азиз!**

Бо вуҷуди тағйирёбии иқлим, аз ҷумла, ҳарорати баланди ҳаво соли 2025 дар натиҷаи заҳмати софдилонаи кишоварзони мамлакат суръати рушди соҳаи кишоварзӣ ба 8,5 фоиз расида, фаровонии бозори истеъмолӣ таъмин карда шуд. Ҳамчунин, сатҳи ҳифзи амнияти озуқаворӣ аз 60 фоизи соли 2015 то 85 фоиз дар соли 2025 зиёд гардид. Яъне, кишоварзони мамлакат, хусусан, дар шароити номусоиди обу ҳавои соли ҷорӣ, аз ҷумла хокборишҳои шадид софдилона заҳмат кашида, бозори истеъмолиро бо маҳсулот таъмин карда истодаанд. Бинобар ин, ба ҳамаи кишоварзон, деҳқонон, мутахассисони соҳа ва аҳолӣ, ки бо заҳмати содиқонаву ватандӯстона ва истифодаи оқилонаи обу замин маҳсулоти ғизоӣ истеҳсол мекунанд, сипосу миннатдорӣ баён менамоям.

Тибқи маълумоти Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид то соли 2030 зиёда аз 500 миллион нафар дар саросари ҷаҳон аз гуруснагӣ азият хоҳанд кашид. Дар соли 2024 шумораи одамони дар сатҳи гуруснагии доимӣ қарордошта то 670 миллион нафар афзоиш ёфт. Итминон дорам, ки бо дарназардошти чунин шароити ногувор кишоварзони мамлакат боз ҳам бештар заҳмат кашида, бо истифодаи самаранок аз ҳамаи имкониятҳо, аз ҷумла, обу замин

ҳосили фаровон мерӯёнанд ва амнияти озуқаворини кишварро беҳтар таъмин менамоянд. Дар робита ба ин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки лоиҳаи қонун дар бораи сиёсати аграриро таҳия ва пешниҳод намояд. Ҳукумати мамлакат, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки бо дарназардошти нақши соҳаи пахтакорӣ дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, истеҳсоли ашёи хом барои рушди саноати сабуку хӯрокворӣ ва афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулот механизми таъмин намудани рушди устувори соҳаи пахтакориро ҷорӣ намояд. Инчунин, Барномаи давлатии рушди инноватсионии соҳаи пахтакорӣ барои солҳои 2026 – 2030-ро таҳия ва амалӣ созад. Вазоратҳои адлия, кишоварзӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук ҷиҳати дастгирии соҳаи пахтакорӣ то ба эътидол омадани вазъи соҳа пешниҳодҳои зарурӣро доир ба ворид намудани тағйироти дахлдор ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар муҳлати ду моҳ ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд. Таъкид менамоям, ки ҳавасмандгардонии фаъолияти самараноки хоҷагиҳои пахтакор масъалаи муҳим дар ин самт мебошад.

**Вакилони муҳтарам!**

Барои беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон ҳоло татбиқи 16 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11,3 миллиард сомонӣ идома дорад. Соли 2025-ум дар доираи лоиҳаҳои зикршуда ба маблағи умумии зиёда аз 5,4 миллиард сомонӣ 236 километр роҳҳои мошингард ва дигар иншооти роҳу нақлиёти мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ бунёдгардида ба истифода дода шуданд. Роҳҳои Обигарм – Нуробод ва Роғун ба дарозии умумии 87 километр, 109 километр роҳи Қалъаихумб – Ванҷ, 40 километр роҳҳои байналмилалӣ дар вилояти Суғд, 30 пули хурду бузург, 5 нақб ва 6 долони зидди тарма ба дарозии 13 километр аз ҷумлаи иншооти зикршуда мебошанд. Ҳоло бунёди 50 километр роҳи Данғара – Гулистон, 33 километр роҳи Гулистон – Фархор ва боз 12 километр роҳҳои байналмилалӣ дар вилояти Суғд ба маблағи умумии 2 миллиард сомонӣ идома дорад. Соли 2025 сохтмони пули калонтарин дар кишвар аз болои обанбори неругоҳи барқи обии «Роғун» ба дарозии 920 метр ва 3 пули мошингузар ба дарозии 368 метр оғоз гардид, ки маблағи умумии онҳо 900 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Соли 2026 сохтмону азнавсозии 300 километр роҳҳои мошингарди байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба маблағи умумии 3 миллиард сомонӣ оғоз мегардад. Роҳҳои Ваҳдат – Обигарм 70 километр, Гулистон – Кӯлоб 33 километр, Хоруғ – Роштқалъа 39 километр, Мурғоб – Кулма 67 километр, Балҷувон – Сари Хосор 55 километр, Хистеварз – Конибодом (Арка) 10 километр, 11 километр роҳи таворавии шаҳри Кӯлоб ва 5 пули мошингард дар роҳи Лаби Ҷар – Сангвор аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Вазорати нақлиёт вазифадор карда мешавад, ки фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ҷиҳати идомаи бунёд ва таҷдиди роҳҳои дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва назорати сифати иҷрои корҳои лоиҳавӣ вусъат бахшад. Ҳамзамон бо ин, ҷиҳати ташкили марказҳои нақлиётиву логистикӣ, азнавсозии парки нақлиёти роҳи оҳан ва инфрасохтори он чораҷӯйӣ намояд.

Ҳамчунин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати азнавсозӣ ва ба шароити муосири хизматрасонӣ мутобиқ гардонидани фурудгоҳҳои байналмилалии Душанбе, Бохтар ва Кӯлоб тадбирҳои зарурӣ андешад.

Қобили зикр аст, ки тайи се соли охир дар кишвар беш аз 3 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, 2,6 ҳазор километр аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолӣ бунёду таҷдид гардида, ҳоло ин иқдоми нек бомаром идома дорад. Бо истифода аз фурсат, ба ҳамаи соҳибкорон ва мардуми шарифи Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар таҷдиду сохтмони роҳҳо, бунёди муассисаҳои иҷтимоӣ, бахусус, муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ ва дигар корҳои ободониву бунёдкорӣ аз самими қалб миннатдорӣ баён менамоям. Дар баробари ин, зарур аст, ки Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои марбута ташаббусҳои созандаи соҳибкоронро дар самти бунёди иншооти иҷтимоӣ, истеҳсолӣ ва инфрасохторӣ ҳамаҷониба дастгирӣ карда, риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмонро таъмин намоянд. Ба замми ин, истифодаи санъати баланди меъморӣ, унсурҳои милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи босифати сохтмон роҳандозӣ карда шавад.

Ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ самти муҳимми фаъолияти Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва тадбирҳои солҳои охир амалигардида ба рушди ин соҳаҳо такони ҷиддӣ бахшиданд.

Масалан, агар ҳиссаҷудокунии молиявӣ барои соҳаҳои иҷтимоӣ дар соли 2024 ба маблағи 20,9 миллиард сомонӣ таъмин гардида бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2026 дар ҳаҷми 29,5 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 8,7 миллиард сомонӣ ё 41,8 фоиз зиёд мебошад.

Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тӯли беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад.

Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам. Аз ин лиҳоз, Ҳукумати мамлакат маблағгузории ин соҳаҳои калидиро мунтазам зиёд менамояд ва ҳар сол ҳаҷми умумии он беш аз 21 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад. Ба мақсади таъмин намудани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, инчунин, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ бозбинии низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, яъне гузариш ба низоми сарикасӣ ё фармоиши давлатӣ тақозои замон мебошад. Бинобар ин, ба вазоратҳои маориф ва илм, молия, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ супориш дода мешавад, ки доир ба ин масъала ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд. Тибқи таҳлилҳо, 25 соли оянда шумораи хонандагон дар Тоҷикистон ба чор миллион нафар мерасад. Бинобар ин, мо бояд барои ҳарчи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилот, яъне омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим аз ҳоло чораҷӯӣ намоем. Ба ин мақсад, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки вазъи амалишавии Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030- ро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, онро тибқи ҳадафҳои нави дар ин самт гузошташуда такмил диҳад.

Соли 2019 дар Паёми Роҳбари давлат солҳои 2020 – 2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон шуда буд, ки аз он замон шаш сол сипарӣ гардид. Ба Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Академияи миллии илмҳо ва Палатаи ҳисоб супориш дода мешавад, ки натиҷаҳои шашсолаи татбиқи чорабиниҳои тасдиқгардидаро ҳамаҷониба таҳлил карда, ҷиҳати бартараф намудани камбудиву монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои иловагӣ андешанд. Ба хотири ҳарчи зудтар ба фазои ягонаи таҳсилоти байналмилалӣ ворид гардидани маорифи Тоҷикистон соли 2004 ба низоми кредитии таҳсилот гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат оғоз гардид ва соли 2014 ҳамаи муассисаҳои зикршуда ба ин низом гузаронида шуданд. Вақти он расидааст, ки бурду бохти низоми зикршуда аз ҷониби гурӯҳи коршиносон таҳлилу баррасӣ гардида, зимни супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатм омилҳои инсонӣ пурра аз байн бурда шаванд. Сохтору мақомоти зикргардида, аз ҷумла Маркази миллии тестӣ дар муддати ду моҳ ба Дастгоҳи иҷроияи Президент доир ба ин масъала маълумоти муфассал пешниҳод намоянд. Ҳамчунин, аз ҷониби гурӯҳи босалоҳияти корӣ вазъи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, бахусус, русӣ ва англисӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таҳлилу баррасӣ гардида, ҷиҳати боз ҳам тезонидани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат хулосаҳои асоснок пешниҳод карда шаванд.

Бо истифода аз фурсат, мехоҳам ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа муроҷиат карда, бори дигар таъкид намоям, ки ба масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон бо камоли масъулият муносибат намоянд. Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад. Асри 21 – асри пешрафти илму техника ва технологияҳо мебошад. Мо дида истодаем, ки давлатҳои мутамаддину тараққикардаи дунё ба чӣ дастовардҳо ноил шуда истодаанд. Имрӯз онҳо аз офтоб барқ истеҳсол мекунанд. Агар мо хоҳем,

ки давлати пешрафта, Ватани обод ва зиндагии осуда дошта бошем, бояд кӯшиш кунем, ки фарзандонамон соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд. Мо бояд талош намоем, ки онҳо дар зиндагии ояндаи худ, яъне, ҳаёти мустақилонаашон азият накашанд. Фаромӯш набояд кард, ки вақте наврасону ҷавонон бесавод мемонанд, ҷомеа ба таассубу хурофот ва ҷаҳолат гирифтор мешавад, ки чунин ҳолат оқибатҳои даҳшатбор дорад.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта тамоми соҳаҳо, хусусан, илму маорифро даҳҳо сол ба ақиб партофт. Дар робита ба масъалаҳои илму маориф мехоҳам иброз намоям, ки омӯзиши пиряххо яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ ва ҷузъи сиёсати давлатии мо мебошад.

Соли 2025 бо пешниҳоди Тоҷикистон ва бо қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва солҳои 2025 – 2034 «Даҳсолаи илмҳои криосфера» эълон гардиданд. Аз ин лиҳоз, ман аз ҳамаи сохторҳои дахлдор даъват менамоям, ки фаъолияти илмӣ ва амалиро дар ин самт густариш дода, дастовардҳои худро дар арсаи байналмилалӣ васеъ муаррифӣ намоянд.

Мавзуи ҳифзи пиряххо, омӯзиши илмҳои криосфера ва амалисозии ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим аҳаммияти стратегӣ ва ҷаҳонӣ дорад. Дар робита ба ин, пешниҳод мегардад, ки Муассисаи давлатии илмиву таҳқиқотии «Маркази омӯзиши пиряххои Академияи миллии илмҳо» ба Муассисаи давлатии илмиву таҳқиқотии «Институти омӯзиши пиряххо ва криосфераи Академияи миллии илмҳо» табдил дода шавад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, ки ояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад. Мо ба ин масъалаи муҳим ҳамеша таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар даҳ соли охир 150 иншооти соҳаи фарҳангро сохта, ба истифода додем ва 350 иншооти дигари соҳаро таъмиру азнавсозӣ кардем. Ҳамчунин, дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе бузургтарин иншооти соҳа – Театри миллиро бо шароиту имкониятҳои муосир бунёд карда истодаем, ки тухфаи Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар ва аҳли фарҳангу ҳунар ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ мебошад.

Ба хотири баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва завқи бадеии аҳолии мамлакат, хусусан, ҷавонону наврасон аз ҷониби муассисаҳои соҳаи фарҳанг дар даҳ соли сипаригардида 900 номгӯй адабиёти бадеиву бачагона нашр ва ба китобхонаҳо дастрас карда шуд. Дар ин давра бо дастури Роҳбари давлат 3 миллиону 200 ҳазор нусха китоби «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ чоп ва ба аҳолии мамлакат ройгон тухфа карда шуд.

Мероси таърихиву фарҳангӣ шиносномаи миллати куҳанбунёди тоҷик мебошад. Вале бо вуҷуди он ки ёдгориҳои бостонӣ зиёда аз 70 фоизи ин меросро ташкил медиҳанд, дар кишвар қонуни соҳаи бостоншиносӣ мавҷуд нест. Вобаста ба ин, масъулини соҳаро зарур аст, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дар мӯҳлати кӯтоҳтарин таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд. Соли равон бо саъю талошҳои кишвари мо 11 ёдгории мероси фарҳангии Хуттали қадим (дар ноҳияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара, Восеъ, Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлон) ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуд. Дар ин радиф, аз ҷониби ЮНЕСКО қабул шудани қатъномаҳо дар мавриди эътирофи шаҳри Панҷакент ҳамчун «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои сӯзанидӯзӣ» ва бузургдошти 1050-солагии Робияи Балхӣ дар солҳои 2026 – 2027 далели ҷойгоҳи хоссаи меросу арзишҳои фарҳангиву маънавии тоҷикон дар тамаддуни умумибашарӣ мебошад. Ҳамчунин, танзими ҳамоишҳо зери унвони «Устувонаи Куруш: Эъломияи ибтидоии ҳуқуқи гуногунрангии фарҳангӣ» (аввалин эъломияи ҳуқуқи башар дар таърихи инсоният) боиси ифтихору сарбаландии миллати ориёии мо мебошад. Дар ин росто, мо бояд барои ҳифзи арзишҳои моддиву ғайримоддии миллати худ муаррифии шоистаи онҳоро дар арсаи байналмилалӣ ҳадафмандона идома диҳем. Аз ҷумла, бо дарназардошти саҳми таърихии Борбади Марвазӣ дар рушди фарҳанги ҷаҳонӣ, вазоратҳои корҳои хориҷӣ ва фарҳанг ҷиҳати ба Феҳристи шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии ЮНЕСКО ворид намудани номи ӯ тадбирҳои заруриӣ андешанд.

Борбад, ки дар асрҳои шашуму ҳафтуми милодӣ – дар замони давлатдории Сосониён – зиндагӣ ва эҷод кардааст, аз ҷониби олимону коршиносони маъруфи дунё ҳамчун яке аз аввалин

донандагони илми мусиқӣ ва оҳангсози касбии қаламрави ориёӣ эътироф гардидааст. Мусаллам аст, ки тоҷикон яке аз миллатҳои фарҳангиву тамаддунсози дунё мебошанд. Боиси ифтихори мост, ки гузаштагони некноми мо – ориёиҳо ба ҷаҳониён забону фарҳанг, илму ҳунар, ойину суннатҳои бою рангоранги башардӯстона, аз ҷумла Наврӯз, инчунин, анъанаҳои пешрафтаи давлатдорӣ, яъне тамаддуну фарҳанги ҷовидонаро ба мерос гузоштаанд. Мо вазифадорем, ки дар баробари ифтихор кардан аз мероси оламшумули аҷдоди худ онро соҳибӣ кунем, омӯзем, идома диҳем ва барои наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз ба мерос гузорем. Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки аҷдоди хирадманди мо «пиндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек»-ро ҳамчун арзиши бузурги инсондӯстона шиори зиндагии худ қарор додаанд.

Воқеан, Наврӯз, ки имрӯз мақоми байналмилалӣ гирифтааст, Меҳргон, Сада ва Тиргон, ки таҷассумгари андешаҳои инсондӯстӣ ва бузургдошти табиат мебошанд ва анъанаҳои давлатдории гузаштагони ориёии мо, ки дар таърихи башарият нақши мондагору таъсиргузор бозидаанд, асоси ҳувият ва асолати мо – тоҷикон мебошанд. Бинобар ин, ба Ҳукумати мамлакат ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дастур дода мешавад, ки ҷиҳати дар пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе бунёд намудани Конун, яъне Маркази тамаддуни ориёӣ чораҷӯйӣ намоянд. Ҳамчунин, бо дарназардошти фалсафаю ҳикмати ҷовидонаи Наврӯз, суннату анъанаҳои башардӯстонаи он ва истифодаи онҳо барои тарбияи наслҳои оянда дар шаҳри Душанбе Маркази байналмилалии Наврӯз бунёд карда шавад. Итминон дорам, ки амалӣ намудани иқдомоти зикршуда далели раднопазири таъриху фарҳанги беш аз шашҳазорсолаи мо – тоҷикон мегардад. Академияи миллии илмҳо, дигар муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва лоиҳакашӣ вазифадор карда мешаванд, ки бо ҷалби олимону донишмандон консепсияи марказҳои зикршударо дар асоси анъанаҳои меъморӣ ва шаҳрсозиву шаҳрдории бостонии тоҷикон таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Дар даҳ соли охир дар кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1300 иншооти соҳаи тандурустӣ ба маблаҷи беш аз 5,3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст. Агар маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2015-ум 1 миллиарду 37 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2025 ба 4 миллиарду 300 миллион сомонӣ расонида шуд. Яъне, буҷети соҳа дар ин давра беш аз 4,2 баробар зиёд гардида, дар даҳ соли охир 26 миллиарду 300 миллион сомониро ташкил медиҳад. Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки масъалаи мукаммалсозии низоми маблағгузории соҳаи тандурустӣ, истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ, гузариш ба низоми ғайринақдии пардохти хизматрасониҳо ва дигар масъалаҳои соҳаро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намояд. Ҳамчунин, ҷиҳати татбиқи ислоҳоти навбатӣ ва бартараф намудани мушкилоту камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта тадбирҳои зарурӣ андешад. Вобаста ба ин, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадор карда мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо лоиҳаи Барномаи давлатии рушди саноати дорусозиро барои солҳои 2026 – 2030 таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, хусусан, гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа самти афзалиятноки сиёсати Ҳукумати мамлакат мебошад. Аз ин лиҳоз, ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҷиҳати таъмин намудани самаранокии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тадбирҳои мушаххасро роҳандозӣ намояд. Илова бар ин, аз ҷониби роҳбарони тамоми сохторҳои давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба ҳаллу фасли масъалаҳои ба танзим даровардани муносибатҳои меҳнатӣ, таъминоти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ, фаро гирифтан ба шуғли пурмаҳсул ва дигар кафолатҳои давлатии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

**Вакилони муҳтарам!**

Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои зиёди қувваи корӣ буда, афзоиши он дар давоми даҳ соли охир ду фоизи солона, яъне, беш аз 880 ҳазор нафарро ташкил додааст. Ҳар сол дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар зиёда аз 200 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуда, беш аз 150 ҳазор нафар хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба бозори меҳнат ворид мегарданд. Аз ин

лиҳоз, аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар сохторҳои марбута ҷиҳати амалӣ гардонидани сиёсати давлат дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ бояд чораҳои судманд андешида шаванд.

Ба шуғли расмӣ ҷалб кардани аҳолии қобили меҳнат, таъмин намудани кафолатҳои меҳнатии кормандон, баҳисобгирии дақиқи қувваи корӣ, тақвияти буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва дар ин замина баланд бардоштани ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон масъалаҳои муҳимтарин дар ин самт мебошанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳо вазифадоранд, ки татбиқи самарабахши нишондиҳандаҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатиро ҷиҳати дар панҷ соли оянда таъсис додани 1 миллиону 400 ҳазор ҷойи корӣ ва дар ин раванд баланд бардоштани нақши соҳибкории хурд, косибӣ ва ҳунарҳои мардумиро таъмин созанд. Дар ин росто, ба масъалаи бо кор таъмин намудани хатмкунандагони марказҳои таълимӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи махсус, дар навбати аввал, занон, маъюбон ва дигар гурӯҳҳои аҳолии ба дастгирии иҷтимоӣ эҳтиёҷманд бояд эътибори хосса дода шавад.

Бо дарназардошти имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва зарурати боз ҳам беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ супориш медиҳам, аз 1-уми сентябри соли 2026:

– маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ 25 фоиз, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;

– музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 1300 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Дар баробари ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ аз 1-уми сентябри соли 2026 нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо тибқи муқаррароти моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва андозаи нафақаи заминавӣ дар сатҳи тавarruми соли 2025, вале на кам аз 15 фоиз аз андозаи муқарраршудаашон индексатсия (зиёд) карда шаванд. Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат ба ҳисоб меравад ва дар ин ҷода минбаъд низ тамоми тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мо сиёсати давлатии кор бо ҷавононро ҳамчун самти калидӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии давлат арзёбӣ намуда, барои самаранок амалӣ гардидани он аз тамоми имкониятҳо истифода карда истодаем. Зеро ҷавонони мо неруи асосии пешбарандаи ҷомеа мебошанд ва мо бо ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии онҳо ифтихор мекунем. Имрӯз ҷавонони мо бо кору фаъолияти созандаи худ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвари соҳибистиқloламон саҳми бузург доранд. Ҳоло дар кишварамон соҳае нест, ки ҷавонон дар он нақши фаъол надошта бошанд. Бовар дорам, ки ҷавонони бонангу номуси даврони истиқлол дар пешрафти иқтисоди миллӣ, тараққиёти давлат ва ободии Ватани худ минбаъд низ саҳми арзишманд мегузоранд.

Мо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҳаёти кӯдакон ва наврасону ҷавонон ва фароҳам овардани шароиту имкониятҳои боз ҳам беҳтари таҳсил ва кору фаъолият барои онҳо, яъне наслҳои ояндасози миллат ва Ватан минбаъд низ чораҷӯйӣ менамоем. Ҳукумати мамлакат дар сиёсати иҷтимоии худ масъалаҳои марбут ба занонро дар меҳвари фаъолияти рӯзмарра қарор дода, барои рушди ин самти муҳим мунтазам тадбирҳои судманд меандешад. Мо нақши бонувону занон ва духтарони бонангу номуси Ватанро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа ҳамеша қадрдонӣ мекунем ва аз саъю талоши онҳо ба хотири бунёди ояндаи ободу осудаи кишварамон ифтихор дорем.

Масъалаи баланд бардоштани мақоми занону бонувон ва тарбия кардану ба вазифаҳои роҳбарикунанда таъин намудани бонувону духтарони лаёқатманд дар маркази диққати Ҳукумати мамлакат қарор дорад ва мо ин сиёсатро дар оянда низ идома медиҳем. Бовар дорам, ки занону бонувони мамлакат барои тарбияи фарзандон дар руҳияи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар,

риояи қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои мардуми бостонии тоҷик, аз ҷумла сарфаю сариштакорӣ ва пӯшидани либосҳои миллӣ саъю кӯшиши бештар ба харҷ медиҳанд. Бо эътимоди комил иброз медорам, ки онҳо дар масъалаи муқовимат ба бегонапарастиву хурофот ва исрофкориву зиёдаравӣ дар сафи пеши ҷомеа қарор мегиранд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Нақши қонунгузорӣ дар амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар ва таъмин намудани рушди устувору босуръати он, амнияти ҷомеа ва давлат, таҳкими суботу оромӣ ва ваҳдати миллӣ басо муҳим ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаву пайвастаи қонунгузорӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили он барои иҷрои ҳадафҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар зарур мебошад. Таъмин будани амнияти ҷомеа, суботи сиёсӣ, сулҳу ваҳдат ва волоияти қонун кафолати рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва баланд гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошад. Маҳз сулҳу субот, амнияту осоиш ва волоияти қонун имкон дод, ки мо рушди босуръати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву сиёсии кишварро таъмин карда, сатҳи некуаҳволии халқро баланд бардорем. Агар дар ҷомеа ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу суботи устувор ва волоияти қонун набошад, мо ба ягон ҳадафи неки худ намерасем ва ягон нақшаи мо амалӣ намегардад. Инро бояд хурду бузурги мамлакат дар хотир дошта бошанд. Бинобар ин, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд вазифаи худро дар самти ҳимояи суботу оромии ҷомеа, амнияту осоиши давлат ва мардуми Тоҷикистон бо садоқат ба давлат ва халқи кишвар таъмин намоянд.

Мубориза бар зидди терроризму экстремизм, радикализм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ вазифаи ҷонии онҳо дар шароити ноорому буҳронии ҷаҳони муосир мебошад. Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани шароити кору зиндагии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тадбирҳои иловагӣ андешад.

**Ҳамватанони азиз!**

**Вакилони муҳтарам!**

Вазъи мураккаб дар манотиқи гуногуни дунё, шиддат гирифтани рақобатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ба хотири аз нав тақсим кардани ҷаҳон, мавҷи нави «ҷанги сард», яроқнокшавии бошитоб, заиф гардидани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар равандҳои пуртазод дар арсаи байналмилалӣ ҳамоно мояи нигаронӣ боқӣ мемонад. Дар чунин шароит моро зарур аст, ки дар баробари иштироки фаъол дар равандҳои глобалӣ, дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба саъю талошҳоямон барои расидан ба ҳадафҳои созанда – пойдории сулҳу субот ва таъмини амнияти фарогир тақвият бахшем.

Зимни татбиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо фаъолияти байналмилалии худро ба хотири тавсеаи равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои гуногунҷанба бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон бар пояи усулҳои эътимод, эҳтироми манфиатҳои ҳамдигар ва сиёсати «дарҳои кушода» минбаъд низ идома хоҳем дод. Ҳамзамон бо ин, барои рушду таҳкими муносибатҳои ҳамаҷониба дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод ва фарҳангиву башарӣ тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд. Дар маҷмуъ, Тоҷикистон ба тавсеаи ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрҷониба бо кишварҳо ва ниҳодҳои шарик таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир намуда, ҷиҳати идомаи иштироки фаъол дар заминаҳои гуногун дар оянда низ саъю талош хоҳад кард.

**Ҳамватанони азиз!**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Дар Паёме, ки имрӯз пешниҳод гардид, дастовардҳои кишвари азизамон дар солҳои охир мавриди таҳлил қарор дода шуданд. Ҳамаи ин дастовардҳо, пеш аз ҳама, натиҷаи заҳмати аҳлонаи мардуми шарифи Тоҷикистон мебошанд. Соли 2026 барои мо соли таърихӣ – соли ҷашни 35-солагии истиқлоли давлатӣ аст. Яъне, Тоҷикистони куҳанбунёд, аммо тозаистиқлоли мо 35-сола мешавад. Тайи панҷ соли охир тамоми қишрҳои ҷомеа ҷиҳати сазовор истиқбол намудани ин санаи таърихӣ сарҷамъона заҳмат кашида, корҳои бузургро анҷом дода истодаанд. Аз 29 ҳазор иншооту биноҳои ба ифтихори ҷашни 35-солагӣ ба нақша гирифташуда то имрӯз 26

ҳазори онҳо ба истифода дода шудаанд, ки беш аз 70 фоизашон аз ҳисоби соҳибкорону шаҳрвандон мебошад. Бовар дорам, ки то ҷашни муқаддаси миллӣ шумораи онҳо аз 30 ҳазор мегузарад.

Бо истифода аз фурсат, ман бори дигар ба ҳамаи соҳибкорону шахсони саховатпеша ва шаҳрвандони ватандӯсту заҳматқарин, бонангу номус ва масъулиятшиноси мамлакат самимона сипосу миннатдорӣ изҳор менамоям. То рӯзҳои ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ вақти хеле кам мондааст. Мо бояд то ин санаи муқаддас корҳои созандагиро боз ҳам вусъат бахшида, чорабиниҳои ҷашнро бо сатҳу сифати баланд амалӣ созем. Ҳар як шаҳрванд ва ҳар як оила бояд бо дарки масъулияти ватансозиву давлатсозӣ, пеш аз ҳама, хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро таъмиру тармим ва тозаву озода намояд. Ин раванди ободонӣ ва тозакорӣ бояд тамоми қаламрави кишварро то дурдасттарин деҳоти он фаро гирад ва ба як кори маъмулӣ табдил ёбад. Яъне, ҳар як фарди ҷомеа бояд ба ифтихори ин ҷашни муқаддас барои пешрафти давлати худ ва ободии Ватани азизи хеш кори некеро анҷом дода, созандаву бунёдкор ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани миллати тоҷикро нишон диҳад.

Роҳи тайкардаи мо дар зарфи қариб 35 соли гузашта баръало нишон дод, ки мардуми шарифи Тоҷикистон ба анҷоми корҳои бузург қодиранд, Ватани хешро сидқан дӯст медоранд ва барои ҳимояи истиқлолу озодии сарзамини аҷдодии худ ҳамеша омодаанд. Дар шароити бухрониву нооромe, ки ҷаҳони имрӯза қарор дорад, ҳифзи истиқлолу озодӣ, заҳмат ба хотири пешрафти давлат ва ободии Ватан вазифаи аввалиндараҷаву ҳаррӯзаи ҳар як шаҳрванди бонангу номуси мамлакат маҳсуб меёбад. Пас биёед, ҳама якҷову ҳадафмандона, бо рӯҳияи баланди миллӣ, шукргузориву ифтихор аз соҳибватаниву соҳибдавлатӣ ва фарҳангу тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи тоҷикон барои боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани маҳбубамон – Тоҷикистон ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ кӯшишу талош намоем. Бо доштани чунин фарҳангу тамаддуни бостонӣ мо набояд ба таассубу ифротгароӣ ва тақлид ба фарҳанге, ки бароямон бегонаву хатарбор аст, роҳ диҳем. Азбаски чор сол пеш доир ба 35-солагии истиқлол қарор қабул карда будем, пешниҳод менамоям, ки соли 2026 соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ба ифтихори ин ҷашни муқаддас ва бузурги миллӣ эълон карда шавад.

Ман баояндаи неку дурахшони Ватани соҳибистиқлоламон ва иродаи қавии мардуми заҳматпешаву сарбаланди он эътимоди комил дорам. Мардуми шарифи Тоҷикистон, ки дар 34 соли сипаришуда рӯзҳои бисёр сахту сангинро бо сабру таҳаммул ва бо иттиҳоду сарҷамъӣ паси сар карданд, қудрату имкониятҳои азими созандагӣ доранд ва маҳз ҳамин неруи азими созандаву ободгар фардои дурахшони Ватани азизамонро таъмин месозад. Итминони комил дорам, ки мо ҳама аҳлонаву сарҷамъона минбаъд низ ба хотири рушду пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон ва ободии Ватани азизамон заҳмат мекашем, ба ҳамаи ҳадафҳои некамон мерасем ва нуфузу обрӯи давлати тоҷиконро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд мебардорем. Ин қарзи милливу имонӣ ва вазифаи инсониву шаҳрвандии ҳар яки мост! Дар ин ҷода, ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, шумо – вакилони мардумӣ ва ҳозирини арҷманд, пеш аз ҳама, сулҳу оромӣ, саломативу хушбахтӣ, хонаи обод, саодати рӯзгор ва комёбиву барори кор орзумандам.

**Ҳамеша саломату сарбаланд ва муваффақ бошед, ҳамватанони азиз!**

***President.tj***

Вусъати сарсабзии мо аз Паём омад падид,
Ҳарфи паймони сиёсатро чунин бояд шунид.
Якдиливу якзабонӣ шаҳсутуни давлат аст,
Зиндагиро баъд аз ин бо чашми дил бояд бидид.

**Давлат САФАР**

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ (2000-2025)

*(Идома аз шумораи гузашта)*



Ноилшоҳ
**НУРАЛИЗОДА –**
**номзади илмҳои филологӣ**

## МАРҲАЛАИ ТАҲКИМИ СИФАТ ВА СТАНДАРТ

Солҳои 2010-2020 дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси марҳилаи таърихии гузариш аз усулҳои анъанавӣ ба сӯйи низоми таҳсилоти босалоҳият ва мутамарказ ба сифат арзёбӣ мегардад. Дар ин давра давлат бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавассути Паёмҳои солона ба Маҷлиси Олӣ самтҳои асосии рушди маорифро муқаррар карда, заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои давлатии таҳсилот ва баланд бардоштани сифати таълимро



ҳамчун масъалаи афзалиятнок эълон намуд. Ин марҳала қадами устуворе ба сӯйи таъмини таҳсилоти босифат, баробар, фарогир ва бо такя ба арзишҳои миллӣ буд. Ба андешаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «дар шароити ҷаҳонишавӣ истифодаи шеваҳои кӯҳна дигар самараи дилхоҳ намедиҳад. Аз ин рӯ, давлату Ҳукумат аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун пойдевори рушду тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа диққати махсус зоҳир намуда, ин равандро муттасил идома медиҳад. Маҳз дар ҳамин давра барнома ва консепсияҳои муҳимми давлатӣ қабул гардиданд, ки барои амалӣ намудани ислоҳоти соҳаҳои илму маориф ва дар ин замина, беҳтар намудани шароити кории олимону омӯзгорон ва сатҳи таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшиданд» [18].

Бо дарки амиқи нақши маориф дар ташаккули шуури миллӣ, ҳувияти фарҳангӣ ва пешрафти илмӣ-техникӣ, Ҳукумати кишвар дар ҳама марҳалаҳои рушди пасошуравӣ ба ин бахш афзалияти аввалиндараҷа додааст. Аз ҷумла, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2013 дастовардҳои калидии як даҳсолаи гузашта (2003-2013)-ро ҷамъбаст намуда, дар баробари мушаххас намудани ҳадафҳои минбаъда, саҳми муассири давлатро дар рушди инфрасохтори соҳаи маориф бо далелу рақамҳои аниқ баён менамоянд: «Дар зарфи 10 соли охир дар мамлакат беш аз 1000 мактаби ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои замони муосир бунёд гардидааст. Соли ҷорӣ маблағгузории соҳаи маориф дар ҳаҷми ду миллиарду 131 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки ин рақам дар муқоиса бо соли 2000-ум 57 баробар зиёд мебошад. Танҳо соли 2012 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 248 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 44 ҳазор ҷойи нишаст ба маблағи умумии 320 миллион сомонӣ ба истифода дода шуд» [19]. Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки рушди соҳаи маориф на танҳо дар сухан, балки дар амал татбиқ гардида, мактаб ҳамчун бунёди маънавии ҷомеа ба маркази таваҷҷуҳи сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Таҳлили ин рақамҳо ва воқеиятҳои амалӣ барои дарёфти механизмҳои таъсирбахши сиёсати маориф, арзёбии дурнамои таҳаввулот ва муайянсозии таҷрибаи муваффақи миллӣ муҳим мебошад. Пешвои миллат таъкид мекунанд, ки «бо вуҷуди ин, дастовардҳои соҳаи маориф ҳанӯз ҳам моро қонеъ карда наметавонанд, зеро дар ин соҳаи муҳимми иҷтимоӣ мушкилоти ҳалношуда хеле зиёданд. Таҳлилҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки ҳолати таълим ва тарбия дар мактабҳои миёна беҳбудии ҷиддиро тақозо мекунад» [18]. Бинобар ин, дар солҳои 2011-2020 бо ташаббуси Пешвои миллат ва дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 ва як қатор барномаҳои давлатии мукаммалу фарогир таҳия, қабул ва амалӣ гардиданд, ки ҳадафи аслии онҳо рушду инкишофи устувори низоми таҳсилоти босифат ва фароҳам овардани заминаҳои илмии он буд.

Навсозии таҳсил яке аз ҳадафҳои калидии Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 ба ҳисоб мерафт ва ҳамчун омили муҳим дар ташаккул ва таҳкими арзишҳои нави фарҳанги ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дошт. Ин раванд на танҳо ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, балки ба мутобиқ сохтани мазмун ва усулҳои таълим ба талаботи ҷомеаи муосир равона шуда буд. Тибқи ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегия, навсозии таҳсилот дар самтҳои зерин амалӣ гардид:

1. Тақвияти рушди зеҳнӣ ва ҷисмонии кӯдакон – таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои нави таълимӣ бо мақсади таъмини рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон ва омодасозии онҳо ба фаъолияти мунтазами маърифатӣ, аз ҷумла, омодагии ҷисмонӣ ва руҳӣ.

2. Гузариш аз модели донишандӯзӣ ба модели салоҳиятнокӣ – ислоҳ ва навсозии мазмуни таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти талаботи таҳсилоти салоҳиятнок, ки ба ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, арзишҳои демократӣ ва меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ такя мекунад.

3. Тарбия ва ташаккули фарҳанги рафтор – ворид намудани унсурҳои таълимӣ барои ташаккули рафтори хушахлоқона, малакаҳои ҳаётан муҳим, риояи тарзи ҳаёти солим, донишҳои амалӣ оид ба амал дар ҳолатҳои фавқулода ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ.

4. Инкишофи таҳсилоти иловагӣ – такмил ва ғанисозии барномаҳои таҳсилоти иловагӣ бо мақсади васеъ кардани донишу тасаввуроти кӯдакон дар бораи муҳити атроф, шиносоии онҳо бо олами касбҳо ва мусоидат ба интихоби огоҳонаи самти ояндa.

5. Таҳсилоти махсус ва фарогир – такмил додани ҳамкории байниидоравӣ барои таълиму тарбия, офиятбахшӣ ва ҳамгироии иҷтимоии кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус, дастгирии ташаббусҳои инфиродӣ, такомули шахсият ва фаъол намудани нақши оила дар иҷтимоикунонии кӯдак.

6. Навсозии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – мутобиқ намудани мазмуни барномаҳо ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва эҳтиёҷоти оила, инчунин, мусоидат ба мутобиқшавии муваффақонаи мутахассисон дар бозорҳои меҳнати хориҷӣ.

7. Таҳсилоти олии касбӣ – ислоҳи мазмун ва сохтори таҳсилоти олӣ мутобиқ ба талаботи рушди иқтисодӣ ва вазифаҳои ташаккули элитаи зеҳнии кишвар.

Инчунин, навсозии таҳсил дар доираи Стратегияи мазкур ҳамчун воситаи муҳимми мутобиқсозии низоми маориф ба раванди ҷаҳонишавӣ, рушди иқтисоди муосир ва ташаккули насли нав бо ҷаҳонбинии илмӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардид. Дар робита ба ин, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «бо дарназардошти вазъи ҷаҳони имрӯза изҳор медорам, ки мактабу маориф инчунин омили муҳимтарини амнияти миллӣ низ мебошад, зеро дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза фақат насли наврасе, ки дониш ва касбу ҳунарҳои замонавиро хуб азхуд кардааст, метавонад дар оянда рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд» [20]. Дар ҳамин замина, Стратегияи миллии рушди маориф яке аз механизмҳои калидии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб мерафт ва тавонист як марҳалаи муҳимро дар роҳи гузариши маорифи тоҷик ба низоми босифат, рақамӣ ва ҷавобгӯ ба ниёзҳои замон таъмин намояд. Муваффақияти он дар такя ба сиёсати хирадмандонаи Роҳбарияти олии кишвар, дастгирии устувори молиявӣ ва ҷалби захираҳои инсонӣ асос ёфт.

Таҳсилоти томактабӣ ҳамчун зинаи аввали низоми миллии маориф ва марҳалаи муҳимми ташаккули шахсияти кӯдак шинохта мешавад. Ин зина пояи устувори рушди маънавӣ, равонӣ ва зеҳнии инсонро фароҳам оварда, таъсири мустақим ба сифати таҳсилоти минбаъда дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳо ба Маҷлиси Олӣ борҳо таъкид намудаанд, ки таҳсилоти томактабӣ бояд зинаи афзалиятноки сиёсати давлатӣ бошад, зеро он рушди инсонро аз поя таъмин мекунад. Бинобар ин, таъкид менамоянд, ки «бо вуҷуди кӯшишҳои пайгиронаи Ҳукумати мамлакат дар самти ба роҳ мондани шаклҳои наву алтернативии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, аз қабили марказҳои инкишофи кӯдакон, боғчаҳои бачагонаи хонагӣ ва монанди инҳо имрӯз ҳамагӣ даҳ фоизи кӯдакони синни томактабӣ ба ин зинаи таҳсилот фаро гирифта шудаанд. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки бо истифода аз тамоми воситаву имкониятҳо дар хусуси бунёди муассисаҳои томактабӣ ва фаро гирифтани шумораи ҳарчи бештари кӯдакон ба чунин муассисаҳо мунтазам чораҷӯӣ карда шавад» [18 ]. Маҳз дар партави чунин андеша як қатор барномаҳои давлатии рушд дар асоси Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ дар Тоҷикистон таҳия ва амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, бо дарназардошти зарурати фароҳам овардани муҳити мувофиқ барои рушди кӯдакон ва афзоиши фарогирии кӯдакони синни томактабӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ барои солҳои 2012-2016, Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2014-2019 ва Барномаи рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи хусусӣ барои солҳои 2014-2020-ро тасдиқ намуд, ки ҳадафи онҳо такмили инфрасохтор, баланд бардоштани сифати омӯзиш, тақвият бахшидани мавқеи шарикии давлат ва бахши хусусӣ оид ба ташкили муассисаҳои хусусии томактабӣ дар маркази шаҳру ноҳияҳо, васеъ кардани фарогирии кӯдакон ва таъмини муассисаҳо бо таҷҳизот, китоб ва лавозимоти таълимӣ буд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2015 самти таҳсилоти томактабиро чунин таҳлил мекунанд: «Соли гузашта [соли 2014 - Н. Н.] шумораи кӯдакистонҳо дар кишвар аз 508 ба 527 расида, шумораи кӯдаконе, ки дар ин муассисаҳо ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд, қариб 80 500 нафарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2013 беш аз 4000 нафар зиёд мебошад. Ё худ дар кишвар соли 2012 711 марказҳои инкишофи кӯдакон амал мекарданд ва соли 2014 шумораи онҳо ба 1061 расида, 26 000 нафар кӯдаконро фаро гирифтаанд. Илова бар ин, дар мамлакат 12 кӯдакистони махсусгардонидашуда бо фарогирии қариб сеюним ҳазор кӯдак ва 34 кӯдакистони хусусӣ барои дуюним ҳазор нафар кӯдакон амал мекунад. Яъне имрӯз барои қариб 115 ҳазор кӯдак шароити муосири таълиму тарбияи томактабӣ фароҳам оварда шудааст» [21].

Бо вуҷуди ин, як қатор масъалаҳои ҳалталаб дар самти таҳсилоти томактабӣ боқӣ мондаанд. Аз ҷумла, фарогирии паст дар деҳоти дурдаст (дар баъзе ноҳияҳо то 5-7%); норасоии мутахассисони соҳибтахассус ва тавсеаи барномаҳои таълимии муосир ва технологияҳои рақамӣ. Вобаста ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2018 таъкид менамоянд, ки «дар доираи барномаҳои давлатӣ ва бо иштироки аҳолӣ дар се соли оянда беш аз 1050 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ бунёд карда мешавад, ки қисми зиёди онҳо дар деҳоти кишвар пешбинӣ гардидааст. Бо вуҷуди ин, ба Ҳукумати мамлакат, Вазорати маориф ва илм, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш дода мешавад, ки рушди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ ва то соли 2021 ба 30 фоиз расонидани фарогирии кӯдаконро ба зинаи таҳсилоти томактабӣ таъмин намоянд» [24].

Дар давоми солҳои 2012-2020 Тоҷикистон дар самти таҳким ва рушди таҳсилоти томактабӣ пешрафтҳои назаррас ба даст овард. Барномаҳои давлатӣ, ки дар партави сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардиданд, ба беҳбуди зерсохтор, фарогирии бештар ва ҷалби бахши хусусӣ мусоидат намуданд.

Яке аз дастовардҳои муҳим дар раванди татбиқи Стратегияи миллии рушди маориф барои солҳои 2012-2020 қабули Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ва Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ ба ҳисоб меравад. Ин санадҳои муҳимми меъёрӣ дар заминаи афзалиятҳои стратегии давлат таҳия гардида, барои мутобиқсозии низоми таҳсилот ба талаботи ҷомеаи муосир ва бозори меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ заминаи устувор фароҳам оварданд. Маҳз бо қабули ин стандартҳо дар низоми таҳсилоти Тоҷикистон принсипҳои зерин мавқеи марказӣ пайдо карданд:

1. Таъмини сифати таҳсилот, ки ҳадафи он баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва салоҳиятҳои хонандагон мебошад.

2. Густариши муносибати босалоҳият дар таълим, ки ба ҷараёни таълим ҳамчун воситаи ташаккули шахсияти соҳибмаърифат, ташаббускор ва қобили рақобат менигарад.

3. Таҳкими асоси миллии мазмуни таҳсилот, ки бо мақсади тарбия намудани насли ватандӯст, худшинос ва бо арзишҳои миллию умумибашарӣ сурат гирифтааст.

Ба таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо эълон шудааст. Тақозои замон ин аст, ки сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ бояд пайваста боло равад, ба талаботи таҳсилот дар кишварҳои пешрафта ва бозори меҳнати ватаниву ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад. Ин вазифа низ аз ҷумлаи ҳадафҳои стратегии давлати мо дар соҳаи маориф буда, барои муваффақ шудан ба он бояд дастаҷамъона талош варзем» [17].

Қабули стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ яке аз заминаҳои асосии навсозии низоми маорифи Тоҷикистон дар марҳалаи Стратегияи миллии рушд ба ҳисоб меравад. Онҳо на танҳо барои мутобиқсозии мазмуни таълим ба ниёзҳои муосир мусоидат карданд, балки заминаи татбиқи ислоҳоти бунёдӣ дар соҳаи маорифро низ фароҳам сохтанд. Бо истифода аз ин стандартҳо, низоми таҳсилот ба марҳалаи нав – марҳалаи таъмини сифат, салоҳиятнокӣ ва мазмуни миллӣ ворид гардид, ки барои ташаккули насли нави бо дониш, дорои малака ва ҷаҳонбинии замонавӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Масъалаҳои такмили инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ва таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ (2011, 2014, 2016, 2017, 2019) махсус таъкид гардидаанд. Афзоиши аҳолӣ ва зиёд шудани шумораи хонандагон зарурати бунёди муассисаҳои нави таълимиро ба миён овард. Пешвои миллат зикр менамоянд: «Дар замони истиқлолият дар соҳаи маориф ҷиҳати бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва таҷдиду барқароркунии таълимгоҳҳои мавҷуда дигаргуниҳои зиёде ба амал омада, бевосита тавассути дастгирии давлат дар миқёси кишвар 1200 бинои мактаби ҳозиразамон барои 311 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд. Аз соли 1998 то имрӯз 14 лоиҳаи сармоягузорӣ бо арзиши умумии 720 миллион сомонӣ амалӣ мешавад» [17].

Тавре аз Паёмҳои Сарвари давлат бармеоянд, Ҳукумати мамлакат дар солҳои минбаъда маблағгузориро барои сохтмон ва таҷдиди муассисаҳои таълимӣ афзоиш дода, бо ин тадбирҳо садҳо муассиса азнавсозӣ гардида, мушкилиҳо дар ин самт то ҳадде коҳиш ёфтанд. Сарвари давлат дар ин маврид таъкид менамоянд, ки «мо дар соҳаи илму маориф иқдомоти ҷиддиро роҳандозӣ карда, ислоҳот ва навсозиро босуръат пеш бурда истодаем. Соли 2017 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сохтмон ва азнавсозии муассисаҳои таълимӣ зиёда аз 400 миллион сомонӣ сарф гардида, 24 ҳазор ҷойи нишаст муҳайё карда шуд. Соли 2018 ин раванд идома ёфта, маблағҳои буҷети давлатӣ ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба ин самт равона карда мешаванд» [23].

Яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти соҳаи маориф дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ин давра, гузариш ба муносибати босалоҳият (салоҳиятнокӣ) ба таълим буд. Ин мазмун нишон медиҳад, ки таълим бояд ба рушди қобилияту малакаҳои хонандагон равона карда шавад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат ҳамеша таъкид мекунанд, ки сифати таҳсилот бояд ҷавобгӯи талаботи замони муосир бошад ва муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо дониш, балки малакаи амалии хонандагонро рушд диҳанд. «Омӯзгор дар меҳвари соҳаи маориф қарор дорад ва сатҳу сифати дониши шогирдон ва тарбияи шоистаи онҳо маҳз ба донишу таҷриба, малакаву маҳорати касбӣ, усули таълим ва дигар паҳлуҳои фаъолияти шахсии омӯзгор вобастагии зич дорад» [20].

Дар ҳамин замина, муносибати босалоҳият ба таълим ба сифати яке аз самтҳои муҳимми ислоҳоти низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ пазируфта шуд. Моҳияти муносибати босалоҳият ба таълим аз он иборат аст, ки хонандагон на танҳо маҷмуи донишҳои назариявиро аз худ намоянд, балки қобилияти истифодаи дониш, малака ва таҷриба дар шароити воқеии зиндагиро ба даст оранд. Ба ибораи дигар, таълим на ба азёдкунӣ, балки ба таҳия ва ташаккули малакаҳои амалии ҳаётӣ равона карда шуд. Бинобар ин, стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ тадриҷан ба намунаи нави салоҳиятнокӣ мутобиқ карда шуданд. Дар ин замина, стандартҳо на танҳо

донишҳои ҳатмиро муайян менамуданд, балки маҷмуи салоҳиятҳои асосӣ ва калидии хонандагонро низ дар бар гирифтанд. Аз соли 2013 то 2017 Вазорати маориф ва илм бо дастгирии шарикони рушд китобҳои дарсӣ ва барномаҳои нави таълимиро бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим омода кард. Омӯзиши такмили ихтисоси омӯзгорон дар самти методикаи нави таълим ва истифодаи усулҳои фаъол роҳандозӣ шуд. Лоиҳаи «Дастгирии ислоҳоти соҳаи маориф» (бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ) ва як қатор ташаббусҳои дигар имконият доданд, ки таҷрибаи муносибати салоҳиятнокӣ дар амал татбиқ шавад.

Дар натиҷаи татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ як қатор пешрафтҳо, аз ҷумла, ба ташаккули малакаҳои амалӣ дар хонандагон (истифодаи компютер, технологияҳои иттилоотӣ, малакаи кор бо манбаъҳо), баланд шудани нақши фанҳои дақиқ ва забонҳо ва рушди усулҳои интерактивии таълим ноил гардиданд.

Дар маҷмуъ, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2011-2020 ҳамчун ҳуҷҷатҳои роҳнамо барои соҳаи маориф хизмат намуда, барои беҳсозии инфрасохтори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ва таъмини муассисаҳо бо китобҳои дарсӣ заминаи устувор фароҳам оварданд. Ин иқдомҳо ба баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили неруи инсонии кишвар ва таҳкими пояҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон мусоидат намуданд.

Пояи ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа аз оила ибтидо мегирад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханронӣ ва Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намудаанд, ки таълиму тарбияи насли наврас танҳо вазифаи мактаб нест, балки, пеш аз ҳама, масъулияти оила ва падару модар мебошад**.**

Дар ҳамин замина, яке аз иқдомҳои муҳим дар сиёсати давлатӣ дар оғози даҳсолаи дуюм, қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (2011) мебошад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, ки «мо лоиҳаи қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро ҳамчун яке аз муҳимтарин санадҳои батанзимдарорандаи одобу ахлоқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон арзёбӣ менамоем. Зеро равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосири башарӣ собит месозанд, ки имрӯз сатҳи пешрафту инкишофи ҳаёти маънавии инсониятро на шумораи зиёди аҳолӣ ва сарватҳои моддӣ, балки ахлоқи ҳамида, тарбияи нек, рушду нумуи илму маориф ва техникаву технологияҳои муосир муайян мекунад. Амалӣ шудани қонуни мазкур натанҳо падару модар, балки роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, омӯзгорон, ҷомеа ва давлатро вазифадор менамояд, ки ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус диҳанд» [17] .

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба таҳкими маданияти тарбиявии волидайн ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти иҷтимоии онҳо нақши муассир гузошт. Пас аз қабули қонун, дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳот механизмҳои гуногуни тавсеаи маърифати ҳуқуқии ҷомеа фаъол гардиданд. Аз ҷумла, фаъолияти Шурои волидайн ва комиссияи махсус дар муассисаҳои таълимӣ густариш ёфта, воҳӯриҳо, семинарҳои тарбиявӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ ба шарҳи муқаррароти қонун ва ташаккули тафаккури ҳуқуқии падару модар мусоидат намуданд. Қонун ба волидайн имкон дод, ки на танҳо ҳамчун шахсони ҷавобгар барои таълиму тарбияи фарзанд шинохта шаванд, балки ба сифати шарикони фаъоли муассисаҳои таълимӣ дар раванди таълиму тарбияи кӯдакон иштирок намоянд. Хусусан, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, ки асоси ахлоқиву маънавии кӯдак ташаккул меёбад, иҷрои моддаҳои қонун натиҷаҳои мусбат ба бор овард. Тибқи маълумоти расмии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар солҳои баъди қабули қонун (аз соли 2011) мизони содиршавии ҷиноятҳо аз ҷониби ноболиғон коҳиш ёфт. Таҳлилгарон ин равандро бо тавсеаи татбиқи муназзами қонун ва ҷорӣ гардидани назорати муассир аз сӯйи ниҳодҳои дахлдор алоқаманд медонанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳамчун яке аз санадҳои муҳимми меъёрии ҳуқуқӣ дар самти тарбияи насли наврас, таҳкими асосҳои маънавию ахлоқии ҷомеа ва боло бурдани сатҳи масъулиятшиносии волидайн дар назди фарзандон ва давлат, инчунин, заминаи боэътимоди ҳуқуқиро ба вуҷуд овард.

Бо гузашти вақт ва бо дарназардошти талаботи ҷомеаи муосир, таҷрибаи татбиқи амалии қонун ва зарурати ҳалли масъалаҳои нав дар соҳаи таълиму тарбияи кӯдакон, қонуни мазкур дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардид. Тибқи ин таҳрир, номи он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» (2024) иваз карда шуд. Қонуни нав на танҳо волидайн, балки тамоми табақаҳои ҷомеаро ӯҳдадор месозад, ки барои фароҳам овардани муҳити солим, аз лиҳози ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҷиҳати таълиму тарбияи кӯдак саҳмгузор бошанд. Аз ин рӯ, он дар низоми қонунгузории кишвар мақоми муҳим ва таъсиргузорро ишғол намуда, заминаи ҳуқуқию маънавиро барои ҳифзи манфиатҳои беҳтарини кӯдак, таҳкими масъулиятшиносии волидайн ва рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак фароҳам месозад. Татбиқи пайгирона ва ҳамаҷонибаи қонуни мазкур ба таҳкими фарҳанги ҳуқуқии оилавӣ ва тарбияи инсонпарваронаи насли наврас мусоидат намуда, ҷиҳати бунёди ҷомеаи солим ва пешрафта саҳми назаррас мегузорад.

Дар шароити муосири рушди илм, техника ва технология яке аз ҷузъҳои муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот дар кишварҳо, махсусан, кишварҳои рӯ ба рушд, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо пояҳои муосири моддиву техникӣ мебошад. Бе таҷҳизоти фаннӣ ва озмоишгоҳҳои замонавӣ, дар шароити омӯзиши анъанавӣ ва бе истифодаи технологияҳои муосир, мутобиқ намудани мазмуни таҳсилот ба талаботи бозори меҳнат ва таҳаввулоти илмӣ-таҳқиқотӣ мушкил хоҳад буд. Масъалаи таҳкими пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, дар солҳои 2010, 2011, 2017 ва 2018 ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат дар соҳаи маориф таъкид шудааст. Пешвои миллат пайваста изҳор менамоянд, ки сатҳи сифати таҳсилот мустақиман ба вазъи инфрасохтори таълимӣ ва таъминоти муассисаҳо бо таҷҳизоти зарурии фаннӣ вобастагӣ дорад. «Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода карда, заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем» [23].

Бо мақсади татбиқи ин ҳидоятҳо ва ба роҳ мондани таҷҳизонидани муассисаҳои таълимӣ бо воситаҳои технологии замонавӣ, ду барномаи муҳимми давлатӣ таҳия ва амалӣ гардид: Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020**.**

Дар доираи татбиқи ин барномаҳо, муассисаҳои таълимӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва таҷҳизоти озмоишгоҳии муосир таъмин гардиданд. Афзалият ба истифодаи технологияҳои рақамӣ**,** воситаҳои визуалӣ**,** асбобҳои озмоишии муосир ва таҷҳизоти интерактивӣ дода шуд. Бо ҷалби маблағгузории иловагӣ аз ҳисоби лоиҳаҳои хориҷӣ ва саҳмгузории шарикони рушд, ворид ва насб намудани таҷҳизоти муосир дар мактабҳо таъмин карда шуд. Ҳамзамон, омӯзиши фанҳои табиӣ ва риёзӣ дар як қатор муассисаҳо бо истифода аз таҷҳизоти фаннӣ ба роҳ монда шуд.Тибқи иттилои расмӣ, танҳо дар давраи амалишавии Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳо барои солҳои 2011-2015 муассисаҳои таълимӣ бо 2908 кабинети фаннӣ таъмин гардид. [7, с.14].

Ин барнома заминаи воқеӣ барои тавсеаи омӯзиши амалии фанҳои табиӣ ва техникӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фароҳам овард. Амалисозии барномаҳои мазкур на танҳо ба такмили инфрасохтори таълимӣ мусоидат намуд, балки ба баланд шудани шавқи хонандагон ба фанҳои табиӣ**,** такмили қобилиятҳои амалӣ ва таҳкими таҳсилоти касбӣ-техникӣ низ таъсири назаррас гузошт. Мактабҳои деҳоти дурдаст низ ба таври нисбӣ бо таҷҳизоти фаннӣ таъмин гардиданд, ки ин ба баробарсозии дастрасии хонандагон дар тамоми қаламрави кишвар мусоидат намуд.

Таҳкими пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ ҳамчун як самти стратегии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мутобиқсозии он ба талаботи асри XXI мусоидат мекунад. Барномаҳои давлатии амалигардида дар солҳои 2011-2020 дар ин самт нақши муҳим дошта, намунаи ҷиддии муносибати мақсадноки ҳукумати

кишвар ба рушди соҳаи маориф маҳсуб меёбанд. Идомаи чунин барномаҳо ва тавсеаи иқтидори инфрасохторӣ, кафолати муҳим барои рушди устувори соҳаи таҳсилот дар кишвар хоҳад буд.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳимми зерсохтори таълимӣ мавқеи хос доранд. Онҳо вазифаи аслии худро дар самти такмил ва ғанисозии донишу малакаҳои хонандагон, рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии онҳо, ҳамчунин, мусоидат ба интихоби огоҳонаи касбу ҳунар иҷро менамоянд. Дар ин замина, балки воситаи таъсирбахш дар қонеъ гардонидани майлу рағбат ва талаботи маънавии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон ба шумор меравад.

Бо дарназардошти тағйироти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар даҳсолаи дуюми асри XXI, тавассути дастгириҳои Пешвои миллат низоми таҳсилоти иловагӣ низ мавриди ислоҳоти назаррас қарор гирифт. Қадами калидӣ дар ин раванд қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» (2012) мебошад, ки меъёрҳои ташкиливу ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва молиявии фаъолияти ин муассисаҳоро муқаррар карда, заминаи ягонаи ҳуқуқӣ барои рушди он фароҳам меорад. Дар асоси ин қонун як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки барои такмил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ хизмат менамоянд. Аз ҷумла:

- Консепсияи рушди таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон, ки самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин бахшро муайян мекунад;
- Стратегияи инкишофи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки марҳилаҳои амалисозии ислоҳот ва нишондиҳандаҳои интизоршавандаро муқаррар менамояд;
- Стандарти давлатии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки талаботи ягона ба мазмун, шакл ва натиҷаҳои фаъолияти таълимиро пешбинӣ менамояд;
- барномаҳои байниидоравӣ ва низомномаҳои соҳавӣ, ки механизмҳои ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии амалҳои вазорату идораҳоро муайян месозанд.

Амалӣ гардидани ин санадҳо ба рушди инфрасохторӣ ва методии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, такмили заминаи моддиву техникӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои инноватсионии таълим ва ташкили маҳфилу марказҳои эҷодӣ мусоидат кард. Аз ҷумла, «тибқи маълумоти оморӣ 83 маркази таҳсилоти иловагӣ ба қайд гирифта шудааст, ки дар соли таҳсили 2014-2016 1411 маҳфил ва 48646 нафар фаъолият кардаанд» [7, с. 27]. Ҳамзамон, таваҷҷуҳи бештар ба тарбияи насли соҳибистеъдод, ташкили озмунҳои фаннӣ ва эҷодӣ, фестивалҳо ва барномаҳои истироҳативу фароғатӣ дода шуд, ки дар маҷмуъ, ба баланд бардоштани сифати таълим ва вусъат бахшидани имкониятҳои рушди шахсият мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти рӯзафзуни таҳсилоти иловагӣ дар рушди неруи инсонӣ, зарурати таҳкими минбаъдаи заминаҳои ҳуқуқӣ, васеъ намудани дастрасӣ ба ин навъи таҳсилот, инчунин, ҷалби сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ барои рушди инфрасохтори он дар солҳои оянда эҳсос мегардад.

Ҷаҳони муосир бо шиддатёбии раванди ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобати зеҳнӣ тавсиф мешавад. Дар чунин шароит рушди устувори ҷомеа, таҳкими иқтидори илмӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар аз сатҳи маориф, неруи зеҳнӣ ва сиёсати самараноки давлатӣ вобастагии мустақим доранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чанд соли охир дар ин самт тавассути роҳандозии барномаҳои давлатӣ, ба рушди неруи инсонӣ ва дарёфти истеъдодҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст.

Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020, ки бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, бо ҳадафи ташаккули низоми муассири ҷустуҷӯ ва дастгирии ҷавонони лаёқатманд таҳия шуд. Тибқи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ: «Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020» қабул гардид, ки тибқи он дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо марказҳои таълимию тарбиявӣ барои кӯдакони лаёқатманд ташкил карда мешаванд» [22]. Мақсад аз ташкили марказҳои мазкур ин фароҳамоварии шароити мусоид барои омӯзиши амиқи фанҳо, таҳияи низоми мукаммали дарёфти истеъдодҳо дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди эҷодӣ ва касбии кӯдакону ҷавонони боистеъдод, таҳкими ҳамкории байни муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ дар самти рушду парвариши истеъдодҳо мебошад. Бо амалӣ шудани Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои

солҳои 2015-2020 як қатор дастовардҳои назаррас дар самти ташаккули низоми устувори дарёфт ва рушди неруи зеҳнии наврасону ҷавонон ба даст омаданд. Аз ҷумла, фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар назди Вазорати маориф ва илм бо тарҳи нав ва сохтори муосир тақвият ёфт, ки он ҳамчун маркази ҳамоҳангсози ҷумҳуриявӣ дар татбиқи сиёсати рушди истеъдодҳо нақши муҳимро иҷро намуд. Ҳамзамон, инфрасохтори дахлдори дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо ташкил ва ба фаъолият шуруъ кард, ки шароити беҳтари фарогирии наврасон ва ҷавонони лаёқатмандро, махсусан дар минтақаҳои дурдаст фароҳам овард.

Баробари ин, шабакаи литсейҳо ва мактабҳои Президентӣ, ки маҳз барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва таълиму тарбияи насли боистеъдод таъсис ёфтаанд, васеъ гардида, бо таҷҳизоти муосири таълимӣ ва муҳити мусоиди таълимӣ муҷаҳҳаз шуданд. Маҳз дар партави чунин тадбирҳо ҳар сол садҳо нафар хонандагону донишҷӯён дар озмунҳо, олимпиадаҳои фаннӣ ва чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, даҳҳо ҷойҳои ифтихорӣ ва мукофотҳои сазовор ба даст оварданд, ки он гувоҳи рӯшани самаранокии татбиқи барнома ва неруи зеҳнии ҷавонони тоҷик мебошад. «Агар шумораи иштирокчиёни олимпиадаи ҷумҳуриявӣ дар соли 2009 588 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2015 шумораи онҳо ба 1330 нафар расидааст. Ё худ, агар теъдоди ғолибони олимпиадаи байналмилалӣ дар соли 2010 96 нафарро ташкил дода бошад, дар соли 2015 ин нишондод ба 148 нафар расид» [7, с. 15].

Мавриди зикр аст, ки дар доираи барномаи мазкур механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии иҷтимоӣ барои шахсони боистеъдод такмил ёфта, стипендияҳои мақсаднок барои ҷавонони лаёқатманд муқаррар ва роҳандозӣ гардиданд. Ҳамчунин, бо мақсади тавсеаи имкониятҳои таҳсилу рушд, барномаҳои ҷалби истеъдодҳо ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ватанӣ ва хориҷӣ вусъат ёфта, барои даҳҳо нафар шароити таҳсили босифат фароҳам гардид.

Бо такя ба таҷрибаи марҳалаи аввал, марҳалаи дуюми Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025 таҳия ва татбиқ гардид. Барномаи нав ба густариши марказҳо, тақвияти мустақилияти молиявӣ, таъсиси биноҳои алоҳида ва фароҳам овардани воҳидҳои омӯзгорӣ аз фанҳои гуногун равона гардид. Айни замон дар ҷумҳурӣ 73 маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо фаъолият дорад, ки 53 марказ бо мустақилияти молиявӣ, 8 марказ бо бинои алоҳида ва 17 марказ бо воҳидҳои корӣи омӯзгорӣ аз ҳамаи фанҳо таъмин мебошанд. Азбаски ҳамагӣ 8 марказ бинои алоҳида дорад, 65 маркази дигар машғулиятҳои таълимиро дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ мондааст. Тибқи маълумоти мутахассисон, иштироки хонандагони тоҷик дар олимпиадаҳои байналмилалӣ сол аз сол зиёд ва сифати онҳо низ беҳтар гардидааст. «Соли 2022 хонандагони кишвар дар 23 олимпиада ва соли 2023 дар 34 олимпиадаи лоиҳавӣ, фосилавӣ ва байналмилалӣ иштирок намуданд. Агар соли 2021 1054 нафар хонанда дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат варзида, 643 ҷойи намоѐнро ба даст оварда бошанд, соли 2023 13090 хонанда дар ин сабқатҳо ширкат варзида, 1184 ҷойи намоёнро ба даст оварданд, ки ин нишондиҳанда мутаносибан аз 84% бештар мебошад. Дар баробари афзоиши теъдоди ғолибони олимпиадаҳои байналмилалӣ, сатҳ ва сифати иштирок дар олимпиадаҳо беҳтар гардида, ба олимпиадаҳои байналмилалии сатҳи баланд бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Аз ҷумла, соли 2023 хонандагони ҷумҳурӣ дар олимпиадаҳои бонуфуз, аз қабили IMEC, Архимед, TeenEgle, Stem, Isi Junior, WRO, Жаутиков, BIMC, HIPPO, EGMO, Ал-Берунӣ, JBMO, IMO, Математекаи зеҳнӣ, EuPhO, Менделеев, APhO, APMO, IBO, IPhO, ICHO, Copernicus ширкат варзиданд» [9, с. 20].

Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар марҳалаҳои татбиқаш (2015-2020 ва 2021-2025) ба ташаккули низоми самараноки дастгирии ҷавонони боистеъдод дар Тоҷикистон заминаи воқеӣ гузошт. Бо таҳкими инфрасохтор, ташкили механизмҳои ҳавасмандсозӣ ва тавсеаи имкониятҳои таҳсилу рушд, кишвар тавонист зарфияти неруи зеҳнии насли наврасро фаъол намуда, мавқеи худро дар сатҳи байналмилалӣ устувор намояд. Тақвияти минбаъдаи барнома ва ҷалби бештари шарикони рушди маориф метавонад омили муҳим дар расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар бошад.

**(Идома дорад)**

# ПИРЯХҲО – МАНБАИ САРЧАШМАИ ОБИИ ДАРЁҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Шодӣ САФАРОВ – президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор, Абдулло ОРИФОВ – дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ, Бахрон ЗУЛФОНОВ - ходими пешбари илмии шуъбаи табиӣ-риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ**

**14-уми декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи худро дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қабул кард. Мувофиқи ин қатънома, дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзуъ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конференсияи сатҳи баланд баргузор гардид.**

Инсон зодаи табиат аст. Рӯзгори инсонро зебоиҳои табиат хушу хуррам мегардонад. Табиат барои инсон сарчашмаи нахустин неъматҳо мебошад. Аз ин рӯ, инсон ҳаёти ҳаррӯзаи хешро бе оби тозаю шаффоф тасаввур карда наметавонад. Ҳудуди кӯҳсори Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги об яъне, пиряхҳо буда, пиряхҳо сарчашмаи асосии ғизогирии дарёҳо ва омили асосии зисту зиндагӣ ва фаъолияти на танҳо сокинони Тоҷикистон, балки Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Пиряхҳо дорои захираи бузурги об буда, дар соҳаи кишоварзии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти бағоят калон доранд. Ҳаҷми умумии пиряхҳои Осиёи Марказӣ тақрибан ба 17 ҳазор км$^2$ баробар мебошад, ки бештар аз 60 фоизи онҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгиранд. Масоҳати умумии пиряхҳо тақрибан 8,5 ҳаз. км$^2$ буда, қариб 6 фоизи сарзамини ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Чунин миқдори ях дар натиҷаи ғуншавии барфҳои бисёрсола, ки тақрибан аз баландии 3000 – 3500 м сар мешавад, ба вуҷуд омадааст. Пиряхҳо, бахусус, дар баландиҳои аз 3500 то 5300 м бештаранд.



Яке аз иқтидорҳои асосии табии Тоҷикистон, мавҷуд будани захираҳои калони оби тоза мебошад. Миқдори зиёди пиряхҳо ҳамчун ҷамъкунандаҳои табиии оби тоза мебошанд. Обҳои пиряхҳо ва барфҳо 25 фоизи ҳаҷми ҷараёни дарёҳои Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Хусусияти пиряхҳо он аст, ки метавонанд ҷараёни дарёҳоро давоми сол масалан, бо тағйири туғёни обҳо ба июл ва август ва ҳам дар муддати солҳои зиёд танзим намоянд. Дар натиҷа дар солҳои хушку гарм ҳиссаи обҳои пиряхҳо ба 50 фоиз ва бештар аз он мерасад. Ҳамин тавр, пиряхҳо тағйироти ҷараёни дарёҳоро байни солҳои хушку серборон баробар менамоянд.

Дар айни замон пирях худ зери таъсири тағйироти иқлим қарор дорад. Ҳар сол тағйироти иқлим боиси халалдор шудани тавозуни байни вуруд ва сарфи маводи пирях мегардад ва дар

андозаву шакли пирях чунон тағйиротеро ба вуҷуд меорад, ки мувозинаи пирях бо иқлимро барқарор месозад. Дар он сурат обдиҳии пирях метавонад тағйир ёбад. Ба иттилои баъзе манбаъҳои соҳибнуфуз, аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, ки барои тамоми минтақа аҳаммияти ҳаётӣ доранд, дар тӯли 30 соли охир беш аз 1000 пирях нобуд шудааст, ки миқдори умумии пиряхҳо дар кишвари мо бо масоҳати умумии яхбастагӣ 11146 км 2 буда, қариб 6 фоизи тамоми масоҳати ҳудуди кишварро ишғол менамоянд.

Майдони умумии яхбандӣ дар масоҳате, ки ба қуллаҳои баландтарини Помиру Олой - қуллаҳои Исмоили Сомонӣ ва Абуалӣ Ибни Сино мерасанд, ҷойгиранд. Дар ҳавзаҳои дарёҳои Ванҷ, Оқсу, Хингов, Вахш, Язғулом беш аз 5 ҳазор км$^2$ майдони яхбаста мавҷуд аст, ки беш аз се ду ҳиссаи майдони умумиро ташкил медиҳад. Ноҳияҳои дурдасте, ки дар қисматҳои ғарбӣ ва шарқии ин марказ воқеанд, дорои дараҷаи ками яхбандӣ мебошанд. Ҳаҷми ях дар ҳамаи пиряхҳо 845 км3 буда, захираи оби тоза дар пиряхҳо нисбат ба обҳои равони ҳамаи дарёҳои Тоҷикистон 13 баробар бештар аст.

Дар пиряхҳои кишварамон 456,9 км$^3$ об захира шуда, соле ин пиряхҳо ба дарёҳо 61,8 км$^3$ об медиҳанд. Пиряхҳо 1/3 ҳиссаи солона ва қариб ними обҳои равони тобистонаро медиҳанд. Дар даҳсолаҳои охир тағйирёбии андозаи пиряхҳо (майдон, ҳаҷм) бо зиёдшавии тавозуни манфии массаи пиряхҳо мушоҳида мешавад. Дар шароити имрӯзаи обу ҳаво майдони пиряхҳои Помиру Олой ҳар сол ба 1,2 км 2 кам мешавад. Пиряхи Федченко (ҳоло Ванҷях) на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми ҷаҳон калонтарин пиряхи водигии кӯҳӣ ҳисоб шуда, дар китоби «Рекордҳои Замин» дохил шудааст. Майдони пиряхи Ванҷях бо ҳамаи шохобҳояш 651,7 км$^2$, дарозии аз ҳама зиёдаш 77 км, бараш 5 км ва ғафсияш то 1800 м. мебошад, Пирях аз нишемангоҳи қуллаи Инқилоб дар нишебии шимолии қаторкӯҳҳои Язғулом ибтидо гирифта, то ба дарозии қаторкӯҳҳои шарқии Академияи илмҳо идома меёбад. Ғафсии ях дар қисмати мобайнии пирях 1000 метр ва масоҳати умумии яхбандишуда ва барфтудаҳо 992 км$^2$ – ро ташкил медиҳанд. Минтақаи яхи барфини пирях дар баландии 5300 – 5700 м ҷойгир шудааст. Пиряхи Ванҷях қариб 50 шохоб дорад, калонтарини онҳо Бивачий, Наливкин, Витовский, Ҷамъияти географӣ буда, дар баландии 2900 то 7480 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд.

Пиряхи Ванҷяхро соли 1876 сайёҳи рус В. Ф. Ошанин кашф намуда, онро ба хотири дӯсташ А. П. Федченко, яке аз нахустин муҳаққиқони Осиёи Миёна номгузорӣ намуда буд. Тобистони соли 1908 капитани рус Н. И. Косиненко ва ҳамкоронаш қариб нисфи масоҳати пиряхро омӯхтанд. Болооби пирях ба баландии 7480 м расида охири забонааш то 2910 м поён фурӯ мераванд. Ғафсии яхи пирях дар баъзе ҷойҳо аз 800 м бештар ҳаҷми ях тақрибан 130 км3 мебошад.

Ду пиряхи нисбатан калони Помир низ дар ҳамин ноҳия ҷойгиранд. Ин пиряхи Гурум Гримайло бо майдони 142,9 км$^2$ ва Пиряхи Гармо, ки майдони 114,6 км$^2$ - ро дар бар мегирад [8]. Майдони пиряхи «миёна» дар қаламрави Тоҷикистон тақрибан ба 1км$^2$ баробар аст. Масалан, пиряхҳои то 1 км$^2$ тақрибан 80 % ҳамаи миқдори пиряхҳоро ташкил медиҳанд, вале пиряхҳои хурд, сарфи назар аз миқдори зиёдашон фақат майдони 15 %-ро дар бар мегиранд. Тафовути ҷойгиршавии пиряхҳо аз рӯи баландӣ низ зиёд аст. Сабаби асосии ин шароити табиӣ, релеф ва тақсимоти боришот мебошад. Агар дар ҳавзаи дарёи Сурхоб пиряхҳо аксаран бо 2300-2400 м дар сатҳи баҳр фуруд оянд, пас, дар наздики кӯли Қарокӯл ва болооби дарёи Мурғоб поёнтар аз 4400 м дар сатҳи баҳр пиряхҳо нестанд.

Ба ҳисоби миёна вазъи ҳудудҳои поёнии пиряхҳо тамоил ба баландшавӣ, аз ғарб ба шарқ 3650м дар ҳавзаи дарёи Кофарниҳон то 4860 м ва дар ноҳияи кӯли Қарокӯл доранд. Ҳолати нишебиҳо, ҳамчунин, ба вазъи ҳудудҳои поёнии пиряхҳо таъсир мерасонад. Одатан пиряхҳо дар нишебиҳои шимолӣ 200-300 м поёнтар нисбат ба нишебиҳои ҷанубӣ ҷой гиранд. Баландии ҳудуди болои пиряхҳо аз баландии қаторкӯҳҳо ва қуллаҳои атроф вобаста аст. Пиряхҳое, ки аз нишебиҳои қуллаи Исмоили Сомонӣ ибтидо меёбанд, 7400м баландӣ доранд, вале дар ҳавзаҳои дарёҳои Сурхоб ва Кофарниҳон аз 4500-5000 м баландтар мешаванд. Тағйирёбии иқлим бо давраҳои ҳар 12-15 сол, қариб 30 сол, 70 сол якасра ва бисёрасра маълум аст. Тағйири яхбандӣ ба ҳамин қонуният тобеъ мебошад.

Қисмате аз пиряхҳоро, ки ба ин тағйирот дучор меоянд, лағжанда меноманд. Давраи лағжиш на танҳо аз тағйирёбии иқлим, балки аз ҷойгиршавии маконии пиряхҳо, шакли нишебӣ ва сабабҳои зиёди дигар вобаста аст. Ҳар замон дар болои пиряхҳо миқдори зиёди барф ва ях ҷамъ мешавад. Бо таъсири ҷозиба ин миқдори зиёд ба поён ҳаракат намуда, мавҷи яхро ташкил мекунанд. Пиряхи Ҳисор дар давраи лағжиши худ пеши дарёро мегирад ва ба аҳолие, ки дар

водиҳо зиндагӣ мекунанд, хатар пеш меорад. Пиряхи аз ҳама калон Ванҷяхро ба ҳамин навъ дохил кардан мумкин аст. Баъди кашфи пиряхи мазкур чанд лағжиши он ба қайд гирифта шудааст: дар солҳо 1868, 1910-1913 ва дар соли 1963. Дар ин давраҳо пирях 800-1200 м ҳаракат намуда, сипас дар муддати 40-50 сол аз лағжиш бозмондааст.

Агар дар ибтидои давраи гармо оби дарёҳо аз ҳисоби обшавии пиряхҳо зиёд шавад, пас минбаъд дар натиҷаи кам гаштани майдони яхбандӣ ва баланд шудани ҷойгоҳи яхистонҳо ҷараёни об метавонад хеле кам шавад. Ин аз натиҷаи таҳқиқоти охирини иқлими Алп бармеояд. Чунин тағйирот метавонад дар кӯҳҳои Тоҷикистон ҳам ба вуҷуд ояд. Обанборҳо ва резиши об ба баҳри Арал ба ин таъсир мерасонанд. Масалан, аксбардории мунтазами ҷабҳаи забонаи пиряхи Зарафшон нишон дод, ки пирях хеле коҳиш ёфтааст. Аз соли 1908 то соли 1986 пирях қариб 1 км кам гаштааст.

Таҳқиқоте, ки дар пиряхи Абрамов анҷом ёфтааст, нишон дод, ки аз соли 1850 то соли 1984 ҳудуди поёнии ин пирях 80 м баланд баромадааст, ҳаҷми ях дар қисмати поён 630 млн. $м^3$ кам шудааст. Чунин тағйироти иқлим боиси тақсим шудан ва тағйир ёфтани яхбандии Помир аз ҷараёни оби дарёҳои Осиёи Марказӣ метавонад гардад. Тағйирёбии шароити иқлим дар Осиёи Марказӣ бо тағйироти глобалии иқлим алоқаи зич дорад. Гармшавии иқлим, махсусан, дар давраи зимистон метавонад дар қаламрави Тоҷикистон ба чунин оқибатҳо оварда расонад:

1.Захираҳои зимистонии барф кам мешаванд, майдони бисёрсолаи яхбандӣ коҳиш меёбад, яъне, захираҳои об кам мегарданд.

2. Ҷараёни об аз захираҳои зимистонии барф кам мешавад.

3. Ҷараёни тобистонаи оби яххо дар ибтидо мумкин аст зиёд шавад, вале солҳои баъд кам мегардад.

4. Тақсимоти минтақаҳои баландӣ, хушкгузаронии ҳаёти инсон ва мутобиқшавии он тағйир меёбад.

5. Тақсимоти минтақаҳои наботот дар шароити баландӣ, ҳамчунин, минтақаҳои пайдоиши хок тағйир меёбад.

Бо дарназардошти зарурати масъалаи мазкур ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, бо дарки амиқ, таваҷҷуҳи хосса ва сиёсати созандаю дурандешонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якчанд ташаббуси башардӯстонаро пешниҳоди ҷомеаи ҷаҳон намудаанд. Ташаббусҳои ҷаҳонии ҷониби Тоҷикистон дар самти истифодаи оқилонаи об ва ҳифзи пиряхҳо назаррас буда, маҳз бо пешниҳоди Сарвари давлати мо дар сатҳи СММ як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ баргузор ва пешниҳодҳои созанда ироа шуданд.

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои обу экология бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи Созмони Милали Муттаҳид соли 2003 «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт», соли 2013 «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва солҳои 2018-2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор эълон карда шуд. Мавриди зикри хос аст, ки дар идомаи иқдомоти болозикр, дар таърихи 3 - юми марти соли 2021 Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар мулоқоти нахустини Панели сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об ва иқлим пешниҳод намуданд, ки соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон гардад ва санаи мушаххаси «Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳо» муайян карда шавад. Мақсади ягона ва ниҳоии ҳамаи ин чорабиниҳо, ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои дарки қазияи мазкур, ташаккул додани маърифати экологии саросарӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои амалии мутобиқ шудан ба оқибатҳои нохуши эҳтимолии тағйирёбии иқлим мебошад.

**Адабиёт:**


1. Назриев, Д., Салимов, Т. Обҳои Тоҷикистон: дар бораи онҳо чӣ медонед? – Душанбе, 2000. – 80 с.

2. Муҳаббатов, Х. М., Диловаров, Р. Д., Акобиров, Ш. З. Географияи иқтисодии Тоҷикистон бо асосҳои демографии он. – Душанбе: Донишварон, 2019. – 325с.

3. Муҳаббатов, Х., Раҳимов, М. Географияи Тоҷикистон. Китоби дарсӣ синфи 8 – уми мактаби таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: Собириён, 2009. – 192с.

4. Муҳаббатов, Х. М., Диловаров, Р. Д., Раҳимов, М. Р. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011, – 163 с.

# НАТИҶАҲОИ ҚАБУЛИ ДОНИШҶӮЁН ТИБҚИ КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ ТАҲСИЛИ 2025-2026

***Дар шароити рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии кишвар ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон яке аз самтҳои муҳим, таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти олии касбӣ барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ мебошад. Бо ин мақсад, аз соли 1997 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон квотаи Президентӣ барои қабули донишҷӯён таъсис ёфтааст. Ин иқдом ҳамчун воситаи муҳимми дастгирии иҷтимоии ҷавонони лаёқатманд, хусусан, аз минтақаҳои дурдаст хидмат мекунад. Квота на танҳо воситаи таъмини адолати иҷтимоӣ дар соҳаи маориф аст, балки як унсури муҳимми сиёсати кадрсозии миллӣ буда, ба таври мустақим ба ҳадафҳои рушди устувор, махсусан, дар бахши маориф ва неруи инсонӣ мусоидат мекунад.***



***Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020, №157 «Дар бораи нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ҳамасола озмунҳои ҷумҳуриявӣ барои интихоби довталабони лаёқатманд баргузор мегарданд. Дар соли таҳсили 2025-2026 низ чунин озмун аз 26 май то 7 июн баргузор шуд. Дар робита ба натиҷаҳои ин озмун ва ҷанбаҳои муҳимми он, мо бо сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳикматулло Саидзода мусоҳиба оростем.***

**– Дар оғоз мегуфтед, ки озмун дар асоси кадом ҳуҷҷатҳои расмӣ баргузор гардид?**

– Озмун дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 феврали соли 2020, №157 ва банди 15 «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №254) баргузор гардид. Мувофиқи фармоиши вазири маориф ва илм аз 23 майи соли 2025, №651, озмун дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар амалӣ шуд. Тибқи талаботи банди зикргардида ва ризоияти Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.05.2025, мактуби №26/4-228 раисони комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин гардиданд.

**– Дар озмун чанд шаҳру ноҳия ширкат доштанд, довталабон чӣ қадар буданд ва саволномаҳо барои озмуни ҷумҳуриявӣ чӣ гуна ба раисони комиссия пешниҳод ва истифода шуданд?**

– Аз тарафи раёсат (шуъба)-ҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои иштирок дар озмуни довталабони квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар зиёда аз 5 ҳазор ҳуҷҷати довталаб - ғолибони даври дуюми (шаҳр)-ӣ ноҳиявиро ба

комиссияи даври сеюм (ҷумҳуриявӣ) пешниҳод намуданд ва озмун дар 61 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ баргузор гардид.

Саволномаҳои тестӣ аз тарафи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардида, ба таври ғайриошкоро бо таъмини бехатарии иттилоот мувофиқи тартиби муқарраргардида ба раисони комиссияи озмуни ҷумҳуриявӣ пешниҳод ва дар ҳузури довталабон ва волидайни онҳо мавриди истифода қарор дода шуданд.

**– Барои соли таҳсили 2025-2026 чанд ҷой ҷудо гардид?**

– Дар маҷмуъ, барои ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 1269 ҷой ҷудо шуд: 651 ҷой барои духтарон ва 618 ҷой барои писарон. Тақсимоти ҷойҳо чунин аст:

- вилояти Хатлон – 539 ҷой (276 духтар, 263 писар);
- вилояти Суғд – 288 ҷой (149 духтар, 139 писар);
- ВМКБ – 139 ҷой (71 духтар, 68 писар);
- шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 303 ҷой (155 духтар, 148 писар).

**– Дар ҷараёни баргузории озмун кадом мушкилоту муаммоҳо ба мушоҳида расиданд? Оё нақшаи қабули квота пурра иҷро гардид?**

– Мушоҳида ва таҳлили қабули озмун ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар нишон дод, ки мушкилоти зиёд дар самти ҳуҷҷатгузорӣ, таблиғу ташвиқи ихтисосҳо, интихоб ва баргузории озмунҳои даври якум ва дуюм ба назар мерасад. Ташкил ва баргузории онҳо ба салоҳияти масъулини мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва шуъба (раёсат)-и маориф аст.

Раванди баргузории озмун нишон дод, ки дар самти интихоби довталабон, баргузории даврҳои якуму дуюм ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳо аз ҷониби масъулони як қатор шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла, Шаҳритус, Истиқлол, Гулистон, Бӯстон, Сангвор, Варзоб, Дарвоз, Рӯшон, Ванҷ, Балҷувон, Норак ва Фархор камбудию норасоиҳо ба назар расиданд. Ҳамзамон, дар аксари шаҳру ноҳияҳои зикршуда довталабон дониши нисбатан паст нишон доданд.

Ҳамчунин, аз таҳлилҳо бармеоянд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии баъзе шаҳру ноҳияҳо ба бархе аз ихтисосҳои дар квота пешбинишуда эҳтиёҷ надоранд. Новобаста аз он ки муаммои мазкур соли қаблӣ низ ҷой дошт, мутаассифона, то ҳол аз ҷониби мақомоти дахлдор ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо ё ин ки ба Вазорати маориф ва илм ягон дархост ҷиҳати иваз намудани ихтисосҳо пешниҳод нагардид. Ин омил гувоҳи он аст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дурнамои омода намудани мутахассисонро баррасӣ намекунанд, ки дар натиҷа боиси иҷро нашудани нақшаи квота дар шаҳру ноҳияҳо мегардад.

Гарчанде ба ҳар як ҷойи ҷудогардида аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои кишвар аз 2 то 6 нафар довталаб-ғолибони даври ноҳиявию шаҳрӣ барои иштирок дар даври сеюм (ҷумҳуриявӣ) пешниҳод гардида бошанд ҳам, бо сабаби аз ҷониби қисме аз масъулини раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тибқи талабот пешниҳод нагардидани рӯйхати довталабон, ҳозир нашудани довталабони ба рӯйхат воридгардида, нисбатан ба саволҳои тестӣ ҷавоб дода натавонистан, номувофиқатии ҳуҷҷатҳо ба озмуни даври ҷумҳуриявӣ ба 1269 квотаи тибқи нақшаи қабул ҷудогардида 9 квота (шаҳру ноҳияҳои Гулистон 1, Ашт 1, Дарвоз 2, Ванҷ 2, Рӯшон 1, Сангвор 1 ва Варзоб 1 ҷой) иҷро нагардид. Иҷро нагардидани ҷойҳои ҷудошуда асосан аз рӯйи равия ва ихтисосҳои омӯзгорӣ мебошанд.

**– Ҳозиршавии ғолибони квота ба муассисаи таълимӣ дар соли таҳсили 2025-2026 чӣ гуна аст? Оё ҳамаи онҳо таҳсилро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оғоз карданд?**

– Вобаста ба ин масъала бояд таъкид кард, ки дар асоси талаботи банди 43 «Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2020, №254) «Довталабоне, ки тибқи хулосаи комиссияи даври сеюми озмуни қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб дониста шудаанд, бояд то 15 август илова ба ҳуҷҷатҳои дар банди 6-и Қоидаҳои мазкур номбаршуда аттестат ва замимаи онро ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намоянд. Дар мавриди то мӯҳлати мазкур пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ба комиссияи қабул, довталаб ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул карда намешавад. Масъулияти пешниҳоди

саривақтии ҳуҷҷатҳо ба дӯши довталаб вогузор карда шуда, барои мусоидат раёсати (шуъбаи) маорифи ноҳия (шаҳр) масъул мебошад».

Мутаассифона, аз тарафи раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд ин талабот амалӣ карда нашудааст.

Мувофиқи маълумоти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз 1260 нафар ғолиби даври сеюми озмуни қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 105 нафар ба (58 нафар духтар ва 47 нафар писар) таҳсил шуруъ накардаанд. Гарчанде ин шумора нисбат ба соли гузашта (соли гузашта 107 нафар буд) кам шуда бошад ҳам, масъалаи мазкур бояд зери назорат қарор дода шавад.

Аз 61 шаҳру ноҳияи кишвар, ки аз тарафи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ин шаҳру ноҳияҳо квота ҷудо гардида буд, баъзе аз ғолибони озмуни 41 шаҳру ноҳия ба таҳсил шуруъ накарданд. Аз ҷумла, аз шаҳру ноҳияҳои Шаҳритус - 3 нафар, Левакант - 7 нафар, Норак - 5 нафар, Ҷ.Балхӣ - 3 нафар, Ховалинг - 3 нафар, Ҳамадонӣ - 2 нафар, Ваҳдат - 2 нафар, Дарвоз - 1 нафар, Роғун - 5 нафар, Рӯдакӣ - 3 нафар, Мастчоҳ - 1 нафар, Вахш - 1 нафар, Гулистон - 5 нафар, Кӯлоб - 2 нафар, Конибодом - 7 нафар, Истиқлол - 13 нафар, Тоҷикобод - 5 нафар, Лахш - 1 нафар, Сангвор - 1 нафар, Нуробод - 1 нафар, Файзобод - 3 нафар, Кӯшониён - 2 нафар, Балҷувон - 2 нафар, Восеъ - 1 нафар, Фархор - 2 нафар, Рашт - 2 нафар, Шаҳринав - 1 нафар, Бустон - 5 нафар, Спитамен - 1 нафар, Ҷ.Расулов - 1 нафар, Исфара - 4 нафар, Панҷакент - 1 нафар, Ҳисор - 1 нафар, Варзоб - 1 нафар, Дӯстӣ - 1 нафар, Ёвон - 1 нафар, Носири Хусрав - 1 нафар, Муъминобод - 1 нафар, Кӯҳистони Мастчоҳ - 1 нафар, Б.Ғафуров - 1 нафар ва Қубодиён - 1 нафар. Вобаста ба минтақаҳо ҳозир нашудани довталабон чунин аст: вилояти Хатлон 17 шаҳру ноҳия (38 нафар), вилояти Суғд 11 шаҳру ноҳия (40 нафар), Бадахшон танҳо аз ноҳияи Дарвоз 1 нафар, ноҳияҳои тобеи марказ аз 7 шаҳру ноҳия 16 нафар ва аз ноҳияҳои водии Рашт аз 5 ноҳия 10 нафар.

Дар робита ба ин, сардорони сарраёсат, раёсат ва мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки ҳолати мазкурро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, оид ба масъалаи мазкур чораҳои қатъӣ андешанд.

**– Масъалаи ба ҷойи кор ҳозиршавии хатмкунандагони квотаи Президентӣ чӣ гуна аст?**

Дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи муассисаҳои таълимӣ, айни замон дар 19 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ 4502 нафар донишҷӯй тибқи квотаи Президентӣ таҳсил менамоянд. Соли таҳсили 2024-2025 муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро 904 нафар тибқи квотаи Президентӣ хатм намудааст, ки 534 нафар (59,0%)-и онҳо ба ҷойи кор ҳозир шудаанд. Дар соли таҳсили 2024-2025 аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ 120 нафар донишҷӯйи тибқи квотаи Президентӣ таҳсилкунанда хориҷ, 100 нафар барқарор ва 97 нафар бо сабабҳои гуногун ба шуъбаи фосилавӣ интиқол шудаанд.

Бояд қайд кард, ки дар баъзе аз донишгоҳу донишкадаҳо ҳозиршавии хатмкунандагон тибқи квотаи Президентӣ ба ҷойи кор дар сатҳи хеле паст қарор дорад. Масалан, дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 70 нафар 54 нафар, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 69 нафар 45 нафар, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз 55 нафар 38 нафар, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев аз 46 нафар 7 нафар ба ҷойи кор ҳозир шудаанд, ки ин ҳолат аз иҷро нагардидани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти иҷрои талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муваззафанд, ки ҷиҳати ҳозиршавии хатмкардагони квотаи Президентӣ чораҳои амалӣ андешанд ва дар ин самт назоратро ҷиддӣ намоянд.

**– Ба андешаи Шумо, барои беҳтар шудани вазъи қабули довталабон тибқи квотаи Президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чӣ корҳоро бояд анҷом дод? Дар ин маврид чӣ пешниҳодҳо доред?**

– Барои бартараф кардани мушкилоту муаммоҳо ва беҳтар шудани вазъ чунин пешниҳод менамоем:

1. Сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ даври якум ва дуюми озмунро дар асоси

талаботи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ баргузор намуда, ҳуҷҷатҳои довталабонро тибқи тартиб пешниҳод намоянд.

2. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бо сардорони раёсату мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати ҷалби бештари довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чораҳои қатъӣ андешанд.

3. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати пешниҳоди ихтисосҳои мутобиқ ба талаботи шаҳру ноҳия чораҷӯйӣ намуда, дар ин самт бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро тақвият бахшанд.

4. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди Нақшаи қабули довталабон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи шаҳру ноҳияҳои кишвар пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳоро ба эътибор гирад ва ҳамзамон, ҷиҳати интихоби дурусти ихтисосҳои амалкунанда бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҳамкорӣ бошад.

2. Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки саволномаҳои тестиро таҷдиди назар намуда, барои саҳеҳ ва дуруст будани онҳо чораҳои амалӣ андешад.

Дар анҷом гуфтанием, ки қабули донишҷӯён тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз василаҳои муҳимми таъмини баробарии имконот дар таҳсил ва рушди кадрҳои маҳаллӣ мебошад. Натиҷаҳои соли таҳсили 2025-2026 нишон доданд, ки дар баробари дастовардҳо, ҳанӯз ҳам камбудиҳо дар сатҳи маҳаллӣ ва идоракунии раванди мазкур вуҷуд доранд. Вазорати маориф ва илм бо ҳамоҳангии дигар сохторҳо ҷиҳати бартарафсозии ин мушкилот тадбирҳои зарурӣ меандешад, то ин барнома дар сатҳи баланд амалӣ гардад.

***Мусоҳиб***
***Ноилшоҳ НУРАЛИЗОДА***

**ҒАЗАЛ**

Боғ ранги сабзи худ бе боғбон гум мекунад,
Хонишашро булбули бегулистон гум мекунад.

Чун сари кибр аз замин то осмон қад мекашад,
Қадри худро аз замин то осмон гум мекунад.

Андаке аз дӯсти дерин паёме бишнавад,
Хешро аз шодии бисёр ҷон гум мекунад.

Назди устодон хомӯшӣ нест аз бедонишӣ,
Пеши пирон аз адаб худро ҷавон гум мекунад.

Чун садое дар замин тиру камон созад бадар,
Осмон з-ин ҷилваи тиру камон гум мекунад.

Сорбони корвони бахти мо бошад Ватан,
Роҳи худро корвон бе сорбон гум мекунад.

**Гурез САФАР**

# РОҲБАРИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА МУҲАЙЁ НАМУДАНИ МУҲИТИ МУСОИДИ КОРӢ



**Имомназар ХОЛНАЗАРОВ – омӯзгори калони кафедраи иктисод ва идора дар соҳаи маорифи ДЧТИБКСМ**

**Замони муосир барои таъмини сифати баланди дониш, рушди малакаю маҳорат, инкишофи қобилият ва эҷодкорӣ, татбиқи роҳу усулҳои нави роҳбарӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳавасмандиро аз муассисаи таълимӣ ва роҳбари он тақозо менамояд. Аз ин рӯ, вазифаи асосии муассисаҳои таълимӣ дар замони муосир муайян кардан ва самаранок истифода бурдани неруи ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни таҳсил ва фароҳам овардани имконият ва тақвият бахшидани қобилияти эҷодии омӯзгорону хонандагон мебошад.**

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ вуҷуд дорад, ташкили муҳити кории созгору босамар ва дастгирии ҳамдигар дар байни кормандон ба шумор меравад.Ташкили чунин муҳит барои баланд бардоштани сифати таълим, рушди қобилиятҳои хонандагону омӯзгорон метавонад нақши бориз дошта бошад. Нақши асосиро дар ин раванд роҳбарони муассисаҳои таълимӣ мебозанд. Маҳз онҳо бояд қобилияти эҷоди фазои ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ ва ҳавасмандии кормандонро ташкил ва таъмин намоянд. Ҷанбаи асосии идоракунии муваффақонаи муассисаи таълимӣ ташкили шароити дилписанди корӣ, ба роҳ мондани робитаи босамар дар байни кормандон, инчунин, ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии онҳо дар ҳамаи зинаҳо ба ҳисоб меравад.

Пешрафту муваффақияти ҳар як муассисаи таълимӣ аз он вобаста аст, ки роҳбарият чӣ гуна ва то куҷо муҳити созгорро барои кормандону хонандагон муҳайё кардааст. Ин на танҳо муҳити умумии корӣ, инчунин, фазои мусоиди равониеро дар бар мегирад, ки дар он муҳит ҳар як корманд мақому манзалати баланди худро эҳсос мекунад.Ин боис мегардад, ки корманд бо шавқу рағбат ва дасту дили гарм баҳри фатҳи қуллаҳои нав талош варзад. Барои ба ин мақсад расидан роҳбар бояд:

1. Муассисаи таълимиро бо васоилу технологияи зарурӣ ва таҷҳизоте, ки барои фаъолияти омӯзгорон ва ҳамкорон зарур аст, таъмин намояд;

2. Муҳити ором ва дастгирёбандаро ташкил кунад, зеро фазои мусоиди равонӣ дар байни коллектив низ барои самаранокии кор аҳаммияти бузург дорад. Роҳбарият бояд фарҳанги эҳтироми мутақобиларо роҳандозӣ ва муносибату муошират мусбати байниҳамдигариро дастгирӣ намояд. Ҳамчунин, шароит ё худ муҳите фароҳам оварад, ки ҳар як корманд имконияти рушду пешрафт ва ташаккул ёфтанро дошта бошад.



3. Дигар ҷанбаи муҳим дар фаъолияти роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, таъмини робитаи босамар мебошад. Роҳбарон бояд на танҳо фармонравою ташкилотчӣ, инчунин, бояд дар як вақт чун шунаванда фарҳанги неки муоширатро соҳиб буда, ҳамкорони худро гӯш карда тавонанд, аз эҳтиёҷоти ӯ огаҳӣ ёбанд ва дар баробари ин, фазои мусоидро барои мубодилаи озодонаи фикру андешаҳои онҳо таъмин созанд.

4. Роҳбарони муассисаҳои таълимӣ бояд робитаи мутақобилаи кормандону маъмуриятро вусъат бахшанд. Робитаи озод ва доимӣ ба кормандон имконият медиҳад, ки паҳлуҳои мусбату

қавии худро дарк намоянд ва барои беҳбудии паҳлуҳои заифи хеш талош варзанд, табодули таҷриба кунанд, аз ҳамкорону роҳбарон шарм накарда, мадад ҷӯянд. Дар байни коллектив бояд чунин муҳите ҳукмфармо бошад, ки ҳар як корманд тавонад, фикру андешаи худро бе тарсу ҳарос баён кунад ва дилпур бошад, ки барои ифрози ақидааш танқид ва мазаммат намешунавад.

5. Роҳбарони муассисаҳо дар қабули қарор ва фармоишҳо бояд шаффофиятро таъмин намоянд. Онҳо вазифадоранд, ки қарор ва фармоишҳои худро асоснок карда, дар байни кормандон шарҳу тавзеҳ диҳанд. Ин боис мегардад, ки дар байни коллектив нофаҳмию нобоварӣ ва ҳар гуна гапу калочаю миш-мишҳо аз байн равад ва боварию эътимод ба роҳбарият афзояд.

6. Муваффақияти дигари роҳбарон аз маҳорати муттаҳид сохтани коллектив вобаста аст. Дар ин ҷода ташкил намудани ҷамъомаду чорабиниҳои якҷоя, тренинг, суҳбату вохӯриҳои пайваста алоқаи роҳбаронро бо ҳамкорон мустаҳкам намуда, барои ташкили фазои эҳтироми тарафайн ва дастгирии ҳамдигарӣ мусоидат мекунад.

7. Ҳавасмандкунӣ ҷузъи калидии идоракунии муассисаи таълимӣ ҳисобида мешавад. Роҳбарон бояд роҳҳои ҳавасмандкунӣ ва дастгирии кормандонро пайдо намоянд, то ки онҳо боз ҳам бештар руҳбаланд гардида, барои самаранокии кор ва рушди маҳорати касбии хеш кӯшиш ба харҷ диҳанд. Яке аз самтҳои асосии ҳавасмандгардонӣ, эътирофи муваффақияту комёбиҳои ҳамкорон мебошад. Роҳбарон бояд пайваста барои ба таври шифоҳӣ, хаттӣ, қадршиносӣ кардан бо роҳҳои гуногун ва ё додани имконоти иловагӣ ба хотири рушди маҳорату қобилият аз роҳу усулҳои гуногун истифода баранд.

8. Роҳбарон бояд барои кормандон дар дохили муассиса ҷиҳати рушду тақвияти маҳорату малакаи педагогӣ шароит фароҳам оваранд. Фаъолияти роҳбаладон, шурои методӣ ва иттиҳодияҳои методиро бо талаботи замони муосир мутобиқ созанд. Барои аз курсҳои такмили ихтисос гузаштан ва дар тренингҳои касбию семинарҳои омӯзишӣ иштирок намудани омӯзгорон мусоидат намоянд. Ин омил на танҳо барои рушди касбии устодону омӯзгорон кумак мекунад, балки фаъолияти онҳоро арзишманд ва мақсадноку шавқовар мегардонад.

9. Роҳбарон бояд дар қалби кормандон тухми боварӣ ва эътимодро нисбат ба роҳбарият кошта тавонанд, ба кормандони худ боварӣ дошта бошанд. Дар навбати худ, кормандон низ дар симои роҳбари муассиса рафиқ, дӯст ва мушкилосонкунро дарёбанд.

10. Роҳбарон бояд пурсабру ботаҳаммул бошанд, тез - тез хашмгин ва асабонӣ нашаванд. Аз эроду ифрози камбудиҳо хафа нашаванд. Бубинед, дар Фаронса агар роҳбареро таъриф кунед, ӯ сахт меранҷад ва аз шумо бовариаш коста мегардад. Ӯ мегӯяд, ки ту дӯсти ман наӣ. Дӯсти ман он касест, ки камбудии маро рӯ ба рӯ гӯяд. Чун ту маро таъриф мекунӣ, ман гумон мекунам, ки ҳеҷ норасоие надорам ва барои пешрафт дигар кӯшише намекунам. Чун ту камбудиҳои маро гӯшрас мекунӣ, ман ҳаракат мекунам, ки ин камбудиҳоро ислоҳ кунам. Ислоҳи ҳар як камбудӣ худ пешравию муваффақият мебошад.

Ба кормандон тамғаи «хуб» ё «бад» нагузоред. Кӯшиш кунед, ки ҳама вазифаи худро софдилонаю содиқона иҷро кунанд Тағйир додани омӯзгорон кори саҳлу осон нест. Роҳбар бояд дар хотир дошта бошад, ки дигаргуниҳо ва тағйиротро ҳама дар як вақт ва як хел қабул надоранд. Ин дигаргуниҳо, методу усулҳои нав бо мурури замон амалӣ мешаванд. Ҳар якеро муддату вақти гуногун лозим меояд, то ки ин заруратро дарк ва раванди дигаргуниро қабул намояд, зеро ҳар як омӯзгор сатҳи дониш, тафаккур ва омодагии худро дорад.

Гузашта аз ин, роҳбарон бояд ин чор принсипро мунтазам риоя кунанд:

1. Ҳамеша ва дар ҳама ҳолат муҳаббату ғамхориро нигоҳ доранд.

2. Инсон дарҳол дигаргун намешавад. Худи шумо ҳам якбора ба ин сатҳ нарасидаед.

3. Дар байни коллектив ва хонандагон кормандро эрод нагиред, танқид накунед ва ба иззати нафси касе нарасед.

4. Агар танқид карданӣ бошед, дар алоҳидагӣ бигӯед, агар таъриф кардан хоҳед, ин корро дар байни коллектив анҷом диҳед.

Хулоса, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ дар ташкили муҳити хубу руҳафзои корӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳавасмандгардонии омӯзгорону кормандон нақши калидӣ доранд. Асоси фаъолияти босамару муваффақонаи муассисаи таълимӣ низ аз қобилияти роҳбар дар ташкилу фароҳам овардани муҳити созгори корӣ, таъмини робитаи тарафайн ва дурусту шаффоф ҳавасмандгардонии кормандон вобаста аст. Аз ин рӯ, дар муассисае, ки роҳбар кормандони худро фаъолона дастгирӣ мекунад ва барои рушди онҳо ғамхорӣ менамояд, он ҷо муҳите мегардад, ки ҳам омӯзгорон ва ҳам хонандагон метавонанд ба комёбиҳои беназир ноил гарданд.

# ШАКЛҲО ВА АРЗЁБИИ КОРҲОИ ХАТТӢ ДАР НИЗОМИ 10-ХОЛА

**Гузариш ба низоми 10-хола, ки соли таҳсили имсола дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ шудааст, аз дастовардҳои ислоҳоти соҳа маҳсуб меёбад. Ин низом дар баргузор намудани корҳои хаттӣ омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷикро дучори як қатор нофаҳмиҳо кард. Дар робита ба ин мавзуъ мо бо Бой Нодиров – сардори Раёсати таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва иловагии Маркази ҷумҳуриявии таълимиву методӣ суҳбате доштем, ки муҳтавои онро манзури шумо мегардонем.**



–***Солҳои охир дар соҳаи маориф ислоҳоти зиёде ба миён омад. Мегуфтед, ки кадом санадҳо дар солҳои охир таҳия шуда, ба рушди маориф ва баланд гардидани сатҳу сифати таълиму тарбия мусоидат карданд?***

–Низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлоли давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар эътироф гардида, ислоҳоти он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми кишвар пайгирона ва бомаром идома ёфта истодааст. Дар раванди ислоҳот масъалаи таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар бо омӯзгорон, стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои иловагии таълимӣ ба андозаи зарурӣ ҳалли худро ёфта истодааст. Аммо масъалаи баланд бардоштани сифати таълим, сатҳи дониш, малака ва маҳорати амалии хонандагон имрӯз аз муҳимтарин мушкилоти соҳаи маориф ба шумор меравад.

Агар низоми баҳогузорӣ шаффоф ва дақиқ набошад, наметавон сатҳи воқеии дониш ва малакаҳои хонандаро арзёбӣ намуд.

Ҳанӯз соли 2022, аниқтараш (01.09.2022) Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон дар бораи зарурати гузариш ба низоми баҳодиҳии бисёрхола чунин дастур дода буданд: *“Бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот вақти он расидааст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ ҷорӣ карда шавад”.*



Воқеан, таҳлилҳо собит намуданд, *ки низоми баҳогузории 5-хола, ки* солҳои тӯлонӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар истифода мешуд, имрӯз дигар ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ нест ва наметавонад сатҳи воқеии дониш ва малакаи хонандагонро ба таври дақиқ инъикос намояд, зеро ин низом бо чанд мушкилии амиқ рӯ ба рӯ гашта, мақоми худро коста гардонид.

Аввалан, баҳои пасттарини системаи 5-хола - «1» ва «2» қариб, ки истифода намешуд, зеро омӯзгорон аз як тараф, барои барои баланд бардоштани руҳияи хонандагон ва аз дигар тараф, барои пешгирӣ аз осебҳои равонӣ аз гузоштани ин баҳоҳо худдорӣ мекарданд, ки ин амал барои

кӯдакон фоиданок бошад ҳам, вале дар амал вазъи воқеиии сатҳи тафаккури хонандаро пинҳон мекунад.

Баъдан, фосилаи васеи байни баҳои «3», «4» ва «5» ба омӯзгорон имкони воқеии муайян кардани сатҳҳои гуногуни фаҳмиш ва малакаи хонандагонро намедиҳад. Аз нуқтаи назари педагогӣ, ин маънои нокифоягии дарки воқеии сатҳи рушд ва қобилияти омӯзиш мебошад. Масалан, ҳам ба хонандае, ки 70% маводи таълимиро аз худ кардааст ва ҳам ба хонандае, ки беш аз 80%-маводи таълимиро медонад, баҳои «4» гузошта мешуд, ки ин боиси паст шудани шавқу ҳаваси донишандӯзии хонандагон мегашт. Аз ин рӯ, дар маҷмуъ, низоми 5-холаи нисбӣ ва нисбатан норавшан бо маҳдудиятҳои зикршуда наметавонист ангезаи дохилии хонандаро ҳамчун неруи асосии пешрафти ӯ барқарор созад ва ба рушду ташаккули воқеии қобилиятҳои хонандагон мусоидат намояд.

Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир як қатор тадбирҳоро амалӣ намуд.

Консепсияи милии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2024, №240), Стратегияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044 ва Нақшаи амали он барои солҳои 2025-2027 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, №141), “Низомномаи баҳогузории 10-хола ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.08.2025, №13/7) таҳия шуда, ба рушди низоми самараноки таҳсилот нигаронида шудааст ва он баробарии имконотро барои хонандагон дар ҳама зинаҳои таҳсил таъмин менамояд ва ба рушди қобилияти онҳо, аз ҷумла, ташаккули малакаҳои баландтари тафаккури иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Илова бар ин, «Дастурамал оид ба татбиқи низоми арзёбӣ ва меъёрҳои баҳогузории 10-хола ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва тавсиятои методӣ оид ба арзёбии ташаккулдиҳанда аз 13 фанни таълимӣ, аз ҷумла, синфҳои ибтидоӣ (забони модарӣ, математика, забони русӣ), математика, забони модарӣ, забони русӣ, забони англисӣ, таърихи халқи тоҷик, физика, химия, биология ва геграфия (барои синфҳои зинаи дуюм ва сеюми таҳсилоти умумӣ) таҳия ва дар арафаи чопанд.

***– Гузариш ба низоми баҳогузории 10-хола яке аз паҳлуҳои ин масъала буда, монеаҳои зиёдеро пешорӯи мо қарор медиҳанд. Аз нигоҳи Шумо, кадом мушкилиҳо дар амалӣ гардидани ин масъала мавҷуданд?***

– Ҳар як ислоҳот дар раванди татбиқи худ хоҳ нохоҳ мушкилот дорад. Ва албатта, амалӣ намудани ислоҳоти мазкур низ ба осонӣ имконпазир нест. Дуруст қайд кардед, ки гузариш ба низоми 10-хола яке аз паҳлуҳои ин масъала буда, як қатор монеаҳоро пеш меорад:

- Пеш аз ҳама, ин монеаҳо дар омода намудани омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон мушкилот эҷод мекунад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки стандарт ва барномаҳои таълимиро ба низоми баҳогузории 10-хола мутобиқ созем;
- Дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ дар доираи фанҳои элективии мувофиқ ба кафедраҳои методикаи таълим дар ҳаҷми 1 кредит омӯзондани низоми баҳогузории 10-холаро ба роҳ монем ва вобаста ба ин барномаи таълимӣ ҷиҳати омӯзиши низоми баҳогузории 10-холаро таҳия намоем;
- Дар раванди таҷрибаомӯзӣ истифодаи ҷадвал ва меъёри баҳогузорӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонанда дар низоми баҳогузории 10-холаро ба роҳ монем;
- Журналҳои электрониро таҳия ва дар амал ҷорӣ кунем.

***– Оё миёни дирӯз ва имрӯзи баҳогузории донишу фаъолияти хонандагон тафовути ҷиддие ҷой дорад. Агар ҳа, чӣ гуна?***

– Муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар соли таҳсили 2025-2026 ба низоми баҳогузории 10-хола гузаштанд ва ҳоло дар як чоряки соли таҳсил бо ин низом фаъолият доранд. Бо гузашти 2 моҳ наметавон ба низоми мазкур баҳои мусбат ва манфӣ дод. Вақт довари татбиқи ин ислоҳот аст. Умед дорем, ки низоми мазкур ҷиҳати ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ, муайян намудани сатҳи воқеии дониши хонандагон, ҳавасмандгардонӣ ва омода намудани онҳо дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот ва ба ин васила, беҳтар гардидани сатҳу сифати таълим мусоидат хоҳад кард.

***– Хуб мешуд, баҳогузории 10-холаро бо 5-хола мутаносибан ва ба таври содаву осон шарҳ медодед. Бартариҳои ҷиддӣ ва асосӣ дар ин низом кадомҳоянд?***

– Муқаррароти фарққунандаи ин низом дар он аст, ки дар он дониш, малака ва маҳорати хонанда тариқи арзёбиҳо, ки дар ин арзёбиҳо меъёрҳои дақиқ барои муайян кардани баҳо (хол)-и хонанда муайян шудааст, ба танзим даровардa мешавад ва ин имкон медиҳад, ки:

- афзоиши тафриқаи баҳогузорӣ тафриқабандии ҳақиқии хонандагонро аз рӯйи сатҳи дониш имконпазир гардонад;

- тақсимоти ҳар як дараҷа ба қисматҳо ҳавасмандии хонандагонро барои гирифтани холи баландтар таъмин намуда, норозигии онҳоро аз байн барад. Масалан, дар ин низом ҳар рақам маънои мушаххас дорад ва барои хонанда ҳадафи аниқ мегузорад. Агар холи рақамҳои 1 сатҳи дониши «пасттар», 2 сатҳи дониши «паст», 3 сатҳи дониши «нокифоя», дар маҷмуъ, сатҳи дараҷаи ғайриқаноатбахши дониш, рақамҳои 4 сатҳи дониши «кам», 5 сатҳи дониши «кофӣ», 6 сатҳи дониши «қаноатбахш»-ро дар бар гирифта, дараҷаи қаноатбахши дониш, рақамҳои 7 сатҳи дониши «хуб», 8 сатҳи дониши «хубтар», дараҷаи хуби дониш, рақамҳои 9 сатҳи дониши «олӣ», 10 сатҳи дониши «аъло», дараҷаи аълои донишро дар бар мегирад, ки ҳангоми арзёбӣ имкони фарқиятҳои муҳим ва босамарро фароҳам меоранд;

- низоми мазкур ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагонро ҳамаҷониба санҷида, баҳогузории воқеиро таъмин намоянд;

- ин низом барои омӯзгор ба осонӣ имкон медиҳад, ки дониши хонандаро равшан ва шаффоф таҳлил намуда, таҳияи барномаҳои инфиродиро таъмин созад;

- аз байн бурдани норозигиҳои байни хонандаю омӯзгор, инчунин, байни хонанда, омӯзгор ва волидайн дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ;

- шиносоии хонандагонро ҳанӯз дар давраи таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ бо тафриқабандии баҳогузорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ таъмин намуда, омодагии пурраи онҳоро барои таҳсил дар зинаҳои болоӣ имконпазир мегардонад;

- низоми баҳогузории 10-хола алоқамандии байни зинаҳои гуногуни таҳсилотро дар шароити гузариш ба низоми таҳсилоти бисёрзинагии таҳсилот таъмин менамояд;

- воридшавии муассисаҳои таҳсилоти умумиро ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ таъмин намуда, сафарбаркунии (мобильность) хонандагонро барои идомаи таҳсил ва такмили ихтисоси омӯзгоронро дар хориҷи кишвар имконпазир мегардонад.

***– Яке аз самтҳои арзёбии фаъолияти хонандагон ба донишҳои хаттии онҳо рабт дорад. Аммо то имрӯз барои омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик меъёри миқдори корҳои хаттие, ки дар барномаҳои таълимӣ то ин вақт муқаррар шуда буд, маълум нест. Чаро?***

– Тибқи муқаррароти Низомнома ва «Дастуруамал оид ба татбиқи низоми арзёбӣ ва меъёрҳои баҳогузории 10-хола ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон», арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шаклҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

1. Шифоҳӣ (саволу ҷавоб, саволнома).
2. Хаттӣ (ҳалли мисолу масъалаҳо, супоришҳои хаттӣ: диктант, нақли хаттӣ, иншо ва эссе).
3. Тестӣ.

Омӯзгор уҳдадор аст, ки бо дарназардошти хусусиятҳои фардии хонандагон ва хусусияти маводи таълимӣ, намуд ва шаклҳои гуногуни арзёбиро истифода бурда, таҳлили ҳамаҷониба ва объективии сатҳи дониш, малака ва маҳоратро таъмин намояд. Ҳар як шакли арзёбӣ бояд шаффоф ва барои хонандагон ва волидони онҳо фаҳмо бошад. Омӯзгор уҳдадор аст, ки дар бораи шаклхои пешбинишудаи баҳогузорӣ ва меъёрҳое, ки дар асоси онҳо баҳои арзёбии ҷамъбастӣ гузошта мешаванд, хонандаро пешакӣ хабар диҳад.

Дар гурӯҳи фанҳои филологӣ, аз ҷумла, фанни забон ва адабиёти тоҷик, дониш, малака ва маҳорати хонанда ба таври шифоҳӣ, мутобиқи барномаи таълимӣ, дар асоси талаботи зерин ва меъёрҳои муқарраршуда баҳогузорӣ карда шудаанд:

- мукаммалӣ ва дурустии ҷавоб;
- дараҷаи фаҳмиши хонанда;
- тарзи баён;
- овардани мисолҳо барои тасдиқи фикри худ;
- риояи меъёри забони адабӣ;
- аз худ кардани барномаи таълимӣ;
- озодона ва асоснок баён карда тавонистани фикри худ;
- иштирок дар мубоҳисаи мавзуъ, тасдиқ карда тавонистан фикри худ.

Дар низоми баҳогузории 10-хола барои баҳогузорӣ ба корҳои хаттии хонанда аз фанни забон ва адабиёти тоҷик қоидаҳои зерин муқаррар карда шудааст:

1. Баҳо ба диктанти санҷишӣ: диктанти санҷишӣ бо мақсади арзёбии саводнокии хонанда гирифта мешавад ва ба он дар дафтари хонанда ва журнали синфӣ як баҳо гузошта мешавад.

Ҳаҷм (шумораи калимаҳо)-и диктанти санҷишӣ барои ҳар як синф ва мавзуъ пешакӣ, тибқи талаботи Стандарт ва барномаи фанни таълимӣ муқаррар карда мешаванд.

*2. Баҳо ба нақли хаттӣ:* нақли хаттӣ бо мақсади арзёбии саводнокӣ (имлоӣ), меҳнати мустақилонаи эҷодии хонанда гирифта мешавад ва ба он дар дафтари хонанда ва журнали синф ду баҳо - баҳои якум ба мазмуни матн ва баҳои дуюм ба саводнокӣ (имлоӣ)-и хонанда гузошта мешавад.

Баҳо ба нақли хаттӣ дар дафтар ва журнали синф тариқи рақамӣ бо каср гузошта мешавад. Интихоби мавзуъ, ҳаҷм ва мундариҷаи нақли хаттӣ мувофиқи талаботи Стандарт ва Барномаи фанни таълимӣ муқаррар мегардад.

3. *Баҳо ба эссе:* эссе бо мақсади арзёбии мушоҳида, андеша, мулоҳизаи инфиродии хонанда доир ба мавзуъҳои алоҳида гирифта шуда, дар дафтари хонанда ва журнали синф ду баҳо гузошта мешавад, ки баҳои якум ба мазмуни матн ва баҳои дуюм ба саводнокӣ (имло ва аломатҳои китобат) дахл дорад.

Баҳо ба эссе дар дафтар ва журнали синф бо рақам ва каср гузошта мешавад. Интихоби мавзуъ, ҳаҷм ва мундариҷаи эссе ва талаботи он мувофиқи талаботи мавзуъҳои барномаи таълимӣ ва синну соли хонанда мувофиқи муқаррароти Стандарт ва барномаи фанни таълимӣ аз тарафи омӯзгор муқаррар карда мешавад.

*4. Баҳо ба иншо*. Иншо 3 хел мешавад: мавзуӣ, озод ва хонагӣ. Баҳо ба иншои хонандагон дар асоси меъёрҳои баҳогузорӣ муайян карда мешавад.

Баҳо ба иншо дар дафтар ва журнали синф бо рақам ва каср гузошта мешавад. Ҳангоми барои навиштани иншои синфӣ пешбинӣ гардидани 90 дақиқа (синфҳои 9-11) баҳо дар ду хоначаи журнали синф бе тариқи каср гузошта мешавад. Ҳангоми барои навиштани иншои синфӣ пешбинӣ гардидани 45 дақиқа баҳо дар як хоначаи журнали синф бо тариқи каср гузошта мешавад. Баҳои иншои хонагӣ дар 1 хоначаи журнали синф бо каср гузошта мешавад. Омӯзгор уҳдадор аст, ки пеш аз навиштани иншо ба хонандагон тартиби навиштани иншо (таҳлили сохтор, навиштани нақша) ва меъёрҳои дақиқи баҳогузорӣ ба иншоро фаҳмонад.

Тафтиши корҳои хаттии санҷишӣ аз тарафи омӯзгорон дар муддатҳои зерин гузаронида мешавад:

а) диктантҳои санҷишӣ то дарси оянда санҷида мешавад;

б) нақли хаттӣ, эссе ва иншо дар синфҳои V-IX дар муддати як ҳафта санҷида мешавад;

в) эссе ва иншо дар синфҳои X-XI дар муддати 10 рӯз санҷидамешаванд.

Дар корҳои санҷидашуда омӯзгор қоидаҳои зеринро ба эътибор гирифта, ҳамаи ғалатҳоро ислоҳ менамояд:

а) ҳангоми ислоҳи ғалатҳои китобат аломати нодаркор хат зада шуда, аломати зарурӣ гузошта мешавад;

б) ҳангоми ислоҳи ғалатҳои имлоӣ дар синфҳои X-XI омӯзгор ба зери ғалатҳо хат кашида, дар ҳошияи дафтар ишора мекунад, то ки худи хонандагон онҳоро ислоҳ кунанд;

в) ҳангоми санҷиши корҳои хаттӣ омӯзгор дар ҳошияи дафтар бо аломатҳои муайян ғалатҳоро нишон медиҳад;

г) ҳангоми санҷиши нақли хаттӣ, эссе ва иншо ҳамаи ғалатҳо - имлоӣ, китобат ва услубӣ нишон дода мешаванд;

ғ) омӯзгор диктант, нақли хаттӣ, эссе ва иншоро санҷида, ҳар як намуди ғалат (имлоӣ, китобат ва услубӣ)-ро ба ҳисоб мегирад ва зикр мекунад. Дар диктант ғалатҳои имлоӣ дар сурат ва ғалатҳои китобат дар махраҷ нишон дода мешаванд. Дар нақли хаттӣ, эссе ва иншо миқдори ғалатҳои имлоӣ, китобат ва услубӣ нишон дода шуда, баъд аз шумуридани ғалатҳо аз рӯйи қоидаи муқарраршуда баҳо гузошта мешавад;

д) ба ҳамаи корҳои хаттии санҷидашуда омӯзгор баҳо мегузорад. Баҳои корҳои хаттӣ ба журнали синфгузаронида мешаванд.

Ғалатҳо аз ҷониби омӯзгор дар раванди санҷиши корҳои хаттӣ бо ишораҳои зайл ислоҳ карда мешаванд:

- I – ғалатҳои имлоӣ;

- V –ғалатҳои аломати китобат;
- S - ғалатҳои услубӣ;
- $Г_р$ – ғалатҳои грамматикӣ
- { } – калима ё ибораи зиёдатӣ;
- Z – нагузоштани сархат;
- ? – саҳеҳ набудани санаҳои таърихӣ;
- ! – ҷаззобии сухан, ифоданокии андеша ва ҳусни баён.

*Эзоҳ:* ***Ғалатҳои услубӣ:***

- навишти нодурусти калима;
- фарқ карда натавонистани калимаҳои монандталаффуз (мисол: ба ҷойи «бухрон» истифода кардани калимаи «бурҳон» ва ё ба ҷойи калимаи «нукта» истифода бурдани калимаи «нуқта»);
- нодуруст истифода кардани як калима ё ибора ба ҷойи калима ва ё ибораи дигар (мисол: «зиёфат кардан» истифода бурдани «зиёфатдорӣ»);
- истифодаи калимаи зиёдатӣ;
- истифодаи бемавриди вожаҳои омиёна;
- маънои калимаро дуруст дарк накардан, надонистани қоидаҳои сохтани ибораҳо ва баёни ғайримантиқии ҷумлаҳо (мисол: дар озмоиш озмудан, коркард кардан).

***Ғалати китобат:***

- тибқи меъёр нагузоштани аломатҳои китобат: нуқта (.), вергул (,), савол (?), хитоб (!), баён (:), нуқта вергул (;), нимтире (-) ва нохунак (« »);
- бемаврид гузоштани аломатҳои нуқта (.), вергул (,), аломати савол (?), аломати хитоб (!), аломати баён (:), нуқта вергул (;), нимтире (-) ва (« »);
- ба ҷойи як аломати китобат гузоштани аломати дигари китобат ё умуман, нагузоштани аломатҳои китобат.

***Ғалатҳои имлоӣ ва грамматикӣ:***

- риоя накардани қоидаҳои имло дар навишти калимаҳо
- риоя накардани қоидаҳои меъёрҳои грамматикӣ (калимасозӣ, иборасозӣ ва ҷумласозӣ);
- истифодаи нодурусти пасванд (суффикс)-ҳои ҷамъбастии «ҳо» ва «он (ён)» (мисол: маҳсулотҳо, тағйиротҳо, деҳотҳо, 17 сар гӯсфандон, 20 нафар хонандагон, ду даста гулҳо, ҷаласаҳо ва ғайра);
- истифодаи нодурусти калимаҳои ёрдам (ёрӣ), либоса (либосворӣ), хӯрока (хӯрокворӣ), бозоргузар (бозоргир) ва ғайра;
- нодуруст истифода бурдани феъл. Мисол: ҷашн додан (гирифтан), имтиҳон гирифтан (супоридан),
- дар як ҷумла ҳам дар шакли танҳо ва ҳам дар шакли ҷамъ овардани хабар;
- мутобиқ набудани маънои грамматикии байни мубтадо ва хабар;
- нодуруст истифода бурдани пешоянди «на».

***Меъёрҳои баҳогузорӣ ба саводнокӣ аз натиҷаи кори хаттии хонандагон аз фанни забон ва адабиёт дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ***

| Хол | Миқдори ғалатҳои имлоӣ (I) | Миқдори ғалатҳои китобат (V) | Миқдори ғалатҳои услубӣ ва граматикӣ S ва $Г_р$ |
|---|---|---|---|
| 10 | 1 | 1 | 0 |
| 9 | 2 | 2 | 0 |
| 8 | 2 | 3 | 1 |
| 7 | 3 | 3 | 2 |
| 6 | 3 | 4 | 3 |
| 5 | 4 | 5 | 3 |
| 4 | 5 | 6 | 3 |
| 3 | 6 | 7 | 4** |
| 2 | 7 | 8 | 4 |
| 1 | Аз 7 зиёд | Аз 8 зиёд | Аз 4 зиёд |

*Эзоҳ: ғалатҳои имлоӣ ва китобатие, ки хусусияти якхела доранд, як ғалат ҳисобида мешаванд (масалан, агар калимаи «мафҳум»-ро хонанда дар шакли "мавҳум" чанд маротибае, ки навишта бошад, як ғалат ҳисобида мешавад).*

*Чор ғалати ислоҳшудаи якхела дар корҳои санҷишии хаттӣ як ғалат ҳисоб карда мешавад ва баҳо ба миқдори як хол паст мегардад.*

** Холи ду ғалати китобат ба холи як ғалати имлоӣ ва грамматикӣ баробар аст.*

*** Ба зиёда аз 4 ғалати услубӣ, новобаста аз миқдори ғалатҳои дигар холи мувофиқ, (аз 1 то 3 хол) гузошта мешавад.*

*Ёридиҳандаҳо (пешоянду пайвандак...) низ ба миқдори умумии калимаҳои диктант дохил мешаванд.*

Баҳогузорӣ ба саводнокӣ (имло ва аломатҳои китобат) дар асоси формулаи зерин муайян карда мешавад

$$Б_{с(и)} = \frac{I + (S \text{ ва Гр}) + \frac{V}{2}}{3}$$

Дар ин ҷо:

$Б_{С(И)}$ – баҳо ба саводнокӣ (имлоӣ);

I – миқдори ғалатҳои имлоӣ;

V – миқдори ғалатҳои китобат;

S – миқдори ғалатҳои услубӣ

$Г_р$ – миқдори ғалатҳои грамматикӣ

***Ҷадвали меъёри миқдори калимаҳо ба диктант***:

| Синфҳо | Миқдори калимаи диктант | Ҳаҷми диктанти луғавӣ |
|---|---|---|
| V | 100-110 | 10-15 |
| VI | 110-120 | 15-20 |
| VII | 120-130 | 20-25 |
| VIII | 130-140 | 25-30 |
| IX | 140-160 | 30-40 |
| X | 160-190 | 40-50 |
| XI | 180-200 | 50-65 |

***Ҷадвали меъёри миқдори намунавии калимаҳо ба*** **нақли хаттӣ:**

| Синфҳо | Миқдори калима |
|---|---|
| V | 100-150 |
| VI | 150-200 |
| VII | 200-250 |
| VIII | 250-300 |
| IX | 300-400 |

***Ҷадвали меъёри миқдори намунавии калимаҳо ва саҳифаҳои иншои дар синф иҷрошаванда:***

| Синфҳо | Теъдоди саҳифа |
|---|---|
| V | 0,5-1,0 саҳ. |
| VI | 1,0-1,5 саҳ. |
| VII | 1,5-2,0 саҳ. |
| VIII | 2,0-2,5 саҳ. |
| IX | 2,5-3,0 саҳ. |

***Ҷадвали меъёри миқдори намунавии калимаҳо ва саҳифаҳои эссеи дар синф иҷрошаванда:***

| Синфҳо | Теъдоди саҳифа |
|---|---|
| V | 0,5-1,0 саҳ. |
| VI | 1,0-1,5 саҳ. |
| VII | 1,5-2,0 саҳ. |
| VIII | 2,0-2,5 саҳ. |
| IX | 2,5-3,0 саҳ. |

Вобаста ба қисмати дуюми саволатон қайд менамоям, ки дар воқеъ, дар дастурамали мазкур миқдори корҳои хаттӣ аз фанҳои таълимӣ, аз ҷумла, фанни забон ва адабиёти тоҷик маълум нест, зеро муайян кардани меъёр ва миқдори корҳои хаттии санҷишӣ дар дастурамал зарурат надорад. Меъёр ва миқдори корҳои хаттии санҷишӣ дар Стандарт ва барномаҳои таълимӣ вобаста ба миқдори соатҳои таълимӣ, ки дар як ҳафта нақшаи таълимӣ муайян кардааст, муқаррар карда мешаванд. Тавсия дода мешавад, ки барои муайян намудани миқдори корҳои санҷишии хаттӣ аз фанҳоеро, ки дар онҳо тафтиши дафтар муқаррар шудааст, формулаи 2n+1-ро истифода намоем, дуруст аст.

***– Муайян кардани миқдори корҳои хаттӣ дар шакли формула барои ҳамаи омӯзгорон фаҳмо нест. Мехостем, формулаҳоеро, ки барои корҳои хаттии омӯзгорон муайян шудаанд, тавзеҳ диҳед, чунки барои омӯзгорон маҳз шарҳи равшани формула фаҳмо аст, на формула.***

– Барои дар асоси формулаи мазкур муайян намудани миқдори корҳои санҷишии хаттӣ ба ҷойи ҳарфи n миқдори соатҳои таълимиро аз фанни мазкур, ки дар як ҳафта нақшаи таълимӣ муқаррар кардааст, гузошта, миқдори кори санҷиширо дар давоми соли таҳсил ҳисоб мекунем. Масалан, нақшаи таълимӣ барои фанни математика дар синфи 5 дар як ҳафтаи таълимӣ 5 соат муқаррар гардидааст. Дар асоси формулаи мазкур 2х5+1=10+1 мешавад. Яъне, миқдори умумии корҳои санҷишӣ аз фанни математика дар давоми соли таҳсил 10 то ва бо салоҳдиди омӯзгор иловатан 1-тои дигар мешавад.

***– Мушкили асосӣ барои омӯзгорон дастрас набудани асноди меъёрӣ ва барномаҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Бештар вақт ин мушкилии омӯзгоронро Маркази ҷумҳуриявии таълимиву методӣ дар ҳамкорӣ бо Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ҳал карда метавонанд, зеро маҳз ин ду ниҳод дар рушди тафаккур ва касбияти омӯзгорон масъулияти бештар доранд. Дар ин маврид ҳолати воқеӣ қонеъкунанда аст ё не? Агар ҳа, чӣ гуна ва агар не, чаро?***

–Дуруст мегӯед. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки ин мушкилот дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар ба назар мерасанд. Аслан, таҳия намудани Барномаи таълимӣ аз фанҳои таълимӣ ба дӯши муаллифони китобҳои дарсӣ вогузор шудааст. Мусаввадаи барномаҳои таълимии фанҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз тарафи муаллифон таҳия шуда, баъд аз гирифтани хулосаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ ва Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ барои баррасӣ ба Шурои миллии таҳсилот пешниҳод мегарданд. Бо пешниҳоди Шурои миллии таҳсилот онҳоро ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илм тасдиқ карда, барои чоп ва дастрасӣ ба Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ месупорад.

Мусаллам аст, ки аз тарафи Маркази муомилот ва чопи китобҳои дарсӣ ва таълимӣ Стандарт ва барномаҳои таълимӣ то аз сари нав таҳия шудани онҳо як маротиба чоп ва дастрас карда мешаванд, ки барои дар солҳои минбаъда дастрасӣ ба омӯзгорони навтаъйиншуда мушкилот эҷод мекунад. Барои аз байн бурдани норасоии стандарт ва барномаҳои таълимӣ зарур медонам, ки онҳо ҳамасола бо теъдоди муайян чоп ва дастраси муассисаҳои таҳсилоти умумӣ карда шаванд.

***– Самарабахшу муфид будани ислоҳотро дар масъалаи баҳогузории 10-хола дар чӣ мебинед?***

–Татбиқи низоми 10-хола ҳамчун омили муассир дар беҳтар кардани сифати таҳсилот ва рушду инкишофи шахсии хонанда дар муассисаҳои таълимӣ ба шумор меравад. Гузариш ба низоми 10-холаи арзёбии дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии роҳ ба сӯи адолат, шаффофият ва рушди воқеии қобилиятҳои хонандагон арзёбӣ гардида, ҷиҳати фароҳам овардани омӯзиш дар муҳити рақобатпазир ва ангезаи аслӣ заминаи мустаҳкам фаро меорад.

Гузариш ба ин низом танҳо кору фаъолияти мактабу маориф не, балки аз аҳли ҷомеа низ ба шумор меравад. Дар ин самт зарур аст, ки тамоми аҳли ҷомеа, ташкилоту идораҳо падару модарон мактабу маорифро дастгирӣ намоянд ва мушкилоти дар ин самт бавуҷудмеомадаро бо дастгирии ҳамдигар ҳаллу фасл намоянд. Яъне, аз тамоми аҳли ҷомеа, ташкилоту идораҳо падару модарон дархост менамоем. ки моро дар ин самт дастгирӣ кунанд.

***Мусоҳиб***
***Саида НАБИЗОДА***

# ЗАРУРАТИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Фарангис ХИДИРОВА, Саодат АРБОБОВА – омӯзгорони кафедраи забонҳо ва тарбияи ҷисмонии МДТ Коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент**

**Дар ҷаҳони муосир, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ба таври бесобиқа афзоиш меёбанд, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба омили калидии муваффақият дар тамоми самтҳои ҳаёт табдил ёфтааст. Забон на танҳо воситаи муошират, балки василаи асосии шинохти фарҳанг, илм, технология ва пешрафти иҷтимоӣ мебошад.**

Имрӯз донистани забони хориҷӣ ба шахс имкон медиҳад, ки дар бозори меҳнати байналмилалӣ рақобатпазир бошад, дар муассисаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ таҳсил намояд, ба манбаъҳои бойи илмию таълимӣ дастрасӣ пайдо кунад ва ҷаҳонбинии худро васеъ гардонад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши забонҳои хориҷӣ бояд яке аз самтҳои муҳимми сиёсати таълимии ҳар як кишвар бошад, то ки насли нав тавонад бо ҷаҳон ҳамқадам бошад.

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, ҷомеаи ҷаҳонӣ дар раванди бархӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Ин раванд ҳар як сокини сайёраро вазифадор менамояд, ки аз забонҳои хориҷӣ огаҳ бошад, зеро ягона воситаи ҳифзи арзишҳои миллӣ донистани забонҳои хориҷӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ забонҳои хориҷӣ, бахусус, англисӣ ва русӣ забони байналхалқӣ, забони техника ва технологияҳои нав ва забони муоширати байни миллатҳо ба ҳисоб мераванд. Аз ин лиҳоз, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳама вохӯрӣ ва суҳбатҳояшон пайваста оид ба ин масъала таъкидҳо менамоянд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа ва ҷаҳон ҷойгоҳи вижаеро касб намуда, узви комилҳуқуқи як қатор созмонҳои байналхалқию минтақавӣ, институтҳои молиявӣ гардид. Инчунин, бо зиёда аз 180 кишвари олам муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи дипломатиро ба роҳ монд, ки ин омил дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳамаи муттахассисонро, новобаста аз касбу корашон, водор менамояд, ки манфиатҳои давлат ва миллатро дар сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ ва ҳифз карда тавонанд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии «Дарҳои боз»-ро пеш гирифта, дар ҷаҳон ҳамчун давлати накухоҳ, сулҳпарвар ва ташаббускор шинохта шудааст. Имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори давлатҳои амнтарини ҷаҳон мақом гирифтааст, ки ин боиси ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ аст.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки ҳар як ҷавони тоҷик бояд ҳадди ақал ду забон (англисӣ ва русӣ)-ро аз худ намояд. «Зарур аст, ки барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омода кардани кадрҳои баландихтисос, омӯхтани забони давлатӣ, таъриху фарҳанги бостонии халқи тоҷик, боло бурдани завқу рағбати хонандагон ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ, табиӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва аз худ кардани забонҳои хориҷӣ, махсусан, забонҳои русиву англисӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир карда шавад», – таъкид кардаанд Пешвои миллат.

Ин суханони падаронаи Президенти маҳбубамон аз ҷониби ҷавонон хуш пазируфта шуда, боиси ояндаи дурахшони ҳар яки онҳо мегардад. Гёте чунин гуфтааст: «Шахсе, ки ду забони хориҷиро медонад, арзиши ду инсонро дорад». Бояд қайд намуд, ки донистани забонҳои хориҷӣ ба мутахассис имкониятҳои зеринро медиҳад: яъне, ҳамгироии фаъолият бо низом ва анъанаҳои дигар мамолик; имконияти фаъолият дар шароити бисёрфарҳангӣ; имконияти пешбурди тиҷорат ва муносибат бо шарикони хориҷӣ; малакаи баргузории гуфтушунид, бахусус, гуфтушунид дар фазои бисёрзабонӣ; имконияти миёнаравӣ ва миёнҷигарӣ дар ҳалли масъалаҳои баҳсбарангез ё корӣ; имконияти кор дар ташкилотҳои хориҷӣ; имконияти ҷалби сармояи хориҷӣ; имконияти муаррифии лоиҳа ва ё ширкати худ дар дилхоҳ намоишгоҳ ё конфронсҳои сатҳи гуногуни хориҷӣ.

Дар замони муосир мубрамияти бештарро муколамаҳо дар шароити бисёрфарҳангӣ касб намуданд. Ҳангоми баргузории конфронсҳои байналхалқӣ, симпозиумҳо ва ҷаласаҳо, иштирокчиён ба мушкилоти забонӣ бармехӯранд, ки дар чунин мавридҳо нақши асосӣ бар дӯши забони англисӣ меафтад, зеро забони англисӣ забони гуфтугӯи байни миллатҳо эътироф шудааст.

Муҳаққиқ С. А. Карасёв қайд менамояд, ки дар асри 21 эҳтимоли пайдоиши падидаи бемисли лингвистӣ, яъне, «забони англисӣ - байналмилалӣ» мавҷуд аст, ки он фарогири ҳама гуна лаҳҷаҳои миллии забони англисӣ мебошад. Ӯ, инчунин, қайд менамояд, ки густариши истифодаи забони англисӣ дар соҳаҳои ВАО, реклама, филмсозӣ, навъҳои мухталифи мусиқӣ, туризм, бизнеси байналхалқӣ, (ташкили системаи забонии ягона – Seaspeak, Emergency Speak, Airspeak), маориф, муоширати байналмилалӣ барои мавқеи хоса пайдо намудани забони англисӣ замина эҷод менамояд.

Н. А. Багдасарова дар пажуҳишҳои худ ишора менамояд, ки дар замони муосир зарурати забони ҷаҳонӣ (глобалӣ), пеш аз ҳама, дар соҳаи илмию академӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ ҳис карда мешавад. Олимони бисёре аз давлатҳои ғайри англисзабон забони англисиро забони модарии илмӣ барои чопи маводи илмияшон меҳисобанд. Агар дар даврони пасазҷангӣ 15 % корҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои табиӣ бо забони англисӣ чоп шуда бошанд, то солҳои 1990 ин рақам ба 57,6 % ва дар айни замон ба 80 % омада расидааст.

Олимон ва муҳаққиқони муосир кӯшиш менамоянд, ки дастовардҳои илмии худро дар маҷаллаҳои англисӣ нашр намоянд, зеро ин амал ба онҳо имконият медиҳад, ки ба индекси иқтибосии илмии амрикоӣ (SCI) роҳ ёбанд. Забони англисӣ дорои вожаҳои зиёд ва сохтори грамматикии сода мебошад. Дар ин забон ибораҳои дароз ва хусусиятҳои мураккаби риторикӣ дида намешавад. Забони англисӣ бештар чун забони наср махсуб меёбад.

Д. Кристал (D. Crystal) қайд менамояд, ки забони англисӣ забони гуфтугӯи ҷаҳонӣ дар соҳаи муколамаҳои коргузорӣ қабул шуда, то ҳадде табодули ақидаҳоро байни гурӯҳҳои алоҳида дар саросари ҷаҳон осон гардонидааст. Бояд қайд намуд, ки дар Британияти Кабир ширкатҳои омӯзишӣ муттахассисонро барои омода намудани суханварӣ бо шеваи ноби англисӣ дар доираи ҷамъомадҳои корӣ бо шарикони хориҷӣ, барои баланд бардоштани мавқеи ширкати худ омода менамоянд, зеро забони англисӣ чун забони расмии иттиҳодияҳои байналхалқӣ низ амал менамояд ва ширкатҳои машҳур (Philips, Bosch, Apple, Sumsung, Toshiba в.ғ.) дар фаъолияти худ забони англисиро мавқеи авалиндараҷа додаанд

Бояд қайд намуд, ки шавқу рағбати донишҷӯён бобати омӯзиши забонҳои хориҷӣ (англисӣ ва русӣ) нисбат ба солҳои пеш даҳҳо маротиба афзудааст. Дар рушду инкишофи тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии хоҷагии халқи кишвар нақши дастони пурэъҷози ҷавонон назаррас аст. Боварӣ дорем, ки ҷавонони саодатманди тоҷик суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кору фаъолияти худ намуда, мутахассисони варзида ва мувофиқу мутобиқ ба бозори рушдёбандаи меҳнатро ба камол мерасанд.

Дар шароити ҷаҳонишавии муосир омӯзиши забонҳои хориҷӣ дигар як имконият не, балки зарурат ба шумор меравад. Забон на танҳо воситаи муошират, балки василаи дастрасӣ ба иттилооти илмӣ, фарҳангӣ ва техникии ҷаҳонӣ мебошад. Он имкони таҳсил дар кишварҳои хориҷӣ, пешрафти касбӣ ва иштирок дар равандҳои байналмилалиро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, бояд дар низоми таҳсилот ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир гардад ва муҳити муносиб барои рушди он таъмин карда шавад.

# ИСТИФОДАИ ОЗМОИШГОҲҲОИ МАҶОЗӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФИЗИКА



**Сулаймони АБДУҚАҲҲОР – омӯзгори калони филиали ДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб**

**Яке аз роҳҳои шавқовар гузаронидани машғулиятҳои физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифодаи асбобу васоити аёнию технологӣ ва ба роҳ мондани корҳои лабораторию намоишӣ мебошад.**

Дар воқеъ, имрӯз на ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар бо асбобу васоити аёнии таълимӣ ба таври мукаммал таъминанд. Дар замони муосир, ки илму техника босуръат рушд мекунад, усулҳои таълим низ тағйир меёбанд. Яке аз василаҳои навин дар таълим озмоишҳои маҷозӣ мебошад, ки имкон медиҳад, хонандагон таҷрибаҳои илмиро дар муҳити рақамӣ бе хатар ва бо осонӣ иҷро намоянд. Ин усул, махсусан, дар таълими фанни физика, ки ҷанбаҳои амалӣ дорад, аҳамияти калонро дорост.

Аввалан мехостем, каме дар бораи таърихи таъсисёбии озмоишгоҳҳои маҷозӣ маълумот диҳем. Аввалин назарияҳо солҳои 1960 -1980 оғоз шуда, бо пайдоиши нахустин компютерҳо ва барномаҳои симулятсионӣ (моделсозӣ) дар солҳои 60-ум ва асри 70-уми асри гузашта муҳаққиқон имкон пайдо карданд, ки таҷрибаҳоро дар муҳити рақамӣ (компютерӣ) модел кунанд. Дар ибтидо ин озмоишгоҳ ба таври амалӣ вуҷуд надошт ва ба таври назариявӣ - амалӣ татбиқ карда мешуд.

Сипас, соли 1990 аввалин озмоишгоҳҳои рақамӣ бо густариши компютерҳои фардӣ ва CD-ROM-ҳо дар солҳои 90-ум, аввалин барномаҳои таълимии интерактивӣ барои фанҳои табиӣ (физика, кимиё, биология) сохта шуданд. Ин барномаҳо графикаи одӣ доштанд ва бештар дар шакли **аниматсия ва моделҳои одӣ** арзи вуҷуд карда буданд. Яке аз ин намудҳо ***Interactive Physics*** маҳсуб меёфт, ки соли 1990 маъруф гардида, дар таълими интерактивӣ истифода бурда мешуд.




Марҳалаи муҳим дар пешрафти озмоишгоҳҳои маҷозӣ, солҳои 2000 то 2010 ба ҳисоб меравад, зеро дар ин давраи пешрафти рушди интернет ва технологияҳои веб, озмоишгоҳҳои маҷозӣ ба платформаҳои онлайнии таълим табдил ёфтанд. Аз ҳама машҳуртарини онҳо инҳо мебошанд:

1. **PhET Simulations (University of Colorado Boulder**, аз 2002) – лоиҳаи маъруфи илмии байналмилалӣ барои физика, кимиё, математика ва ғайра. Он дар асоси тадқиқоти педагогӣ сохта шудааст.
2. **OLabs (India) –** лоиҳаи таълимии озмоишгоҳҳои онлайн барои мактабҳо.
3. **Virtual Labs (NPTEL** – Ҳиндустон) барои донишгоҳҳо.

Ҳар як омӯзгор, хонанда ва волидайн метавонад аз ин лоиҳа барои дарки ҳодисаҳо ва қонунҳои физикӣ ба таври васеъ истифода барад. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон бештар ба фикррони, хулосабарорӣ ва арзёбӣ донишҳои омӯхташавандаи худро сайқал диҳанд.

Дар марҳалаи муосир, аз соли 2010 то имрӯз озмоишгоҳҳои маҷозӣ вусъат ёфтаанд. Имрӯз озмоишгоҳҳои маҷозӣ бо истифода аз технологияҳои 3D, симулятсияҳои физикӣ ба таври воқеӣ ва ҳатто воқеияти виртуалӣ (VR) сохта мешаванд. Ин боз имконият медиҳад, ки ҳодисаҳо бештар ва дақиқтар омӯхта шаванд. Якчанд намуди онҳоро ҳамчун намуна меорем:

**1. Labster** як платформаи **озмоишгоҳҳои маҷозӣ** ё **виртуалӣ** мебошад, ки барои таҳсилоти илмии донишомӯзон ва донишҷӯён дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, физика**,** химия**,** биология ва биотехнология таҳия шудааст. Labster як роҳи муассир барои амалигардонии таҷрибаҳои илмиро дар муҳити маҷозӣ ва дар шароити рақамӣ пешниҳод мекунад. Он ба донишомӯзон имкон медиҳад, ки бо истифодаи симуляторҳо ва таҷрибаҳои виртуалӣ, ки ҳама гуна таҷҳизоти махсус ва арзонро талаб намекунад, принсипҳои илмро омӯзанд.

**2. Go-Lab** як платформаи виртуалии озмоишгоҳҳои илмӣ мебошад, ки дар доираи барномаи Иттиҳоди Аврупо барои таълими илмҳо ва технологияҳо ба омӯзгорон ва донишомӯзон пешкаш шудааст. Go-Lab барои таъмин кардани имкони иҷрои озмоишҳои виртуалӣ ва таҳлили онҳо дар соҳаҳои физика, химия, биология ва дигар фанҳо сохта шудааст. Платформа бо мақсади таҳкими таҳсилот дар муҳити илмӣ ва кумак дар рушди малакаҳои таҳқиқотӣ ва аналитикӣ ба вуҷуд омадааст.

Озмоишгоҳҳои маҷозӣ натиҷаи пешрафти технологияи иттилоотӣ ва эҳтиёҷи таълими муосир мебошанд. Аз моделсозии одӣ дар солҳои 60–70, то симулятсияҳои 3D ва VR дар асри 21 ин воситаҳо роҳи нав ва қолиброи барои омӯзиши илмҳо боз карданд.

*Акнун мехоҳем аҳаммияти озмоишгоҳҳои маҷозӣ дар таълими физика, методикаи истифода ва роҳҳои татбиқ, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳо ва мисолҳо аз таҷриба бо истифодаи платформаҳоро каме шарҳ диҳем.*

**Аҳаммияти озмоишгоҳҳои маҷозӣ:**

- Имконияти иҷрои таҷрибаҳо бе хароҷоти моддӣ ва техникӣ.
- Дарки амиқи қонунҳо ва ҳодисаҳои физикӣ тавассути моделсозии воқеӣ.
- Ба роҳ мондани омӯзиши фосилавӣ ва мустақилонаи хонанда.
- Ҳавасмандкунии шогирдон ба омӯзиши илмҳои дақиқ.
- Омӯзиши пайвастаи раванди таҷрибаҳо ва қонунҳои физикӣ.
- Қобилияти рушд ва тафаккури эҷодии хонандагон.

**Методҳои истифодаи** озмоишгоҳҳои маҷозӣ (виртуалӣ) метавонанд бо чанд роҳ татбиқ карда шаванд:

**1. Ҳангоми дарсҳои фарогир** омӯзгор таҷрибаро дар тахтаи электронӣ намоиш дода, дар хусуси ҳодиса ва қонунҳои физикӣ ба хонандагон маълумот медиҳад.

**2. Дар кори мустақилона ба** хонандагон пас аз фарҷоми дарс супориш медиҳем, ки раванд ё ҳодиса ва қонунҳои физикиро бо истифода аз компютер ё планшет тавассути таҷриба ва натиҷаи ба даст омада дар дарс бо ҳамсинфҳояш шарҳ диҳанд.

**3. Дар гурӯҳҳо:** Баррасӣ ва таҳлили натиҷаҳо дар синф бо шогирдон. Бо нишон додани як таҷриба аз озмоишгоҳи маҷозӣ фикру андешаи шогирдон таҳлил ва арзёбӣ карда мешавад.

**Афзалияти озмоишгоҳои маҷозӣ аз инҳо иборат ҳаст:** Дастрасии васеъ барои ҳамаи хонандагони синф. Таҷрибаҳои бехатарӣ ва такрорнашаванда аз мавзуъҳои гуногуни таълимӣ. Таҳкими малакаҳои таҳлил, мушоҳида ва хулосабарорӣ барои ҳар як ҳодиса ва қонунҳои омӯхташуда.

**Озмоишгоҳҳои маҷозӣ дар баробари имконоти васеи худ боз баъзе маҳдудиятҳо дорад:**

- Ҳар як хонанда бояд компютер ва интернет дошта бошад ( барои аҳли оила як компютер кифоягӣ мекунад).
- Қобилияти пасти баъзе хонандагон дар истифодаи технологияи рақамӣ ба мушкилот оварда мерасонад.
- Камбуди эҳсоси воқеият нисбат ба таҷрибаи физикӣ.

Бояд иброз дошт, ки озмоишгоҳҳои маҷозӣ дар шароити имрӯзаи таълимӣ дар ҷумҳурӣ хеле муфид ба ҳисоб меравад, зеро на ҳамаи муассисаҳои мо бо асбобу лавозимоти фаннӣ таъминанд. Агар мавҷуд бошад ҳам, кам аст, аз ин лиҳоз, сарфаи вақти омӯзгор ба мукаммалии дониши хонандагон мусоидат мекунад.

Якчанд платформаи маъруфро, ки айни ҳол онҳоро дар тамоми ҷаҳон дар раванди таълими фанҳои дақиқ бештар истифода мебаранд, бояд нишон диҳад:

**1. PhET Interactive Simulations (https://phet.colorado.edu):** Платформаи маъруф барои симулятсияҳои физика.

**2. Virtual Physics Labs:** Барои иҷрои таҷрибаҳои мактабӣ (доир ба механика, қувваи электрӣ ва ғайра).

**3. Labster (барои синфҳои болоӣ):** Муҳити амиқи симулятсиявӣ бо баррасиҳои илмӣ.

Акнун бо истифода аз озмоишгоҳҳои маҷозӣ як мавзуи дарсиро аз физикаи синфи 10 дида мебароем. Дар физикаи синфи 10 ҳолатҳои модда, ҳодисаи диффузия, ҳаракати молекулаҳо, вобастагии фишор аз ҳарорат ва дигар мавзуъҳо таълим дода мешаванд.

Омӯзгор ҳангоми баёни мавзуи нав ба хонандагон назария, формулаҳо ва қонунҳоро шарҳ дода, барои гузаронидани таҷрибаи физикӣ оид ба мавзуъ дар ҳолати набудани асбоб ва лавозимот озмоишгоҳҳои маҷозӣ, масалан, **PhET Interactive Simulations ()-ро** интихоб намуда, мавзуи ҳаракати моеъҳо ва газҳоро ба шакли намоишӣ ба хонандагон пешниҳод мекунад.

Дар оғози намоиш омӯзгор бояд дар компютераш интернет дошта бошад. Сипас ба барнома дохил мешавад, ки дар он номгӯи таҷрибаҳо аз қисматҳои гуногуни физика дар лавҳаи компютерии ӯ мебароянд. Нигаред ба расми 1:




***Расми 1. Оид ба воридшавӣ ба платформаи озмоишгоҳҳои маҷозӣ PhET Interactive* Simulations.** Сипас омӯзгор мавзуи зарурии худро интихоб карда, мушакро дар болои барнома зер мекунад ва барномаи намоишӣ кушода мешавад. Нигаред ба расми 2.




***Расми 2. Дар расми мазкур ҳаракати газҳо вобаста ба ҳарорат ва фишор нишон дода шудааст.***

Баъд аз кушодани барнома дар боло мушакро зер мекунад, ки барнома фаъол мешавад.

Дар ин маврид омӯзгор худаш оташро дар назди газ интихоб карда мегузорад, насосро ба кор даровarда, раванди ҳаракати молекулаҳоро мушоҳида мекунад. Нигаред ба расми 3.




***Расми 3. Интихоб ва намоиши озмоиш.***

Сипас баъди пахш кардани барнома навор дар экрани компютер баромад ва омӯзгор қиматҳоро қабул ва таҷрибаро пахш мекунад. Нигаред бар расми 4.




***Расми 4. Мушоҳидаи таҷрибаи физикӣ дар озмоишгоҳҳои маҷозӣ.***

Баъди намоиши таҷриба омӯзгор ба хонандагон саволу ҷавоб намуда, атрофи таҷрибаи гузарондашуда фикру андешаи худро иброз менамояд. Баъди мукаммалгардонии саволу ҷавоби хонандагон, омӯзгорон ҳамаро арзёбӣ карда, моҳияти ҳодисаи омӯхташударо дубора баррасӣ мекунад. Чунин имконият дар раванди азхудкунии дониши хонандагон нақши муҳим мебозад, чунки дар бисёр маврид омӯзгор набудани асбобу лавозимотро сабаби нагузаштани таҷрибаҳои физикӣ медонад. Барои он ки омӯзгор чунин корҳои озмоиширо гузаронад, пеш аз ҳама, худаш бояд истифодаи технологияи иттилоотиро дар сатҳи хуб донад. Ҳамзамон, дар истифодаи ин барнома донистани забони русӣ ва англисӣ хеле муҳим аст. Чунин имконотро омӯзгор пайваста дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифода бояд кунад, ки он дар пешрафти донишандӯзии шогирдон нақши калидӣ мебозад.

Хулоса, озмоишгоҳҳои маҷозӣ воситаи пуриқтидор барои баланд бардоштани сифати таълими физика мебошанд, зеро имкон медиҳанд, ки шогирдон қонунҳои табиатро на танҳо аз рӯи назария, балки дар заминаи таҷриба фаҳманд. Омӯзгорон бояд ба ин василаҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, онҳоро ба равандҳои таълимӣ ворид созанд. Якчанд тавсияро барои истифодаи озмоишгоҳҳои маҷозӣ баён мекунем:

1. Баргузории омӯзишҳо барои омӯзгорон оид ба истифодаи платформаҳои виртуалӣ;
2. Мутобиқ намудани барномаҳои дарсӣ бо дарназардошти истифодаи симулятсияҳо;
3. Рушди ҳамкориҳои мактаб бо марказҳои технологияи таълим.

**Манбаъҳо:**

1. https://phet.colorado.edu – PhET Simulations
2. https://www.labster.com – Labster
3. Назаров, Ш.Р. Методикаи таълими физика. – Душанбе, 2020.

# ТАЛАБОТИ МЕТОДӢ БА ДАРСИ МУОСИР

**Шоймардон СОДИҚОВ – муаллими калони кафедраи методикаи таълими география ва туризми ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

**Дар айни замон, ки тараққиёти илму техника бо суръат идома дошта, торафт бештар кашфиёти нави илмӣ ба вуҷуд омадаанд, соҳаҳои нави илм рӯи кор омада, проблемаи омода кардани хонандагон ҷиҳати мустақилона аз худ намудани донишҳои нав ба миён омадааст. [5. С.102].**

Дар ҷараёни таълим дарс як воситаи муассирест, ки инсонро ҳамчун фарди ҳаматарафа инкишофёфта ташаккул медиҳад. Ба он хотир ки дарс, мактаб, асоси корҳои таълим ва тарбия буда, дар он азбаркунии донишу малака ва ташаккулёбии ахлоқ сурат мегирад. Ин ба он вобаста аст, ки он чӣ тавр ташкил карда мешавад ва омӯзгорон дар рафти дарс ба талаботи он то чӣ андоза эътибор медиҳанд, зеро асоси ташкили дурусти дарс ва самаранокии онро маҳз ҳамон талабот ташкил менамоянд. Талабот нисбат ба дарс хеле гуногунанд. И. В. Душина онҳоро ба даҳ гурӯҳ ҷудо кардааст [4, С 155]:

- риоя намудани вазифаи таълиму тарбиявии дарс;
- илмӣ будани мазмуни дарс;
- алоқаи дарс ба ҳаёт;
- равиши политехникӣ;
- тартиб;
- интихоби методи таълим;
- барқарорнамоии алоқаи байни фанҳо;
- риоя намудани қоидаҳои кишваршиносӣ;
- тамоили экологӣ;
- тамоили иқтисодӣ.

Ба ғайр аз ин, боз талаботи дигар низ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, он «лаҳзаҳои дидактикӣ, мантиқӣ, руҳӣ ва ягонагии онҳоро муҳимтарин талаботи дарси география мешуморад».

Бояд қайд намуд, ки ғайр аз ин талабот, боз дигар талабот мавҷуд аст, ки ҳамаи онҳоро муттаҳид менамояд, ки онро банақшагирии дарс мегӯянд. Ҳамаи ин талаботро ба назар гирифта, дар бораи риояи онҳо то чӣ андоза сифат ва самаранокии дарсро баланд мебардоранд, сухан меронем.




Ҳар навъи дарс аз нигоҳи таълиму тарбия хуб ташкил карда шуда, бо мазмуни баланди илмӣ гузаронида шавад, сифати дониши хонандагон ҳамон қадар беҳтар мешавад. Ана ба ҳамин мақсад дар ҷараёни таълим ба талаботи дарс диққати ҷиддӣ дода мешавад, зеро дар шароити пешравии илму техника ва «таркиши иттилоотӣ» баланд бардоштани дониши хонандагон ва ташаккул додани ахлоқи ҳамидаи онҳо дар мадди назар меистад.

Амалӣ гардондани ин мақсади душвор, вале пуршараф бо он вобаста аст, ки омӯзгор то кадом андоза фанни худ, талабот ба дарс, методи таълими он, педагогика, дидактика ва равоншиносиро амиқ медонад, чӣ тавр усули кишваршиносӣ, алоқаи байнифаннӣ, маълумотҳои ҷориро истифода менамояд, корҳои синфӣ ва беруназдарсиро алоқамандона мегузаронад. Ин ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сифати дарсро мувофиқи талаботи имрӯзаи ҷараёни таълим ва

тарбия баланд бардорад. Аммо ин чандон ба осонӣ ба даст намеояд. Вай ба маҳорати педагогӣ ва таҷрибаи шахсии омӯзгор, ба хелҳои гуногун ташкил намудани дарс ва дурусту бамавқеъ истифода кардани методу унсурҳои таълим ва воситаҳои таълим вобаста мебошад. Маҳз бо ҳамин сабаб ҳар як дарс, ҳангоми таълими ин ва ё он мавзуъ бо як тарзу усул сурат намегирад. Омӯзгор онро вобаста ба донишу таҷрибаи педагогӣ ба тайёрии хонандагон бо усулҳои ба худ хос мегузаронад.

Дар методикаи таълими география ва дастурҳои методии оид ба ташкил ва гузаронидани дарс талаботи мушаххас муқаррар карда шудааст, ки бидуни ба ҳисоб гирифтани машғулиятҳо баланд бардоштани самаранокии он ғайриимкон аст. Ҳол он ки баланд бардоштани самаранокии дарс, масъалаи асосии ташкили таълими фанҳои мактабӣ, аз ҷумла, география ба ҳисоб меравад. Он на фақат аз нуқтаи назари аз худ шудани сифати маводи таълим, инчунин, аз ҷиҳати ҷанбаҳои ғоянокию тарбиявии дарс муайян карда мешавад. Ин омӯзгоронро водор менамояд, ки тамоми кӯшишу дониш, маҳорат ва таҷрибаи худро барои баланд бардоштани самаранокии дарс ба харҷ диҳанд. Ҳалли ин масъала аз ба нақша гирифтани дарс оғоз мегардад. Шакл ва мазмуни нақша вобаста ба шароити мактаб, мавҷудияти воситаҳои таълимӣ ва методӣ ва аёнӣ муайян карда мешавад. Соатҳоро вобаста ба содагӣ, мураккабӣ, васеъгии маводи таълим тақсим менамоянд. Вале ба мураттабсозии системаи дарсҳо, ки яке аз омилҳои баланд бардоштани самаранокии дарс мебошад, на ҳама вақт омӯзгорон ҷиддӣ машғул мешаванд. Ҳол он ки мураттаб сохтани системаи дарсҳо ҳамчун намунаи ҷараёни таълим ба омӯзгор имконият медиҳад, ки ҳамаи самтҳои дарсро ба ҳисоб гирад.

Чунин нақша барои фаслҳои алоҳида ва тамоми курсҳои география тартиб дода мешаванд. Дар он ташаккул додани системаи дониш, алоқамандии байни фаслҳо, мавзуъҳо ва дарсҳо, роҳҳои ташаккули мафҳумҳо, малака, алоқаи байни курсҳои география ва байнифаннӣ, корҳои амалӣ, муқаррар намудани дониш ва малакаи хонандагон, таҷҳизоти дарс ба ҳисоб гирифта мешавад. Аз ин ҷиҳат мураттабсозии системаи дарсҳо аз он иборат аст, ки омӯзгор дар он равиши тамоми самтҳои ҷараёни таълими ин ва ё он курсро пурра мушоҳида менамояд. Дар заминаи нақшаи пешакӣ мураттабсохтаи системаи дарсҳои ҷорӣ, ки мувофики он омӯзгор дарс мегузарад, тартиб додани нақшаи мураттабсозии системаи дарсҳоро фарқ менамоянд.

Дар вазифаҳои нисбатан мушаххаси дарс, қисмҳои таркибии он, алоқамандии байни мазмун ва ташкили фаъолияти дониш дарккунандагии хонандагон ва марҳилаҳои он, ҷиҳатҳои хоси муносибати байни омӯзгору хонанда муайян карда мешавад.

Дар рафти тайёрии ба нақша даровардани дарси ҷорӣ намуди дарс низ муайян карда мешавад. Ба ин мақсад мазмун ва мундариҷаи ҳар як мавзуи дарсро омӯхта, алоқаи мантиқии онро ба мавзуи гузашта ва оянда муайян намуда, мувофиқи мақсади дидактикӣ вобаста ба он намуди дарс муқаррар карда мешавад. Дуруст муайян кардани намуди дарс ба омӯзгорон имконият медиҳад, ки дар баробари намуди анъанавии дарс (дарси омехта) дигар намудҳои он (дарси омӯхтани маводи нав, такрору ҷамъбастӣ)-ро истифода баранд. Барои самаранок гузаронидани дарс на фақат ба нақша гирифтан ва муайян кардани намуди он, инчунин, асоснок намудани методи таълимӣ аҳаммияти калон дорад. Он дар асоси дарки мазмуни мавзуи таълимӣ, мақсади таълиму тарбиявии дараҷаи тайёрии хонандагон ва интихоб намудани дарс муайян карда мешавад. Чунин амал, бешубҳа, дуруст аст. Вай имконият медиҳад, ки мақсади охирини дарсро ба осонӣ, бо натиҷаи хуб амалӣ гардонем. Мисол, ҳангоми такрори мавзуи «Африқо» омӯзгор бо методи суҳбат дониши хонандагонро ба система даровarda, сабаби гуногунии шароити табиии қисмҳои алоҳидаи Африқо ва омилҳоеро тағйирёбии қисмҳои таркибии комплекси табиии он, хусусияти таъсири мутақобилаи табиати инсонро муайян ва муқаррар менамояд, тавзеҳ медиҳанд. Дониши хонандагонро оид ба табиат, фаъолияти аҳолии Африқо дар хотири хонандагон барқарор ва мустаҳкам менамояд.

Ҳамин тавр, мувофиқи намуди дарс интихоб кардани методи таълим ба омӯзгор имконият медиҳад, ки якчанд масъалаи муҳимми таълимиро ба таври бояду шояд ҳал кунад, барои аз худ шудани маводи таълим ва мустаҳкам намудани он шароит фароҳам оварад, ҷараёни таълимро мураттаб сохта, ба ин восита вақтро сарфа намояд. Баланд бардоштани самаранокии дарс ба ғайр аз дуруст муайян кардани намуд ва методи таълим, инчунин, вобаста аз мазмуни мавзуъ интихоб ва самарабахш истифода бурдани воситаҳои аёниро низ дар назар дорад. Аммо аз сабаби қисман набудани воситаҳои аёнӣ дар қисме аз дарсҳо ба талабот риоя карда намешавад. Бинобар ин, омӯзгорон вазифадоранд, ки дар ҳолати норасоии аёният мувофиқи нишондоди дастурҳои

методӣ, воситаҳои аёнии набударо якҷо бо хонандагон созанд. Ин яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи омӯзгор мебошад.

Ҳар як дарс, қатъи назар аз намуди он, таркиби амиқ дорад. Дар он гузориши мақсад мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Он дар асоси мазмуну таркиби мавзуъ ва намуди дарс муайян карда мешавад. Дар он натиҷаи таълиму тарбиявии дарс ҳаматарафа инъикос ёфта, он масъалаҳо ва амалҳои зеринро дар бар мегирад:

а) кадом ғоя, конуниятҳо ва мафҳумҳоро хонандагон дар дарс аз худ менамоянд;

б) кадом дониш, маҳорат ва малакаи қаблан азбарнамудаи хонандагонро бояд такмил дод, кадоми онҳо аввал баррасӣ карда мешаванд?

в) ҳангоми таълим бо хонандагон кадом корҳои тарбиявӣ бояд гузаронида шаванд?

Ҳамаи ин талаботро ба эътибор гирифтани омӯзгорон ҳангоми тартиб додани нақшаи дарс вобаста ба мавзуъ ва намуди дарс мақсади онро муайян мекунад. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки на ҳамаи омӯзгорон дарсро аз асоснок намудани мақсади он оғоз менамоянд. Омӯзгор вазифадор аст, ки бо мақсади ба фанни худ ва маводи таълим бедор намудани таваҷҷуҳ ва шавқу ҳаваси хонандагон моҳияти омӯзиши ҳар як мавзуи таълимиро ба онҳо бо мисолҳои мушаххас фаҳмонад. Танҳо бо чунин роҳ хонандагон дарсро ба диққат гӯш карда, супоришҳои омӯзгорро аниқ иҷро менамоянд.

Қисми асосии дарсро мазмуни он ташкил менамояд. Мазмуни дарс се қисми асосии таркиби маълумоти географӣ (дониш, малака, ҷаҳонбинӣ)-ро инъикос менамояд. Асоси онро донишҳои географӣ ташкил менамоянд. Он қисмати экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар бар мегирад, ки зарурати онро сохти имрӯзаи ҷамъият ба мадди назар гузоштааст. Ин талабот омӯзгоронро водор менамояд, ки дар баробари ба хонандагон додани дониши назариявӣ (мафҳумҳо, қонуниятҳо, қоидаҳо) дар ҳар як дарс ба донишҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ диққат диҳанд.

Дар ҷараёни таълим дониши географии хонандагон на фақат инкишоф меёбад, балки дар шуури онҳо тасаввуроту мафҳумҳои нав ҳосил мешавад. Ҳамин тавр, оҳиста-оҳиста ва зина ба зина ҷамъбастнамоию ба системадарории мафҳумҳо ба амал меояд. Он аз ташаккулёбии мафумҳои нав ибтидо меёбад ва бо тартиби мунтазам дар натиҷаи аз мафҳуми калонмикёс ба мафҳуми тобеъшаванда гузаштан ташаккул меёбад. Мисол, ҳангоми таълими географияи табиии Тоҷикистон хонандагон аввал дар бораи табиати Тоҷикистон ва сипас дар бораи ноҳияҳои табиӣ ва қисмҳои онҳо тасаввурот пайдо мекунанд. Ташаккул ёфтани тасаввурот ва мафҳумҳо кори мушкил мебошад. Бинобар ин, дар кори мазкур барои таҳлили он мавзуи алоҳида-«Ташаккул додани тасаввурот ва мафумҳои географӣ» пешниҳод шудааст. Хотирнишон карданӣ ҳастем, ки дар ҷараёни ташаккул ёфтани тасаввурот ва мафҳумҳо, тасаввуроту мафҳумҳои тоқа ба тасаввурот ва мафҳумҳои умумӣ табдил меёбанд. Дар натиҷаи ягонагӣ ва гуногунӣ объекту ҳодисаҳои табиат ошкор карда мешаванд, зарурати ҷамъбаст ва ба система даровардани тасаввуроту мафҳумҳо ба миён меояд. Зимни аз худ намудани системаи мафҳумҳо дар шуури хонандагон қонун ва қонуниятҳои географӣ ташаккул меёбад. Мисол, ҳангоми омӯхтани зонаҳои амудӣ хонандагон дар асоси мафҳумҳои қаблан азхуднамудаашон такя намуда, зимни муқоиса намудани ба таври амудӣ нобаробар тақсим шудани фишор, ҳарорат, боришот қонунияти ба тавре амудӣ ҷойгир шудани зонаҳоро ошкор менамоянд. Ба хулоса меоянд, ки тақсимоти нобарори амудии унсурҳои иқлимӣ ва ғайра сабаби пайдоиши зонаҳои амудии гуногун гардиданд, ки онҳо бо табиати худ ва унсурҳои табиӣ аз якдигар фарқ мекунанд.

Дигар ҷиҳати муҳимми дарс, фарқ кардани маводи асосӣ ва ёрирасон мебошад. Ин ба омӯзгор имконият медиҳад, ки мувофиқи талаботи барнома ба маводи асосии таълимӣ диққати ҷиддӣ дода, маводи ёрирасонро фақат барои шарҳи он истифода намояд. Мутаассифона, дар дарс на ҳама омӯзгорон чунин рафтор менамоянд. Қисми онҳо дар дарс ба масъалаҳои дуюмдараҷа вақтро аз будаш зиёд сарф менамоянд. Хуллас, дар дарс маводи асосӣ ва ёрирасон як хел омӯхта мешаванд. Ин сабаби суст аз худ шудани маводи асосӣ мегардад. Аз тарафи дигар, нафаҳмидани тафовути маводи асосӣ ва ёрирасон ба он оварда мерасонад, ки хонандагон ҳангоми тайёр намудани вазифаи хонагӣ вақти зиёд сарф менамоянд. Барои фаъол гардонидани ҷараёни таълим ва мустаҳкам намудани алоқаи таълим бо ҳаёт ҳамчун восита аз маводи матбуоти даврӣ ва байнифаннӣ мунтазам истифода бояд барем. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки омӯзгорон ба ин ҷиҳати масъала кам аҳаммият медиҳанд.

Қисми дигари муҳимми таркибии дарс, санҷиши дониш мебошад, ки вобаста ба намудҳои дарс тобиши гуногун мегирад. Аз ҷумла, дар дарси омӯзиши маводи нав санҷиши маводи мавзуи гузашта ҳамчун қисми таркибии дарс вуҷуд надорад. Он ҳангоми нақли мавзуи нав ва мустаҳкамкунии дарс пайваста гузаронида шуда, вақтро сарфа ва самаранокии дарсро таъмин менамояд. Дигар қисми таркибии дарс супориши вазифаи хонагӣ мебошад. Омӯзгор метавонад, онро дар аввал ва ё дар охири дарс супорад. Қатъи назар аз он ки ин амал дар кадом лаҳзаи дарс гузаронида нашавад, шарти асосии он ба хонандагон фаҳмонидани маводи асосӣ ва ёрирасон, тарзи иҷрои вазифаи хонагӣ ва кор кардан бо манбаъҳои гуногуни дониш мебошад. Аммо ба ин талаботҳо на ҳама омӯзгорон риоя менамоянд. Аксари онҳо ба хонандагон вазифаро бе шарҳу тавсия дар охири дарс месупоранд. Чунин амал иҷрои вазифаи хонагиро душвор ва сифати аз худ намудани маводи таълимиро паст менамояд.

Мактаби муосир на фақат хонандагонро бо системаи дониш, малака ва маҳорат мусаллаҳ менамояд, инчунин, ба ҷаҳонбинии илмӣ, хусусиятҳои фардӣ, ахлоқи ҳамида, худшиносии миллӣ, шавқу ҳаваси даркнамоӣ, қобилияти эҷодкорӣ, меҳнатдӯстӣ ва интихоби касб заминаи боэътимод мегузорад. Дар ҳалли ин масъалаҳо дар қатори дигар дарсҳо дарси география аҳаммияти калон дорад. Мавқеи онро дар тарбияи хонандагон мазмуни он муайян менамояд. Мазмуни дарси география, ки тарафҳои мухталифи объекту ҳодисаҳои воқеии табиат ва ҷамъиятро дар бар мегирад, дар тарбияи ҳаматарафаи хонандагон имконияти васеъ дорад. Омӯзиши он дар мактаб, пеш аз ҳама, хонандагонро аз нигоҳи илмӣ ба дарк ва таҳлил намудани объектҳои табиию ҷамъиятӣ ҳидоят менамояд. Ба он хотир, ки бе фаҳмиш ва дониши илмӣ ҳодисаю объектҳои географӣ хонандагон қонуниятҳои умумӣ, ки ба ҳама ҳодиса ва объектҳои табиию ҷамъиятӣ хос аст, аз худ намуданашон душвор аст.

Хусусиятҳои фарққунандаи дарси муосир аз фанни география инҳоянд:

1. Гузоштани мақсадҳои дарс ва ҳавасмандии машғулиятҳо дар асоси муқаррароти дидактикаи муосир. Ҳангоми муайян кардани ҳадафҳои дарс ва ҳавасмандгардонии онҳо на танҳо вазифаҳои азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорат, инкишоф додани қобилиятҳои равонӣ (тафаккур, даркият, диққат, хотира, нутқ ва тасаввурот), балки вазифаҳои ташаккули таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибати хонандагонро ба олам таъкид кардан лозим аст.

2. Тағйирёбии нақш ва вазифаҳои омӯзгор дар дарс. Ин ба он вобастааст, ки хонандагон ҳамчун субъектҳои худинкишофёфтаи таълим баррасӣ мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзгор дар дарс ҳамчун ташкилкунандаи фаъолияти таълимии хонандагон баромад карда, мақсадҳои дарсро муайян ва ҳавасманд менамояд, супоришҳо ва машварат медиҳад ва барои аз худ намудани усулҳои кори таълимӣ ёрӣ мерасонад.

Омили аз ҳама асосӣ дар дарси муосири география фаъолияти мустақилонаи хонандагон, ҳал намудани супориш ва масъалаҳои таълимӣ мебошад. Вобаста ба ин, ҳиссаи кори мустақилона дар дарс ҳарчи бештар зиёд карда мешавад. Дар дарси анъанавӣ, одатан дар ҷараёни таълим байни хонандагон муошират вуҷуд надорад. Дар дарси муосири география шаклҳои коллективии кор, кори дунафара, ки муошират, мубодилаи афкор ва тафтиши ҳамдигарии донишу малакаро таъмин менамоянд, истифода мешаванд.

3. Тағйирёбии муносибати омӯзгору хонандагон. Бар хилофи дарси анъанавӣ, ки дар он шеваи муоширати авторитарӣ ҳукмфармост, дар дарси муосир бояд фазои ҳамкорӣ ҳукмфармо бошад. Ҳамкории омӯзгор ва хонанда метавонад дар интихоби шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ, инчунин, ба ихтиёри хонандагон вогузоштани баъзе вазифаҳои омӯзгор ифода ёбад. Омӯзгор метавонад аз донишҷӯён хоҳиш кунад, ки дар ҷуфтҳо ё гурӯҳҳои хурд кор кунанд ва сипас кори якдигарро тафтиш кунанд. Барои санҷидани дониш ва маҳорат хонандагони пурқувватро ҷалб кардам мумкин аст.

4. Тағйирёбии мантиқии сохтори раванди таълим. Муҳимтарин тафовут аз ҷониби хонандагон барои аз худ намудани донишу малакаҳои нав, истифодаи донишу малакаҳои мавҷуда мебошад. Вобаста ба ин, сохтори дарс хеле тағйир меёбад. Татбиқи дониш аз марҳалаи ҷамъбастии дарс ба марҳалае табдил меёбад, ки аз он омӯхтани маводи нав оғоз мегардад ва дар ҳама марҳалаҳои дарс кори мустақилонаи хонандагон ташкил карда мешавад.

Ҳангоми муайян кардани мақсадҳои дарс на танҳо кадом дониш аз худ карда мешавад, балки дар кадом сатҳ, (дарккунӣ ва азёд кардан, татбиқи дониш дар вазъияти ба ин монанд ё дар дараҷаи эҷодкорона татбиқ намудани дониш ба назар гирифта мешавад.

Банақшагирии дақиқи дарси география ва гузоштани ҳадафҳои омӯзишӣ тавассути тақсим кардани мавод ба блокҳо ё қисмҳои пурмазмун ва таҳияи ҳадафҳои омӯзиши онҳо ба даст оварда мешавад. Масалан, дар курси географияи материкҳо ва укёнусҳо, ҳангоми баёни мавзуи «Анбуҳи ҳаво ва типҳои асосии он» блокҳои мантиқиро муайян кардан мумкин аст: анбуҳи ҳаво ва навъҳои онҳо, бодҳои доимӣ (пассатҳо ва бодҳои ғарбии арзҳои муътадил), ҳаракати минтақаҳои фишори атмосфера дар тамоми фаслҳо.

Таҷрибаи омӯзгорони пешқадам нишон медиҳанд, ки барои хубтар аз худ намудани мафҳумҳои географӣ, дар ҳама зинаҳои таълим аниқ муайян намудани мазмуни мафҳумҳое, ки аз худ карда мешаванд, аҳамияти калони таълимӣ доранд. Ин, пеш аз ҳама, аз омӯзгор талаб менамояд, ки дар заминаи тасаввурот ва мафҳумҳои аз бар намудаи хонандагон аломатҳои асосии мафҳумҳоеро, ки ташаккул дода мешаванд, бояд муайян намуд. Мисол, мафҳуми вулқонро гирем: барои ҳаматарафа аз худ намудани он муаллим нақшаи онро дар тахтаи синф кашида, қисмҳои таркибии онро (ё ки аломатҳои асосӣ) ҷудо карда мефаҳмонад. Дар нақшаи вулқон он аломатҳоро ба таври зерин ифода менамояд:

1) манбаи тафта (магма);
2) даҳана (жирло);
3) танӯра (кратер);
4) қабати гузариши шахшуда;
5) гудозаи сардшаванда (лава);
6) танӯраи паҳлугӣ.

Хонандагон пас аз шиносоӣ пайдо намудан ба ин аломатҳо мафҳуми вулқонро пурра аз худ менамоянд.

Дарси муосири география метавонад хусусияти ҳамгироӣ дошта бошад. Дар як қатор мактабҳо ба таври ҳамгиро омӯхтани география ва биология, география ва экология, география ва забони хориҷӣ ва ғайра ҷорӣ карда мешавад. Моҳияти ҳамгиро будани дарси география метавонад бо кори амалӣ дар маҳал ё экскурсия алоқаманд бошад. Вобаста ба гуфтаҳои боло талаботи зеринро нисбат ба дарси географияи муосир мураттаб кардан мумкин аст:

- возеҳ гузоштан ва ҳавасмандгардонии мақсадҳои ҷараёни таълим;
- муайян намудани мақсадҳои таълимӣ, инкишофдиҳӣ ва тарбиявии дарс.

Вазифаи таълимӣ сатҳи илмии мундариҷаи дарсро муайян мекунад. Ин талаботи муҳимтарин дар барнома бо номгӯи мафҳумҳое ифода шудааст, ки хонандагон бояд аз худ кунанд. Ҳадафи инкишофдиҳӣ асосан тавассути ташаккули малакаҳои дар барнома мавҷудбуда амалӣ карда мешавад. Муайян намудани максади сегонаи дарс бояд ба ташаккули ангезаи хонандагон нигаронида шавад. Дар охир бояд гуфт, ки дар шароити муосир ҳар як омӯзгор метавонад, ки озодона дарсро ба нақша гирад, намуду мақсади дидактикии он, методи таълим, воситаҳои аёниро мавофиқи мавзӯъ муайян менамояд, таркиб ва рафти онро муқаррар созад.

Аммо ин маънои онро надорад, ки дарс бидуни баҳисобгирии шарту шароитҳое, ки дидактика ва методикаи таълими география тавсия менамоянд, гузаронида шавад.

## АДАБИЁТ


1. Барномаи таълими фанни география барои синфҳои 6-11-уми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. – Душанбе, 2021. – 88 с.

2. Душина, И. В. Методика и технология обучения географии: пособие для учителей и студентов педагогических институтов и университетов. – М.: АСТ, 2004. – 203 с.

3. Душина, И. В. Методика обучения географии в общеобразовательных учреждениях. - М.: Просвещение, 2007. – 509 с.

4. Раҳимов, М., Самиев, А., Содиқов, Ш. Методикаи таълими география (китоби дарсӣ). - Душанбе: ЭР-Граф, 2021. – 304 с.

5. Содиқов, Ш. А. Хусусиятҳои методии ташкили корҳои мустақилона дар таълими географияи мактабӣ. Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – №3(21). – 2024. – С. 102-106.

6. Петрова, Ю. Теория и методика обучение географи. Учебно-методический комплекс для студентов географических специальностей педагогических университетов, – Томск, 2010. - 205 с.

# ИСТИФОДАИ УСУЛИ КЛАСТЕР ДАР КОМПЮТЕРҲОИ ХУРД ВА КАЛОН



**Некрӯз АКБАРОВ – омӯзгори фанни технологияи иттилоотии МТМУ №42, ноҳияи Мастчоҳ**

**Олимони аввалине, ки ба истифодаи калимаи «кластер» ва принсипи кластерикунонӣ дар илмҳои оморшиносӣ ва математика таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд, ба оғози асри XX бармегарданд. Хусусан, корҳо дар соҳаи кластерикунонӣ ва таҳлили гурӯҳӣ (таснифсозӣ) ба ташаккул ёфтани ин мафҳум кумак карданд.**

Роналд Фишер (1890–1962), ки яке аз олимони барҷастаи оморшиносӣ ва биометрия буд, тавсеа ёфтани методу алгоритмҳои гурӯҳӣ ва таҳлилҳои омории марбут ба ихтисосро дар гурӯҳҳо ва кластерҳо дар таҳлили маълумот оғоз намуд. Мақсади ин таҳлилҳо, омӯхтани самти фарққунандаи як гурӯҳ ё намунаи маълумот буд, ки ин аз усулҳои клонинг (нусхабардор)-ҳои оморӣ дар таҳлили кӯшишҳои экспериментӣ маълумоти зиёдеро ба амал овард.

Бо вуҷуди ин, калимаи «кластер» ва техникаи истифодаи он бо ташаккул ёфтани соҳаи омӯзиши мошина ва **анализи маълумот (data mining)** ба авҷ расид. Алалхусус, **К. Ф. Уолт** ва муаллифон дар соҳаи таҳлили оморӣ низ саҳм гузоштаанд.

Калимаи «кластер» дар илми омор (статистика) ва математика дар асрҳои миёна ворид нагардида, балки дар асри XX бо рушди соҳаҳои омор ва таҳлили маълумот, ки аз тарафи олимон, махсусан, Роналд Фишер, Ф. Уолт ва дигар шахсиятҳои барҷастаи соҳаи математикӣ оғоз ёфта буд, шакл гирифт.

Ба таври умум, калимаи «кластер» ба ҳар гуна гурӯҳ ё ҷамъомадҳо ишора мекунад, ки унсурҳои дохилии онҳо бо ҳам ҳамоҳангӣ ё монандӣ доранд.




**Кластери компютерӣ:** Кластер ҷамъи компютерҳо ё серверҳо буда, якҷо барои иҷрои вазифаҳо истифода мешаванд. Ҳар як компютер ё сервери алоҳида дар кластерҳо "нод" номида мешавад ва онҳо метавонанд барои иҷрои вазифаҳои параллелӣ, тақсим кардани бор ё фурсати нигоҳдории маълумотҳо ҳамкорӣ кунанд. Инчунин, барои тақсим кардани бор ва таъмини тақсими дурусти фаъолиятҳо байни якчанд сервер истифода мешаванд. Онҳо, аз ҷумла, дар веб-серверҳо истифода мешаванд, ки якчанд нод ба таври параллелӣ хидмат мекунанд ва ҳар яке дар иҷрои дархости муштариён кумак мерасонад.

| Механизми коркард дар кластер | | |
|---|---|---|
| **1. Таксим кардани вазифаҳо:** **○Вақте ки кластер ба як кор дар мегирад, он кор ба қисмҳои хурд тақсим мешавад ва ҳар як қисми кор дар ноди алоҳида коркард мешавад. Пас, он бо таври параллелӣ ичро мешавад, ки суръат ва самаранокии ичрои корро афзоиш медиҳад.** | **○2. Координашон (Synchronization):** ○Барои он ки кластерҳо дуруст ва мувофиқ кор кунанд, ҳамаи нодҳо бояд барои ичрои вазифаҳо ҳамоҳанг бошанд. Чунки системаҳои мураккаб, протоколҳои интиқол ва ҳамоҳангсозии маълумот истифода мешаванд. | **○3. Менеҷмент ва мониторинг:** ○Ҳангоми истифодаи кластер, системаи мониторинг дуруст ва ҳолати ҳар як нод зарур аст. Ин барои шиносоии камбудиҳо, хатоҳо ё норасоиҳо кумак мекунад ва ба таъмини устуворӣ ва кори бефосила мадад мерасонад. |




1. **Афзоиши миқёс:** Як кластер метавонад бо илова кардани кодҳои нав миқёси коркардро афзоиш диҳад.
2. **Дастрасии баланд:** Агар яке аз нодҳо ба мушкил дучор шавад, дигар нодҳо метавонанд вазифаҳоро ичро кунанд, ки ин метавонад, манъ шудани хидматҳоро пешгирӣ кунад.
3. **Зудазхудкунӣ:** Кластерҳо барои коркард ва ичрои вазифаҳои параллелӣ ва фаврӣ кумак мекунанд.
4. **Дар хотир мустаҳкам нақш бастан:** Ба ҷои истифодаи як варақ навиштаҷот, омӯзгорон метавонанд як кластери системаи компютериро истифода баранд.






✓ **Маълумот ва коркарди тақсимшуда:** Кластерҳо дар компютерҳои хурд, ба монанди Raspberry Pi, барои tasks-и сершумор ва ба таври мувозӣ кор кардан истифода мешаванд. Бо сохтани кластери компютерҳои хурд метавон як шеби компютерии хурдакакро барои ҳисоб кардани маълумот дар ҳаҷми калон ё иҷро кардани барномаҳо истифода бурд.

✓ **Системаи виртуалӣ:** Компютерҳои хурд метавонанд ҳамчун нодҳои алоҳида дар кластер истифода шаванд, ки барои қарор додани вазифаҳои гуногуни маҳаллӣ ё осон кардани тақсими ресурси системаи виртуалӣ кумак мерасонад.

✓ **Коркарди параллелӣ:** Кластери компютерҳои хурд имкони тақсим кардани корҳо ва иҷро намудани онҳоро ба таври мувозӣ медиҳад, ки ба таври назаррас иҷрои барномаҳоро метезонад.




➢ **Хусусияти масштаб ва қобилияти иҷрои баланд:** Кластерҳо дар компютерҳои калон ё суперкомпютерҳо барои иҷрои ҳисобҳои хеле мураккаб, ба монанди таҳлилҳои илмӣ, симулятсияҳо ва модели мураккаб истифода мешаванд. Кластери чунин компютерҳо метавонанд маводи дохилӣ, ё «маълумоти бузург» (big data) дар соҳаҳое, монанди таҳлили биоинформатика, физикаи ядроӣ ва инженериҳои симулятсионӣ истифода мешаванд.

➢ **Ҳокимият бо истифодаи маҷмуи дастгоҳҳо:** Дар компютерҳои калон кластер метавонад якчанд сотен ё ҳазорҳо компютерро якҷоя кунад ва як кори калон ва мураккабро якҷо иҷро кунад, ки ин ба талаботи иҷрои муайяни ҳисобу китоб мусоидат мекунад.

➢ **Системи микёсии ҷудо:** Кластерҳо дар компютерҳои калон аксаран ба серверҳои мансуб ба хидматҳои ҳар як қисми системаи ҷудо барои пешниҳоди хидматҳо ва нигоҳ доштани маълумот истифода мешаванд.

Компютерҳои хурд ва калон метавонанд барои фаҳмидан ва иҷрои вазифаҳои воқеии маълумоти муқоисавӣ ва параллелӣ истифода шаванд, ки барои таҳлили мураккаб дар шароити даргирии вақти ҳозира бо кумак ба кластерҳои ҳамкор истифода мешаванд.

**Кластер (Cluster)** – маҷмуи компютерҳо ё дастгоҳҳои алоҳида буда, дар якҷоягӣ кор мекунанд ва ҳамчун системаи ягона ба кор бурда мешаванд. Инчунин, кластерҳо барои тақсим кардани бор, таъмини қобилияти фаврӣ ва мустаҳкам намудани дастгоҳҳо истифода мешаванд. Бо як роҳи муассир тақсим кардани вазифаҳо, баланд бардоштани иҷро ва таъмини устуворӣ дар системаҳое, ки ба иқтидор ва захираҳои баланди ҳисобӣ ниёз доранд, кластер номида мешаванд.

**Тақвими истифодаи кластер дар компютерҳои хурд ва калон:**

➢ **Компютерҳои хурд**: Кластерҳои компютерҳои хурд метавонанд барои иҷрои вазифаву таҳлили маълумотҳои хурд ё хидматрасонии веби осон истифода шаванд. Масалан, дар омӯзиш, таҳлили маълумот ё кумак ба серверҳои хурд.

➢ **Компютерҳои калон**: Кластерҳои суперкомпютерҳо ё компютерҳои калон барои иҷрои вазифаҳои мушкил ва муҳандисӣ, симулятсияҳо ва таҳлили маълумотҳои бузург (Big Data) истифода мешаванд. Масалан, барои муодилаҳои физикии таҳқиқоти астрономӣ ё таҳлили микдории зиёди маълумотҳо.




***1.** Компютерҳои хурд (Small Computers Small-Scale Systems)* ***ба монанди*** *Raspberry Pi,* ***ноутбукҳои хурд ё хидматрасонҳои маҳаллӣ метавонанд барои вазифаҳои асосӣ ва таҳлили маълумотҳои маҳаллӣ ё кучак истифода шаванд. Вале, вақте ки ба системаи муқовимат ва иҷрои баланд ниёз мешавад, компютерҳои хурд метавонанд якҷо як кластерро ташкил кунанд.***

*2. Компютерҳои калон (Large-Scale Systems / Supercomputers)* ***ё суперкомпютерҳо аз якчанд ҳазор нод (серверҳо ё хидматрасонҳо) иборат мебошанд, ки якҷоя кор мекунанд ва онҳоро барои иҷрои ҳисобҳои мушкил ва симулятсияҳо истифода мебаранд.***

**Компютерҳои хурд ва калон** метавонанд якҷо дар кластерҳо кор кунанд, вале синфи компютерҳо ва ё суперкомпютерҳо вобаста ба вазифаҳо ва талаботи ҳисобии гуногун интихоби худро доранд.

**Кластерҳо** (қисмҳои мустақиле, ки якҷо кор мекунанд) барои иҷрои корҳои параллелӣ ва баланд бардоштани самаранокии коркард аз беҳтаринҳо бошанд.

*Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*аз 31 августи соли 2022, №439 тасдиқ шудааст*

# КОНСЕПСИЯИ ГУЗАРИШ БА ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2042

**1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

1. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 (минбаъд - Консепсия) дар марҳилаи муосир бо дар назар доштани рушди ҷомеа ва навсозии низоми ҷаҳонии таҳсилот таҳия шуда, барои рушди ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ хидмат менамояд. Дар он арзишҳои миллию умумибашарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва ғайра ба инобат гирифта шудааст.

2. Консепсия тамоюли рушди низоми таҳсилоти рақамиро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва ташаккули фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амалӣ мегардонад, ки он ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

3. Консепсия имконият медиҳад, ки ислоҳоти соҳаи маориф дар самти рақамикунонӣ амалӣ ва инчунин, кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил таъмин гардад.

**2. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ КОНСЕПСИЯ**

4. Мақсад аз гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ноил шудан ба сифати нави таълим тавассути ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ, тағйир додани шакл ва усулҳои таълим, таъмини сифат ва сайёр будани хизматрасониҳои таълимӣ, баланд бардоштани эътирофи низоми миллии маориф ва зиёд намудани содироти хизматрасониҳои таълимӣ ва ғайра мебошад.

5. Таҳсилоти рақамӣ дар соҳаи маориф дорои чунин вазифаҳо мебошад:

- баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ;
- рушди омӯзиш бо истифодаи технологияҳои муосир ва онлайнӣ;
- татбиқи барномаҳои таҳсилотии рақамӣ;
- дарки низоми нави маориф;
- таҳияи меъёрҳои фаъолияти муҳити иттилоотию таълимӣ бо дар назар доштани стандартҳои давлатӣ ва ҷаҳонӣ;
- таҷдиди назар, ташаккул ва танзими усулҳои истифодаи ТИК дар таълим;
- зиёд намудани таҷҳизоти техникии муассисаҳои таҳсилотӣ барои татбиқи ТИК-и муосир дар раванди таълим;
- таҳия ва ба низом даровардани муҳити ягонаи таълими рақамӣ дар Тоҷикистон;
- ҷорӣ намудани усулҳои нави таъмини кадрҳои омӯзгорӣ ба кор тариқи истифодабарии ТИК;
- дастрасии ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим ба технологияҳои рақамӣ бо мақсади такмили раванди таълим;
- истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ва оммавӣ гардонидани принсипи "таълим дар тамоми умр".

6. Ҳадафи Консепсияи мазкур роҳнамоӣ намудани амалисозии устувори рақамикунонӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Консепсия заминаи стратегӣ ва амалиро таъмин менамояд, ки дар он таваҷҷуҳи махсус ба технологияҳои рақамӣ ва ноил гардидан ба ҳадафҳои гузоштташуда дар соҳаи маориф дода мешавад ва инчунин, бо дар назар доштани таҷрибаҳои минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ дар самти тарғибу ташвиқи технологияҳои рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои мушаххасро муайян менамояд.

7. Консепсия мутобиқ бо стратегияҳо ва низому сиёсати миллии рушди рақамӣ, инчунин равандҳои банақшагирӣ ва арзёбӣ дар соҳаи маориф таҳия гардидааст. Консепсия унсурҳои рақамиеро, ки дар барномаҳои давлатӣ оварда шудаанд, дар худ дарҷ намуда, онҳоро дар як шакли мукаммал ба ҳам овардааст, ки он барои рушди "экونизом"-и таҳсилоти рақамӣ нигаронида шудааст. Консепсия дар асоси ин модел ва амалияҳои беҳтарин мунтазам дар се сатҳ амалҳоро баррасӣ ва пешниҳод менамояд:

- эҷоди муҳити дорои омилҳои мусоид барои ба даст овардани фарогирӣ ва устувории рақамикунонии соҳа;

- такмили омилҳои имкондиҳандаи таҳсилоти рақамӣ тавассути пешниҳоди дастрасӣ ба Интернет ва шабакаи ягонаи таҳсилот, инчунин рушди инфрасохтор, таҷҳизот, барномаҳои рақамӣ, воситаҳои зарурӣ барои дастрасӣ, банақшагирӣ ва рушди иқтидори зарурӣ;

- ноил гардидан ба натиҷаҳои таълим тавассути рақамикунонии раванди таълим, маводи таълимӣ ва коркардҳои ба воситаҳои арзёбӣ мувофиқ.

8. Консепсия натиҷаҳои арзёбии иқтидору эҳтиёҷоти соҳаи маорифро ба таҷҳизоти ТИК ва сатҳи кунунии дастрасӣ ба Интернет дар муассисаҳои таҳсилотӣ (ибтидоӣ, асосӣ ва миёнаи умумӣ)-ро ба назар гирифта, ба сармоягузориҳои назаррас ба инфрасохтори ТИК нигаронида шудааст.

9. Дар Консепсия диққати махсус ба таҳсилоти миёнаи умумӣ ва гузариш аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва асосӣ ба миёнаи умумӣ нигаронида шудааст. Дар марҳилаи ниҳоӣ тамоми дигар сатҳҳои маориф, инчунин таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилотии давлатӣ ва ҳам хусусӣ фаро гирифта хоҳанд шуд.

10. Мусоидат ба рақамикунонии соҳаи маориф аз ҷониби тамоми муассисаҳои давлатӣ омили муҳим дар амалисозии Консепсияи мазкур мебошад.

11. Яке аз вазифаҳои Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 таъмини тамоми духтарон ва писарон бо таҳсилоти пурраи ройгон, баробар ва босифат дар зинаи ибтидоӣ ва миёна бо натиҷаҳои муассири таълим ва устуворона зиёд шудани шумораи ҷавонон ва калонсолони дорои малакаҳои муносиб ба шуғл, кори шоиста ва соҳибкорӣ мебошад.

12. Технологияҳои рақамӣ имкон доранд, ки дастрасӣ ба таҳсилоти босифатро ба таври назаррас васеъ кунанд ва салоҳияти рақамӣ зуд ба талаботи асосӣ дар ҳар як ҷойи кор мубаддал гардад.

13. Инфрасохтори хуби ТИК дар муассисаи таҳсилотӣ дар якҷоягӣ бо дастрасӣ ба дигар мавзеъҳои таҳсил дар хона ва ҷомеа дар баробари фазои муносиб метавонад барои шумораи бештари хонандагон шароит фароҳам оварад. Рушди касбии омӯзгорон тавассути истифодаи ТИК метавонад дастгирӣ ёбад ва норасоиҳо дар таъмини омӯзишро самаранок бартараф намояд. Гузашта аз ин, такомули касбии омӯзгорон бо кӯмаки ТИК метавонад ҷойҳои холиро дар таъмини омӯзиши босифат ба таври муассир пур кунад.

14. Тибқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, навоварӣ ва ҷалби корфармоён ба раванди таҳсил, иштироки волидон ва ҷомеа дар ҷараёни таълим ва идоракунии самарабахш ба фикру мулоҳизаҳо асосёфта, бояд манбаъҳои асосии фаъолияти соҳаи маориф буда, чунин нуқтаҳои асосии рушдро ташкил намоянд:

- таъмини тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ бо дастрасии васеъ ба захираҳои интернетӣ ва баланд бардоштани таъмини синфхонаҳо бо таҷҳизоти компютерӣ;

- таъмини маводи интернетӣ барои аксарияти фанҳо ва васеъ ҷорӣ намудани шаклҳои интерактивии таълим бо истифода аз ТИК, аз ҷумла таҳсилоти фосилавӣ (онлайн) ва рушди барномаҳои заминавии таълимӣ бо забони тоҷикӣ.

15. Чорабиниҳое, ки дар Консепсия пешниҳод шудаанд, ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва чорабиниҳои Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2021-2023 мутобиқ бошанд ҳам, вале онро иваз карда наметавонанд. Консепсия метавонад вазифаҳои зерини Нақшаи миёнамуҳлати амалҳоро барои солҳои 2021-2023 амиқтар ва пурратар созад:

- ҷорӣ намудани усулҳо ва методҳои нави таълимию омӯзишӣ барои лоиҳаҳои намунавӣ (озмоишӣ, бо истифода аз восита ва барномаҳо), инчунин воситаҳои ёрирасон барои хонандагони бо эҳтиёҷоти махсус;

- ҷорӣ намудани дастгоҳҳои рақамӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ҳамчун шарти пешакӣ;

- такмили ихтисоси омӯзгорон, такмили низоми омӯзиш, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани касбияти онҳо (бо дарназардошти шаклҳои инноватсионии омӯзиши пешрафта, аз ҷумла, омӯзиши фосилавӣ ва омехта).

16. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва таҳияи маводи муосир дар муассисаҳои таҳсилотӣ, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, таъсиси махзани ягонаи рақамии маводи таълимии электронӣ, рушди заминаҳои муосири моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба воситаи мунтазам аз нав таҷҳизонидани онҳо бо техникаву технологияҳои ҳозиразамон ва ташкили саҳифаи ягонаи иттилоотии соҳаи маорифи Ҷумҳурӣ равона гардидааст.

17. Дар шароити муосир таҳкими заминаҳои моддию техникӣ, таъмини муассисаҳои таҳсилотӣ бо техникаи компютерӣ, ташкили шабакаҳои иттилоотӣ ва пайвастшавии онҳо ба шабакаи Интернет яке аз самтҳои муҳими сиёсати соҳаи маориф ба шумор меравад.

**3. ВАЗЪИ КУНУНИИ НИЗОМИ МАОРИФ ВА ТАШКИЛИ САМТИ ГУЗАРИШ БА ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ**

18. Муҳити таҳсилоти рақамии муассисаҳои таҳсилотӣ маҷмуи воситаҳои ТИК-ро дар бар мегирад, ки истифодаи онҳо бояд мунтазам ба роҳ монда шавад ва ба талаботи стандартҳо ва нақшаву барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҷавобгӯ бошад.

19. Муҳити таҳсилоти рақамии муассисаҳои таҳсилотӣ бояд фазои ягонаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва воситаи муассири идоракунии сифати амалигардонии барномаҳои таҳсилотӣ барои ҳамаи субъектони раванди таълиму тарбия гардад.

20. Муҳити таҳсилоти рақамии муассисаҳои таълимӣ як низоми идорашаванда ва босуръат рушдёбанда, воситаҳои рақамӣ ба объектҳои раванди таҳсилот бо дар назар доштани тамоюлҳои муосири таҷдиди муассисаҳои таълимӣ мебошад.

21. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 2021 дар доираи амалигардонии барномаҳои давлатии татбиқи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 2003) муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо 76732 компютер, 11962 принтер, 1130 сканер, 3274 тахтаи электронӣ ва 4359 проектор таъмин гардиданд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилотӣ 3755 синфхонаҳои технологияи иттилоотӣ ташкил гардида, аз фанни мазкур 5210 омӯзгор, аз ҷумла 4352 нафар бо таҳсилоти олӣ (83,5 фоиз) ва 782 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ (15,1 фоиз) ба хонандагон дарс медиҳанд.

22. Барои баланд бардоштани самаранокии кори омӯзгорон ва сатҳи дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ташкил намудани китобхонаи мутамаркази электронӣ ва пайваст намудани онҳо зарур мебошад. Тибқи маълумот, ба ҳолати соли 2021 426 муассисаи таҳсилоти умумӣ дорои китобхонаи электронӣ буда, 2512 муассисаи таҳсилоти умумӣ тариқи ADҒL, WiMAX, Dial-Up, Optic, Wi-fi ба шабакаи Интернет пайваст мебошанд. Зарур аст, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тариқи ройгон ба низоми электронии Китобхонаи миллӣ пайваст карда шаванд.

23. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3002 компютер, аз ин теъдод 1913 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 629 компютер барои истифодаи хидматӣ қарор дорад. 150 синфхонаи компютерӣ ва компютерҳое, ки ба шабакаи Интернет пайваст гардидаанд, 451 ададро ташкил медиҳад. Инчунин, 159 адад тахтаи электронӣ, 250 адад проектор, 19 адад факс, 237 адад сканер, 369 адад нусхабардор барои тарғибу оммафаҳм гардонидани раванди таълиму тарбия истифода бурда мешавад.

24. Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз теъдоди умумии компютерҳои мавҷуда 476 адад компютер дар ҳолати ғайрикорӣ қарор доранд, ки онҳо таъмирталаб мебошанд.

25. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 5617 компютер, аз ин теъдод 3290 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 1532 компютер дар истифодаи хизматӣ қарор дорад. 161 синфхонаи компютерӣ ва компютерҳое, ки бо шабакаи Интернет пайваст гардидаанд 1676 ададро ташкил медиҳад. Инчунин, барои оммафаҳмии раванди таълиму тарбия аз 442 адад тахтаи электронӣ, 571 адад проектор, 42 адад факс, 448 адад сканер, 647 адад нусхабардор истифода бурда мешавад.

26. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ аз теъдоди умумии компютерҳои мавҷуда 498 адад компютер дар ҳолати корношоям қарор доранд, ки онҳо таъмирталаб мебошанд.

27. Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 21399 компютер, аз ин теъдод 9906 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 8340 компютер барои истифодаи хизматӣ қарор дошта, инчунин, адади синфхонаи компютерӣ 352 ва компютерҳое, ки бо шабакаи Интернет пайваст гардидаанд, 10170 ададро ташкил медиҳанд. Барои тарғибу оммафаҳм гардонидани раванди таълиму тарбия аз 1604 адад тахтаи электронӣ, 2549 адад проектор, 63 адад факс, 1109 адад сканер, 1892 адад нусхабардор истифода бурда мешавад.

28. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ аз теъдоди умумии компютерҳои мавҷуда 1432 адад компютер дар ҳолати корношоям қарор дошта, онҳо таъмирталаб мебошанд.

29. Дар асоси таҳлили вазъи кунунӣ дар раванди рақамикунонии соҳа афзалиятҳои кӯтоҳ ва миёнамуҳлати зерин зарур мебошанд:

- таъсиси механизми устувори хизматрасонӣ, таъмир ва навсозии таҷҳизоти рақамӣ дар истифодаи технологияи рақамӣ, бахусус барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ, инчунин муҷаҳҳаз гардонидан ва пайваст намудани муассисаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии низоми маориф, марказҳои ТИК-ро, ки ба дӯши онҳо вазифаи татбиқи низоми нави рақамӣ ва дастгирии муассисаҳои таҳсилотӣ дар раванди рақамикунонӣ ба шабакаи ягона гузошта шудааст;
- омӯзиш ва дастгирии масъулин, роҳбарон, тренерон, устодон дар соҳаи маориф, инчунин омӯзгорон бо мақсади тавсеаи салоҳиятҳои рақамии онҳо, иштироки фаъол дар раванди рақамикунонии соҳа ва такмили ихтисос ҷиҳати таъмини амалисозии таҳсилоти омехта, фарогир ва босифат;
- таҷдиди назар кардани усулҳои таълимӣ ва омӯзишӣ, махсусан дар самти такмили ихтисоси омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ.

30. Тадбири мазкур бо рушди барномаи заминавии рақамӣ алоқаманд аст, ки мавод ва таҷҳизотро ба ҳам муттаҳид сохта, дастрасии мунтазамро ба чунин захираҳо таъмин менамояд. Зарур аст, ки дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати асоснок намудани тасмимҳо оид ба сармоягузории минбаъда ба инфрасохтори рақамӣ ва имкони ба он пайвастшавиро, ки ба ҳадафҳои таълимии беҳтар хизматрасонанда медиҳанд, истифодабарии дастгоҳҳои мобилӣ дар шакли озмоишӣ роҳандозӣ карда шавад.

31. Дар ин раванд воситаҳои зерин муҳим мебошанд:

- идомаи раванди ҳамоҳангсозии чорабиниҳои Консепсия бо дурнамо ва стратегияҳои миллӣ, инчунин қоидаву амалияи байналмилалӣ;
- тақвияти шарикиҳое, ки рақамикунонии соҳаи маорифро дастгирӣ менамоянд. Барои ноил гардидан ба чунин ҳадафҳои бузург талошҳои муштараки бахши хусусӣ, сохторҳои байниҳукуматии молиявӣ ва ташаббусҳои байналмиллалӣ ва маҳаллӣ дар самти таҳсилоти рақамӣ, муассисаҳои давлатӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор лозим мебошад;
- таъмини мувофиқат намудани маблағгузории омехтаи давлатӣ, беруна ва хусусӣ ҷиҳати таъмини маблағгузории муносиб ва устувор, ки монеаҳои мавҷударо бартараф мекунанд. Ин бояд ба арзёбӣ ва таҳлили амиқи ҷамъи хароҷот ва фоида аз роҳандозӣ намудани иқдоми рақамикунонӣ дар низоми маориф асос ёбад.

32. Айни замон муассисаҳои соҳаи маориф дар фаъолияти худ бо мушкилии компютерҳо, низомҳои амалиётӣ, серверҳо ва шабакаҳои кӯҳна дучор мебошанд. Дар маҳалҳо таносуби кормандон ва адади компютерҳои навтарин мувофиқат намекунад. Ба муассисаҳои таҳсилотӣ таҷхизоте намерасад, ки таълимро берун аз синфхонаи компютерӣ ба роҳ монанд. То ҳол барномаи заминавии марказии рақамӣ вуҷуд надорад, ки таҳсилоти рақамӣ ва маводи таълимиро барои тамоми ҷонибҳои манфиатдор дастрас намояд. Низоме бояд таъсис дода шавад, ки роҳҳои нигоҳдорӣ, таъмир ва аз ҳисоб баровардани дастгоҳҳо ва навсозии таъминоти барномавӣ (хусусан низомҳои амалиётӣ барои пешгирӣ кардани хавфҳо)-ро танзим карда тавонад. Барои истифодаи осон ва тӯлонии таҷҳизоти кӯҳна бояд ба барномаи иловагӣ бо рамзи аввалияи кушода бартарӣ дода шавад. Ба истифодаи дубора ва таъмири таҷҳизот таваҷҷуҳ додан муҳим мебошад. Тамоми дастгоҳҳо бояд то ҳадди имкон пурра истифода бурда шаванд. Барои барномаҳо ва таҷҳизот хизматрасонии техникӣ муҳим мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як муассиса бояд

оид ба хидматрасонии ҳаррӯзаи дастгоҳҳои рақамӣ маълумот дошта бошад ва марказҳои ТИК имконияти мусоидат ба хизматрасонӣ ва таъмири онҳоро дошта бошанд.

33. Вазъи таҷҳизоти ТИК ва эҳтиёҷот ба онҳо бояд ба қайд гирифта шавад ва тавассути низоми идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф назорат бурда шавад, зеро ТИК ҳангоми гузариш ба таҳсилоти рақамӣ нақши муҳим дорад ва он метавонад ҳамчун захира дар равандҳои таълим ва омӯзиш истифода шавад. Дар оянда на танҳо синфхонаҳои компютерӣ макону фазои таҳсилоти рақамӣ буда метавонанд, балки хонандагон дастгоҳҳои мобилиро (аз қабили смартфон, планшет ва компютерҳо) барои омӯзиши дигар фанҳо ва фазои таълимӣ низ истифода хоҳанд бурд.

34. Мувофиқи нақша портали ягонаи маориф ва илм таъсис дода мешавад, ки ба талаботи сифати техникӣ ва мавод ниёз дошта, бархе аз талаботи он дастрасӣ, махфияти иттилоот ва камхарҷӣ мебошад. Дастрасӣ ба портали мазкур ва маводи омӯзишию методӣ ройгон буда, тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ ба он пайваст хоҳанд шуд. Тадбири мазкур ба хонандагон имконият медиҳад, ки ба маводи таълимии аз ҳама босифат ва навтарин дастрасӣ пайдо намоянд ва омӯзгорон бо маводи олии таълимӣ мубодила намоянд.

35. Барои расидан ба ин ҳадафҳо чунин корҳо бояд анҷом дода шаванд:

- таҳияи нақшаи навсозии техникаи рақамӣ, низоми амалиётӣ ва компютерӣ аз ҷониби маъмурони ТИК дар муассисаҳо (раёсат ва шуъбаҳои маориф дар вилоят, шаҳру ноҳияҳо, марказҳои ТИК, муассисаҳои таҳсилотӣ);
- таҳлили иттилоот оид ба таҷҳизоти ТИК ҷиҳати таҳияи нақшаи харид барои таъмини он, ки роҳбарон, маъмурият, кормандони ёрирасон, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ дар тамоми муассисаҳои таълимӣ ба шакли маводи муқаррарӣ дар ҷойҳои корӣ ба компютер ва таҷҳизоти иловагӣ дастрасии мунтазам дошта бошанд;
- банақшагирӣ ва амалисозии минбаъдаи талаботи банақшагирифташуда ба сифати портали ягонаи нави маориф ва илм, ки ба нақша гирифта шудааст;
- насби сервери хусусӣ барои видео-конфронсҳои ройгон ҷиҳати робита пайдо кардан бо раёсату шуъбаҳои маориф ва ғайра, инчунин истифодаи барномаи муштарак, ки таъсири вобастагиро надорад;
- дастрасӣ, насб ва омӯзиши масъулони соҳа оид ба истифодаи таҷҳизоти харидоришуда (планшетҳо, компютерҳо, низоми идоракунии таҳсилот) барои лоиҳаҳои намунавӣ;
- баъд аз арзёбии лоиҳаҳои намунавӣ таҳияи нақшаи харидорӣ, дастурҳои методӣ ва нишондиҳандаҳои оммавӣ ҷиҳати амалӣ намудани иқдоми мазкур пас аз арзёбии лоиҳаҳои намунавӣ.

## 4. ШАКЛҲОИ ТАШКИЛИ ГУЗАРИШ БА ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ

36. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ҷалби таваҷҷуҳ ба таҳия ва татбиқсозии номгӯйи хизматрасониҳои электронӣ дар низоми маориф, аз ҷумла, таъмини фаъолияти муассисаи таҳсилотӣ ва таъмини ташаккули маълумоти оморӣ дар бораи низоми маориф, муассисаи таҳсилотӣ, иштирокчиёни раванди таълимӣ зарур мебошад.

37. Тибқи ин рушди таҳсилоти рақамӣ ва ҷорӣ намудани ТИК дар раванди таълим самти афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Аҳамияти ин самт аз зарурати қонеъ гардонидани сатҳи нави талаботи муосир иборат аст, ки таъсиси низоми таълиму тарбияи корбарони соҳибмаърифат, таъмини усулу равиши пайдарпайии омӯзиш ба фазои иттилоотӣ ва ташаккули салоҳияти хонандагону донишҷӯёнро дар таълиму тарбия тақозо менамояд.

38. Идоракунии иттилоот яке аз самтҳои асосӣ ва қисми муҳимтарини рақамикунонӣ дар соҳаи маориф мебошад. Барои рақамикунонии ба далелҳо ва иттилоот асосёфтаи соҳаи маориф низоми пурраи фаъоли идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф омили асосӣ мебошад. Бояд низоми идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф таҷдиди назар гардида, бо технологияи нав ба фаъолият оғоз намояд. Бо низоми навсозишудаи идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф инфрасохтори ТИК ва таҷҳизот дар муассисаҳои таҳсилотӣ метавонанд пайваста назорат карда шаванд, эҳтиёҷоти корбарони ТИК арзёбӣ ва натиҷаҳои лоиҳаҳои намунавии ба ТИК алоқаманд пайгирӣ шаванд. Чунин иттилоот метавонад асоси эътимодбахши харидории минбаъдаи дастгоҳҳои рақамӣ дар ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдори мухталиф, ҳамчун замина барои

тақвияти алоқа ба Интернет, шабакаи ягонаи таҳсилотӣ ва рушди иқтидори муассисаҳо ва салоҳиятҳои масъулини соҳа гарданд.

39. Дар лоиҳаҳои намунавӣ, ки дар Консепсия пешниҳод шудаанд, арзёбии таҷҳизоти нав (планшетҳо, компютерҳо ва низоми идоракунии таълим) бояд гузаронида шавад. Иттилооти дар натиҷаи арзёбии чорабиниҳои намунавӣ дастрасгардида амалҳои такрориро собит хоҳад кард. Ҳамин раванд ба ҷорӣ намудани технологияҳои ёрирасон барои таҳсилоти фарогир низ таалуқ дорад.

40. Воситаҳо ва усулҳои интиқоли иттилоот рушди касбияти минбаъдаро талаб мекунад. Ин дастрасӣ ба сервери маъмурӣ ва истифодаи почтаи электронии маъмуриро дар тамоми зерсохторҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

41. Бархе аз амалҳо дар самти ноил гардидан ба ин ҳадафҳо чунин мебошанд:

- ба мувофиқа расидан оид ба талабот ва равандҳои ҷамъоварии иттилооти низоми идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф (аз ҷумла, мутобиқсозии низоми идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф барои дар бар гирифтани барӯйхатгирии тамоми дастгоҳҳои рақамӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва нақшаи пайвастшавии муассисаҳои таҳсилотӣ ба шабакаи Интернет);

- ташкил намудани низоми арзёбии лоиҳаҳои намунавӣ, ки механизмҳои интихоб, омодагӣ ва робитаи баръакс бо иштирокчиён (муассисаҳои таълимӣ, устодон, тренерон ва омӯзгорон, хонандагон, волидон ва ҷомеа)-ро дар бар мегирад ва гузаронидани мониторинги якҷоя ва арзёбии лоиҳаҳои намунавиро ба роҳ мемонад;

- таҳияи низом барои тадқиқоти минбаъда, масалан ҷорӣ намудан ва самаранокии ТИК дар фанҳои мухталиф, омодагии омӯзгорони оянда барои истифодаи ТИК дар фанҳои худ ва самаранокии маводи таҳсилоти рақамӣ;

- таҳияи низом барои ҷамъоварии солонаи иттилоот оид ба ТИК тавассути низоми идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф ва таҳлили иттилоот (масалан, бақайдгирии корбарони ТИК ё механизмҳои фикру мулоҳизаҳо, дар ҳамгироӣ бо муқаррароти таҳсилоти фосилавӣ).

## 5. РУШДИ ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ

42. Консепсия гузариши таҳсилоти рақамиро ба амалисозии дурнамои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд.

43. Дар ҷумҳурӣ вобаста ба рушди таҳсилоти рақамӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав таҳия гардида, дар муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти идоракунии маориф лоиҳаҳои намунавӣ (озмоишӣ) таҳия ва амалӣ карда мешавад.

44. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар сохаи маориф ва илм якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор барои рушди таҳсилоти рақамӣ санадҳои ҳуқуқии дахлдорро таҳия ва амалӣ мекунанд.

45. Лоиҳаҳои намунавӣ (озмоишӣ), пилотӣ ва таҷрибавӣ бо мақсади ҷустуҷӯ ва ҷорӣ намудани шакл ва усулҳои муътадили рушди самараноки гузариш ба таҳсилоти рақамӣ роҳандозӣ карда хоҳанд шуд.

46. Дар замони муосир соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба насли нави мутахассисони донандаи технологияҳои иттилоотӣ ниёз дорад. Маҳз онҳо метавонанд ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанд.

47. Барои рушди минбаъдаи бомуваффақи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ заминаи меъёрию ҳуқуқии соҳа ба ислоҳот ниёз дорад. Дар асоси дурнамои нави рақамикунонӣ дар ҷумҳурӣ ва тадбирҳои сатҳи умумиҷаҳонӣ, зарурати бартараф намудани қисме аз маҳдудиятҳои мавҷуда (масалан, манъи истифодаи дастгоҳҳои дастии инфиродӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ) ва дар ин замина таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён меояд.

48. Маълум аст, ки таҳсилоти рақамӣ ба ТИК асос меёбад. Аммо, дар айни замон, низоми умумии бехатарӣ дар Интернет, инчунин, низоме, ки хонандагону донишҷӯёнро дар фазои Интернет муҳофизат намояд, вуҷуд надорад. Дар ин сурат, вобаста ба масъалаи талаботи ҳифзи иттилоот ва маҳдуд намудани дастрасӣ ба иттилооти зараровар бояд чораҳо андешида шаванд.

49. Барои навсозии компютерҳо, серверҳо ва таҷҳизоти шабакавии корӣ ва таъмини пайвастшавии боэътимод ба шабакаи Интернет мушкилоти бузург вуҷуд дорад. Чӣ қадаре, ки таҷҳизот бештар истифода шавад, ҳамон қадар муҳиммияти мавҷуд будани дастурамалҳои стандартӣ оид ба истифода, хизматрасонии техникӣ ва таъмири он ба миён меояд, чунки банақшагирии харидорӣ ва насби таҷҳизот дар сатҳи миллӣ дар асоси самаранокӣ ва хароҷот

амалӣ мегардад. Аммо, амалишавии он бояд тибқи тартиби муқарраргардида мутамарказ бошад. Ин на танҳо аз мушкилоти ҳифзи иттилоотро дар саросари кишвар пешгирӣ мекунад, балки аз қатъи дастрасӣ ба иттилоот дар миқёси ҷумҳурӣ низ пешгирӣ мекунад.

50. Барои расидан ба ин ҳадафҳо тадбирҳои зерин заруранд:

- навсозии шабакаи маҳаллӣ дар Вазорати маориф ва илм ва зерсохторҳои он, инчунин омода намудани ҳуҷраҳои серверӣ;

- навсозии маркази пайвастшавии ТИК (хатти нурӣ) ва омода намудани ҳуҷра барои сервер;

- бунёди шабакаҳои маҳаллӣ дар шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва пайваст намудани онҳо ба Интернет;

- бунёди шабакаҳои маҳаллӣ дар минтақаҳо;

- таҳия ва қабули нақшаи пайваст намудани муассисаҳои таҳсилотии интихобӣ ба шабакаи Интернет ва тарҳи роҳҳои пайвастшавии оянда барои муассисаҳо.

51. Мушкилоти дигари ҷиддӣ, ин таъмини дастрасӣ, омодагӣ ва ҳавасмандии кормандони соҳаи маориф ҷиҳати татбиқу амалӣ намудани ТИК мебошад. Барои дастгирии раванди рушди иқтидори кормандон, бояд муқаррарот, тартибу низомҳо ва нақшаҳои ҳавасмандгардонӣ таҳия карда шаванд.

52. Дар робита ба портали ягонаи маориф ва илм, ки бояд ба ҳамагон имконияти дастрасӣ ба мавод ва шабакаҳои рақамиро таъмин намояд, зарурати ҷорӣ гардидани низоми ҷиддии кафолати сифат, муқаррарсозии усулу методи таъминкунандаи истифодаи технология ва сифати маводи дар он ҷо нигоҳдорӣ ё ҷойгиршаванда ба миён меояд.

53. Барои расидан ба ин ҳадафҳо чунин корҳоро бояд ба анҷом расонид:

- таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани мафҳумҳои нав, муқаррар намудани меъёри стандартҳои рақамикунонии соҳаи маориф, талаботи зарурӣ оид ба истифода ва татбиқи ТИК дар соҳаи маориф, бехатарӣ, муҳофизат ва махфият ҳангоми истифодаи технологияи рақамӣ дар муассисаҳо (аз ҷумла, иҷозат барои истифодаи дастгоҳи рақамии шахсӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ), оид ба бақайдгирии таҷҳизот, уҳдадориҳо оид ба таъмир ва хизматрасонии техникии онҳо, навсозӣ, истифодаи дубораи таҷҳизоти ивазшуда ва қисмҳои эҳтиётӣ, таъмири таҷҳизот, инчунин, навсозии барномаҳои сахтафзор ва нармафзор (барномаҳои компютерӣ) барои рафъи хатари ба охир расидани муҳлати истифодабарӣ ва фаъолияти онҳо оид ба омода намудани маводи таълимии электронӣ ва барномаҳои заминавии таҳсилотӣ;

- қабули нақшаи нави чорабиниҳо оид ба пайваст намудани раёсату шуъбаҳои маориф ба инфрасохтори ТИК дар сатҳи марказӣ;

- таҳия ва татбиқи Барномаи давлатии амалӣ намудани ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027.

## 6. НИШОНДИҲАНДАҲОИ САМАРАНОКИИ ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ

54. Бо амалӣ шудани таҳсилоти рақамӣ формати (шакли) идоракунии муассисаҳои таҳсилотӣ тадриҷан тағйир меёбад. Дар муассисаҳои таҳсилотӣ муҳити ба истилоҳ рақамӣ ташкил меёбад. Дар оянда рӯзномаҳои электронӣ, тахтаҳои электронӣ бо мундариҷаи интерактивӣ, компютерҳо ва планшетҳо истифода мешаванд.

55. Таҳсилоти рақамӣ муассисаҳои таҳсилотиро бо усул ва воситаҳои таълими классикӣ маҳдуд намекунад. Худи раванди таҳсилот васеътар шуда, ҳарчи бештар хонандагону донишҷӯёнро ҷалб гардида, ҳама шароитро барои бомуваффақият аз худ кардани дониш пешниҳод мекунад.

56. Дар баробари ин, муассисаҳои таҳсилотӣ бояд бо Интернети баландсуръат таъмин гардида бошанд.

57. Хонандагону донишҷӯён дар раванди таълим аз захираҳои интернетӣ истифода бурда, аз он ҷо маълумоти ба онҳо заруриро дарёфт мекунанд. Ҳамзамон, хонандагону донишҷӯён нусхаҳои электронии китобу дастурҳои дарсиро афзалтар медонанд.

58. Китобхонаҳои электронӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ нақши муҳим хоҳанд дошт. Дар ин гуна китобхонаҳо бояд нусхаҳои электронии китобҳои дарсӣ мавҷуд бошанд. Аммо муҳимтар

аз ҳама, технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки мундариҷаи таълим аз ҳисоби татбиқи технологияҳои нав амалӣ карда шавад.

59. Бо амалӣ гардидани таҳсилоти рақамӣ вазифаҳои омӯзгор низ тағйир меёбад. Омӯзгор дар ин шакли таҳсил нақши “миёнарав”-ро мебозад. Вай шахсиятест, ки донишро мустақиман интиқол медиҳад ва хонандагону донишҷӯён бошанд, бояд ҳар як амалро бодиққат "нусхабардорӣ" кунанд.

60. Дар муассисаҳои таҳсилотӣ, ки гузариш ба таҳсилоти рақамӣ амалӣ мегардад, ҳадаф ин таъмини мустақилияти хонандагону донишҷӯён гузошта мешавад. Дар ин маврид омӯзгор бояд дар баробари таълим бештар роҳбаладӣ кунад ва бе дастури муайян чӣ тавр мустақилона иҷро кардани кореро пешниҳод кунад.

61. Дар натиҷаи амалисозии Консепсия ба даст овардани натиҷаҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- низоми маориф ба низоми Ҳукумати электронӣ ворид карда мешавад;
- хидматрасониҳои таълимоти электронӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчи бештар дастрас мегардад;
- барномаҳои таълимӣ ба шароитҳои тағйирёбандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешрафти илмию техникӣ мутобиқ карда мешаванд;
- навсозии сифатии кадрҳои соҳаҳои иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ ба амал меояд;
- сифати хизматрасонии таълимӣ беҳтар мегардад;
- теъдоди нашрияҳои чопшаванда дар раванди таълим ва гардиши ҳуҷҷатҳо дар низоми маориф кам мешавад;
- дастрасӣ ба маводи зарурӣ барои гузаронидани дарсҳо сода ва тезонида мешавад;
- раванди назорати дониши хонандагону донишҷӯён ба низом дароварда мешавад;
- низоми такмили муттасилонаи тахассусии омӯзгорон дар асоси усулҳо ва технологияҳои нави таълим ҷорӣ карда мешавад.

62. Афзалиятҳои таҳсилоти рақамӣ иборатанд аз:

- хонандагону донишҷӯён бештар мустақилона кор мекунанд. Онҳо худашон маълумотро ҷустуҷӯ мекунанд ва ҳамзамон, истифодабарӣ ва паҳн кардани онро низ аз худ мекунанд;
- истифодаи китоб кам гардида, китобҳои дарсии электронӣ онҳоро иваз мекунанд;
- барномаи таълимӣ бо суръати бештар инкишоф меёбад. Маълумоти навтарин ҳамеша дар дасти хонандагону донишҷӯён хоҳад буд ва технологияҳои иттилоотии оянда барои гуногунтар ва ҷолибтар гузаштани дарсҳо мусоидат хоҳанд кард;
- рушди технология боиси гузариши пурра ба омӯзиши онлайн мегардад.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА МЕХАНИЗМИ АМАЛИГАРДОНИИ КОНСЕПСИЯ

63. Барои амалисозии Консепсия истифодаи маблағҳои сарчашмаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

- буҷети ҷумҳуриявӣ оид ба барномаҳои давлатии дар соҳа амалишаванда;
- буҷетҳои маҳаллӣ;
- сармоягузории хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва шарикони рушд;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

64. Барои амалигардонии Консепсия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегия таҳия ва тасдиқ карда мешавад.

65. Бо дар назар доштани мақсад ва вазифаҳои рушди гузариш ба таҳсилоти рақамӣ таъсиси механизми амалисозии Консепсия пешбинӣ мешавад, ки аз инҳо иборат аст:

- ҷалби намояндагони ҳамаи тарафҳои манфиатдор (мақомоти ҳокимияти давлатӣ, соҳибкорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷомеаи илмию таҳсилотӣ, шарикони байналмилалӣ оид ба рушд);
- шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ оид ба фаъолияти худ;
- истифодаи муносибати лоиҳавӣ ба амалисозии Консепсия;
- амалисозии молиявӣ барои ташаккул ва рушди инфрасохтори иқтисоди рақамӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ.

## 8. МОНИТОРИНГ ВА БАҲОДИҲИИ АМАЛИСОЗИИ КОНСЕПСИЯ

66. Мониторинг ва баҳодиҳии амалисозии Консепсия аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм гузаронида мешавад.

67. Дар рафти амалисозии Консепсия мақомоти дахлдор ҳар семоҳа ба мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм оид ба гузариш ба таҳсилоти рақамӣ маълумот пешниҳод менамоянд. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ҳамасола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти амалисозии Консепсия маълумот пешниҳод мекунад.

68. Маълумот оид ба рафти амалисозии Консепсия ва ҳисоботи солона дар сомонаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ҷойгир карда мешавад.

**9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

69. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатиро ҳамоҳанг намуда, ҳамкориро бо бахши хусусӣ, ҷомеа ва шарикони рушд бо мақсади иҷрои самараноки Консепсия ба роҳ мемонад.

**РУЙХАТИ ИХТИСОРОТ**

**ТИК** -Технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

**Платформаҳо** - заминаи барномавӣ ва ё техникии ТИК

**Портал** - торнамои ягонаи иттилоотӣ

**ADSL** - хати ассиметрии рақамии муштарӣ. Технологияи модем, ки дар он маҷрои канали мавҷуда ба таври ассиметрӣ байни трафики содиротӣ ва воридотӣ тақсим карда шудааст. Азбаски барои аксари корбарон ҳаҷми трафики воридотӣ аз ҳаҷми трафики содиротӣ хеле зиёд аст, суръати трафики содиротӣ нисбатан паст аст.

**WiMAX** - технологияи телекоммуникатсионӣ, ки барои таъмини алоқаи бесими универсалӣ дар масофаи дур барои доираи васеи дастгоҳҳо пешбинӣ шудааст.

**Dial-Up** - хизматрасоние, ки ба компютер имкон медиҳад, ки бо истифода аз модем ва шабакаи телефонии ҷамъиятӣ ба компютери дигар пайваст шавад, то сессияи интиқоли маълумотро оғоз кунад.

**Optic** - пайвастшавӣ ба Интернет тавассути хати нури (оптикӣ). Оптика одатан рафтори радиатсияи намоён, ултрабунафш ва инфрасурхро тавсиф мекунад.

**Wi-Fi** - як шабакаи маҳаллӣ мебошад, ки дар асоси технологияҳои бесим сохта шудааст. Бо ин усули сохтани шабакаҳои интиқоли маълумот тавассути радио амалӣ карда мешавад.

**Низомҳои амалиётӣ** - маҷмӯи барномаҳои бо ҳам алоқаманд, ки барои идоракунии захираҳои компютерӣ ва ташкили ҳамкории корбарон пешбинӣ шудаанд.

**Сервер** - компютери махсусест, барои иҷрои нармафзорҳои хизматрасон барои дигар истифодабарон бе иштироки одам. Дигар компютерҳо ё ҳатто серверҳои дигар метавонанд ба он пайваст шаванд. Сервер одатан назар ба компютери муқаррарӣ тавонотар аст, зеро он бояд доимо вазифаҳои зиёдеро иҷро кунад.

**ДҶТИБКСМ** - Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Сахтафзор** - ин қисмҳои асосии компютер мебошад.

Ба сахтафзорҳо дохил мешавад:

- монитор;
- клавиатура;
- блоки системавӣ;
- мушак;
- платаи асосӣ;
- хотираи фаврӣ;
- хотираи доимӣ. Диски дурушт;

**Нармафзор** - ин барномаҳои компютерӣ мебошад.

Ба нармафзорҳо дохил мешавад:

- системаи амалиётӣ;
- барномаҳои офисӣ;
- барномаҳои барномасозӣ;
- барномасозии барномаи технологияҳои IT;
- технологияи иттилоотӣ.

# МУАММОИ «МАОРИФ»
## Чайн-кроссворд




1.Илм дар бораи таълиму тарбия. 2. Қутби Шимоли замин. 3. Парранда, алошақшақа. 4. Илм барои омӯхтани ҷирмҳои осмонӣ. 5. Кӯл дар ВМКБ. 6. Ноҳия дар Тоҷикистон. 7. Нимноқил. 8. Асбоб барои каму зиёд кардани қувваи ҷараён дар занҷир. 9. Духтур. 10. Таҷҳизот барои тадқиқоти зериобӣ дар баҳр. 11. Шоири бузурги адабиёти классикии тоҷику форс, муаллифи «Шоҳнома». 12. Ҳиссаи мустақили нутқ. 13. Шоири халқии Тоҷикистон. 14. Фигураи геометрӣ. 15. НБО дар мамлакат. 16. Шабакаи пайвасти компютерҳои ҷаҳон. 17. Қаҳрамони Тоҷикистон. 18. Китоби аввалини хонандагон. 19. Растании техникӣ. 20. Қаҳрамони халқи тоҷик. 21. Воҳиди дарозӣ. 22. Ришта. 23. Шоираи тоҷику ӯзбек. 24. Қитъа. 25. Навъи тутӣ. 26. Мучали соли мелодии 2026. 27. Қаравули шабона. 28. Гули обӣ. 29. Галаи гӯсфандон. 30. Воҳиди қувваи ҷараён. 31. Сохти давлат. 32. Пойтахти Эфиопия. 33. Қаторкӯҳҳо дар Европа.

*Тартибдиҳанда Нуралишо СУЛАЙМОНШОЕВ,*
*Аълочии матбуоти Тоҷикистон*